# Бонкдорӣ Тараққиёт Ҷаҳонишавӣ

ш.Душанбе, х.Рӯдакӣ 107А
тел: +992 (44) 600-32-49
e-mail: majalla@nbt.tj

МАҶАЛЛАИ БОНКИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

ЯНВАР-МАРТИ 2019

**ЧЕҲРАҲО / ЛИЦА / FACES**

**Александр Еремин,** бонкдор
**Фирдавс Толибов,** иқтисодчӣ
**Халилуллоҳ Наҷибуллоев,** коршинос
**Файзулло Файзуллозода,** иқтисодчӣ

61 АЛЕКСАНДР ЕРЕМИН: "МЫ СТОРОННИКИ ТОГО, ЧТОБЫ СТАВКИ РЕГУЛИРОВАЛ РЫНОК..."

42 DeДОЛЛАРИКУНОНИИ ИҚТИСОДИЁТ БА МАНФИАТИ КИСТ?

70 ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН: ФАЪОЛИЯТИ БОСАМАР ДАР САМТИ МКД/МТ ВА МПСҚО

ҚАРЗҲОИ ҒАЙРИФАЪОЛ – ҚАРЗҲОЕ, КИ ФАЪОЛИЯТИ БОНК АЗ ОНҲО ВОБАСТАГӢ ДОРАД 37

БОВАРӢ ВА ЭЪТИМОДИ МАРДУМ МАРОМИ НИЗОМИ БОНКӢ АСТ 20

*Таҷлили Рӯзи модар ва фарорасии баҳори нозанин фархунда бод!*



# 2019–2021
## “Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ»

2018 СОЛИ РУШДИ САЙЁҲӢ ВА ҲУНАРҲОИ МАРДУМӢ 2018 YEAR OF TOURISM DEVELOPMENT AND FOLK CRAFTS



**Бо мақсади вусъат бахшидан ба ҳалли масъалаҳои зикршуда ва бо дарназардошти зарурати инкишофи инфрасохтори деҳот пешниҳод менамоям, ки солҳои 2019-2021 “Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ» эълон карда шаванд.**

Эмомалӣ Раҳмон

# ДАР ИН ШУМОРА:»


**3**
**ПРЕЗИДЕНТ: "МОДАР, ДАР ҲАҚИҚАТ, САЗОВОРИ ҲАМА ГУНА ҚАДРШИНОСӢ ВА ДӮСТДОРӢ МЕБОШАД"**
Табрикоти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба муносибати Рӯзи модар, 07.03.2019, шаҳри Душанбе

**31**
**ЯКЕ АЗ МАСЪАЛАҲОИ ҲАЛТАЛАБ КОҲИШ ДОДАНИ ҚАРЗҲОИ ҒАЙРИФАЪОЛ МЕБОШАД**
Бо мақсади беҳтар намудани пардохтпазирӣ ва зиёд кардани иқтидори қарздиҳии худ бонкҳои ватанӣ …

**20**
**БОВАРӢ ВА ЭЪТИМОДИ МАРДУМ МАРОМИ НИЗОМИ БОНКӢ АСТ**
Дар ҷаласаи васеъи роҳбарияти Бонки миллии Тоҷикистон бо роҳбарони ташкилотҳои қарзии ватанӣ ва хориҷӣ, шуъбаҳои минтақавии Бонки миллии Тоҷикистон …





**37**
**ҚАРЗҲОИ ҒАЙРИФАЪОЛ – ҚАРЗҲОЕ, КИ ФАЪОЛИЯТИ БОНК АЗ ОНҲО ВОБАСТАГӢ ДОРАД**
Ташкили саривақтии фонди талафоти эҳтимолӣ аз рӯи дороиҳо аз як тараф арзиши воқеии дорой, аз ҷумла қарзро нишон диҳад, аз тарафи дигар сарбориро …

**48**
**ТАШАККУЛИ САТҲИ ТАВАРРУМ ДАР НИЗОМИ ОМОРИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
Баҳисобгирии сатҳи таваррум дар низоми миллии омори Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи методологияи омори байналхалқӣ, пеш аз ҳама, таҷрибаи …

**54**
**АЛЕКСАНДР ЕРЕМИН: “МО ҶОНИБДОРИ ОН ҲАСТЕМ, КИ ФОИЗҲОРО БОЗОР БА ТАНЗИМ ДАРОРАД...”**
Мо ин солро бо даромаднокии 16 млн. сомонӣ ҷамъбаст намудем, ки он аз нақша 28 % зиёд буда, дар давоми 7 соли охир ин дуввумин натиҷаи назарраси даромади софи ташкилоти мо ба шумор меравад.

**67**
**МУШОРАКА**
Ҳар амале, ки анҷом додани он барои яке аз шарикон дар ширкати “инон” дуруст аст анҷом додани он барои шарикон дар ширкати “муфоваза” низ дуруст аст …





**42** **ДЕДОЛЛАРИКУНОНИИ ИҚТИСОДИЁТ БА МАНФИАТИ КИСТ?**

**76**
**ҚОНУНИ НАВ ФАЪОЛИЯТИ ҚАРЗДИҲӢ ВА ҚАРЗБАРГАРДОНИРО ОСОНТАР МЕГАРДОНАД**
Ин қонун бо мақсади беҳтар намудани фазои муносибатҳои пулию молии байни субъектҳо, дастгирӣ …

**9**
**ТАШКИЛОТҲОИ ҚАРЗИИ НИЗОМСОЗ ВА ЭҲТИМОЛӢ МУАЙЯН ШУДАНД**
Дар ин хусус Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон дар асоси “Қоидаҳои муайян намудани ташкилотҳои қарзии низомсоз …"

# В ЭТОМ НОМЕРЕ:»




**10** ДУРНАМОИ СИЁСАТИ ПУЛИЮ ҚАРЗИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН БАРОИ СОЛИ 2019 ВА ДАВРАИ МИЁНАМУҲЛАТ



**70**

**ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН: ФАЪОЛИЯТИ БОСАМАР ДАР САМТИ МКД/МТ ВА МПСҚО**

Дар ҷараёни Ҷаласаи 29-уми пленарӣ озмуни ҳарсола оид ба ҳамкории беҳтарини мақомоти давлатӣ дар самти ошкорнамоии МКД/МТ баргузор гардид ва дар баробари дигар давлатҳо-аъзои ГАО, намояндагони Ҷумҳурии Тоҷикистон (Департаменти мониторинги молиявии назди …



**61**

**АЛЕКСАНДР ЕРЕМИН: "МЫ СТОРОННИКИ ТОГО, ЧТОБЫ СТАВКИ РЕГУЛИРОВАЛ РЫНОК..."**

Я бы сказал, что это очень хорошая практика, когда количество женщин в коллективе составляет не менее 40%. Это исключительно положительно сказывается как на психологическом климате, так и на работоспособности команды.

**Бонкдорӣ Тараққиёт Ҷаҳонишавӣ**

Маҷаллаи таҳлилии бонкӣ
1 (84) Январ-март, 2019

**ТЕЛ:** +992 (44) 600-31-24
**ФАКС:** +992 (44) 600-32-49
**НИШОНИИ МАҶАЛЛА:**
734025, ш.Душанбе, х.Рӯдакӣ 107А
E-mail: **majalla@nbt.tj**

**РАИСИ ШӮРОИ МАШВАРАТӢ:**
Ҷ.Нурмаҳмадзода
**Аъзои Шӯрои машваратӣ:**
Ҷ.Нуралиев, Ф.Ҳамрализода, С.Икромӣ, Л. Салимова, А.Миралиев, Н.Абибуллоев, А.Қурбонов

**ҲАЙАТИ МАҶАЛЛА:**
Сармуҳаррир: А.Қурбонов
Сармутахассис: А.Мӯминов
Мутахассиси пешбар: З.Ҷамолов
Мутахассиси дараҷаи 1: Л.Имомова

Маҷаллаи "Бонкдорӣ Тараққиёт Ҷаҳонишавӣ" дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шудааст. Шаҳодатномаи қайд: №02031/мҷ, аз 15 июли 2015 с.

Маҷалла ба хотири гуногунандешӣ маводҳои муаллифонеро низ ба табъ мерасонад, ки фикри шахсии онҳоро инъикос мекунад. Ҳангоми истифодаи маводи маҷалла истинод ба асл ҳатмист.

Теъдоди нашр: 382 нусха. Дар матбааи ҶДММ "POLYGRAPHGROUP" чоп шудааст. ш. Душанбе, кӯчаи Ҳувайдуллоев, 113.



# Модар, дар ҳақиқат, сазовори ҳама гуна қадршиносӣ ва дӯстдорӣ мебошад

Табрикоти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба муносибати Рӯзи модар, 07.03.2019, шаҳри Душанбе

**Модарону бонувон ва духтарони азиз!**

Дар нахустин рӯзҳои фасли зебои баҳор, яъне айёми нуру сафо ва гармиву бедории табиат - ҷашни фархундаи Рӯзи модар фаро мерасад. Ҳамаи шумо, модарони меҳрубон ва бонувони арҷмандро ба ин муносибат самимона табрик гуфта, ба ҳар яки шумо, пеш аз ҳама, саломатӣ, хушбахтӣ ва тамоми хушиҳои зиндагиро орзу менамоям.

Модар ягона мавҷудест, ки инсон меофарад, ба ӯ ҳаёт мебахшад, ӯро дар оғӯши гарму пурмеҳри худ мепарварад, аввалин суханҳо ва гузоштани нахустин қадамҳоро ба тифлаш ёд медиҳад, фарзанди хешро бо ҳазор нияту орзуҳои нек ба воя мерасонад. Яъне дар замири фарзанд тарбия кардани эҳсоси садоқату самимият, некиву накӯкорӣ, хайру саховат ва ташаккули маънавии наслҳо натиҷаи заҳмати шабонарӯзии модарони мушфиқу ғамхор ва мӯнису меҳрубон мебошад.

Модар шахсест, ки шабу рӯз ба хотири роҳату осоиши тифлаш заҳмат мекашад ва намегузорад, ки фарзанди ӯ ранҷу

озоре бинад. Вай ҳамеша дар талош аст, ки фарзандаш солиму бардам ба камол расад, соҳиби одобу маърифат, илму дониш ва касбу ҳунар гардад ва дар оянда ба ҷомеа хизмати шоиста намояд. Яъне дар шуури насли наврас ташаккул додани эҳсоси муҳаббат ба донишу маърифат, одобу ахлоқ, нангу номус ва ватандӯстиву заҳматкашӣ, қабл аз ҳама, хизмати модар мебошад. Маҳз ба ҳамин хотир, ҳар як фард модарро мисли ҷони худ ва ҳамчун зиннату сафои зиндагӣ дӯст медорад, азиз мешуморад ва ҳурмату эҳтиромашро ба ҷо меорад.

Модар, дар ҳақиқат, сазовори ҳама гуна қадршиносӣ ва дӯстдорӣ мебошад, зеро ӯ меҳрубонтарин инсон барои ҳар як шахс ба шумор меравад. Мехоҳам бо ифтихор изҳор намоям, ки модарону занон ва бонувони кишвари азизи мо бо рафтори нек, андешаи солим ва маҳорату кордонии худ дар ободиву пешрафти Тоҷикистони маҳбубамон саҳми бузург доранд. Онҳо имрӯз дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёти ҷомеа ва давлат софдилона кору фаъолият менамоянд ва бо заҳмати бунёдкоронаву ташаббусҳои созандаашон барои рушди давлати соҳибистиқлоламон саъю талош мекунанд.

Нақши занону модарон дар пойдориву устувории оила ва фароҳам овардани фазои орому солим дар хонавода бисёр муҳим мебошад. Бовар дорам, ки бонувону занони арҷманди мо минбаъд низ ин рисолати муқаддаси худро бо сабру таҳаммули хоси модарони тоҷик иҷро карда, барои тарбияи дурусти фарзандон, ба ҳаёти мустақилона омода кардани онҳо, ҳифзи гармиву баракати хонавода ва мустаҳкам гардидани он ва баланд бардоштани мақоми оила дар ҳаёти давлат ва ҷомеа саъю кӯшиш мекунанд.

Миллати соҳибфарҳангу тамаддунсози тоҷик дар тӯли асрҳои зиёд доир ба одоби оиладорӣ, муносибатҳои хонаводагӣ ва таълиму тарбияи фарзанд суннату меъёрҳое эҷод кардааст, ки онҳо маҳз тавассути занону модарони арҷманди мо барои наслҳои имрӯзу фардо низ чун мактаби беҳтарини зиндагӣ хизмат мекунанд. Ба ин маънӣ, занону модарони мо нигоҳдорандаву давомдиҳандаи беҳтарин анъанаҳо ва ойинҳои асилу деринаи халқамон, хусусан, дар тарбия кардану ба камол расонидани фарзандони баодобу соҳибмаърифат ва ватандӯсту далер мебошанд.

Дар замони соҳибистиқлолӣ бонувони тоҷик бо ташаббусҳои худ собит намуданд, ки метавонанд дар ҷодаи соҳибкорӣ низ муваффақ бошанд. Саҳми занону бонувони соҳибкор илова ба соҳаҳои саноату кишоварзӣ дар эҳё намудану тараққӣ додани ҳунарҳои мардумӣ ва бо ҳамин роҳ муҳайё кардани ҷойҳои корӣ барои бонувони хонашин басо арзишманду назаррас мебошад.

Яке аз ҳадафҳои асосии Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ эълон кардани соли 2018 ва Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумии эълон намудани солҳои 2019–2021 маҳз ба шуғл фаро гирифтани шумораи ҳарчи бештари занону духтарон мебошад. Бо амалӣ гардонидани чунин иқдомот Ҳукумати мамлакат мавқеи занонро дар рушди соҳаҳои иқтисодиву иҷтимоӣ таҳким бахшида, барои истифодаи нерӯи бунёдкоронаи онҳо заминаи устувор фароҳам месозад.

Бо қарори Ҳукумати Тоҷикистон қабул гардидани «Стратегияи миллии фаъолгардонии нақши занон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2020» ҷиҳати таҳияву татбиқи як силсила санадҳои муҳимми марбут ба беҳдошти вазъи иҷтимоиву иқтисодӣ ва маънавии занону бонувон заминаи воқеӣ гузошт. Дар асоси санадҳои зикршуда як силсила иқдомоти муҳим дар самти баланд бардоштани мақоми зан дар ҷомеа, таъмин намудани иштироки фаъолонаи онҳо дар идоракунии давлат, аз ҳисоби духтарон омода кардани кадрҳои замони нав ва боз ҳам беҳтар гардонидани сиҳатии модару кӯдак амалӣ гардонида шуданд.

Яке аз ғамхориҳои давлату Ҳукумат барои духтарони деҳоту ноҳияҳои дурдаст муқаррар намудани квотаи президентӣ мебошад, ки тавассути он то имрӯз ҳазорон нафар духтарон муассисаҳои таҳсилоти олии касбиро хатм карда, ҳоло дар соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷомеа ва давлат муваффақона кору фаъолият доранд. Дар робита ба ин, мехоҳам таъкид намоям, ки падару модарон набояд пеши роҳи

таҳсили фарзандонро гиранд, баръакс, кӯшиш намоянд, ки онҳо таҳсил карда, соҳибмаърифат ва соҳиби касбу ҳунар шаванд ва дар зиндагӣ ба мушкилот дучор нагарданд. Шумо хуб медонед, ки агар бонуи хонадон босавод бошад, метавонад фарзандони худро тарбияи дуруст диҳад, онҳоро солиму бардам ва ҳамчун шахсиятҳои соҳибмаърифат ба камол расонад, яъне оилаи намунавӣ барпо намояд.

Ҳукумати мамлакат амалӣ гардидани тадбирҳоеро, ки дар доираи барномаҳои қабулшудаи давлатӣ пешбинӣ шудаанд, ҳамаҷониба таъмин намуда, чунин сиёсатро дар оянда низ идома хоҳад дод. Зимнан, хотирнишон месозам, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон аз лиҳози фоизи намояндагии занону бонувон дар мақомоти шохаҳои гуногуни ҳокимият дар ҷаҳон яке аз ҷойҳои намоёнро ишғол мекунад. Итминон дорам, ки занону бонувони соҳибмаърифат ва бонангу номуси тоҷик ба шукронаи озодиву соҳибистиқлолии давлатамон ва фазои орому осудаи кишварамон бо истифода аз шароиту имкониятҳои муҳайёкардаи Ҳукумати мамлакат барои пешрафти Ватани маҳбубамон содиқона ва боз ҳам бештар заҳмат мекашанд, ба хотири тарбияи наслҳои ояндасози миллат саъю талоши бештар мекунанд, дар чаҳорчӯбаи қонунҳои миллиамон - “Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” ва “Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд” амал карда, ҷиҳати беҳтар шудани некӯаҳволӣ ва шароити зиндагии хонаводаҳои худ саҳми модаронаашонро мегузоранд.

> Мо набояд фаромӯш кунем, ки аз пайғамбарон сар карда, тамоми нобиғаву алломаҳои башар аз домони поки модар ба дунё омадаанд ва дар оғӯши гарми ӯ бузург шудаанд.

**Модарону бонувони муҳтарам!**

Моҳи март бо ҷашни шумо оғоз гардида, бо яке аз ҷашнҳои бостонии мо - Наврӯз, яъне соли нави аҷдодиамон идома меёбад. Ин айём беҳтарин рӯзҳое мебошанд, ки шумо хурсандӣ кунед, либосҳои зебои миллии чакан ва атласу адрасро ба бар карда, онҳоро таблиғ ва оммавӣ гардонед, ба тозагиву ободии хонаву кошона бештар машғул шавед ва ҳунари кадбонуҳои миллати қадимаву фарҳангиамонро боз ҳам густариш бахшед.

Мо - мардон вазифадорем, ки ҳамеша ба қадри ранҷҳои кашидаи модарон, заҳмату хизматҳои занону духтарони худ ва умеду интизориҳои онҳо расем. Мо набояд фаромӯш кунем, ки аз пайғамбарон сар карда, тамоми нобиғаву алломаҳои башар аз домони поки модар ба дунё омадаанд ва дар оғӯши гарми ӯ бузург шудаанд. Мо дар асри бисту якум – замони пешрафти илму техника ва дастовардҳои бесобиқаи ақли инсонӣ зиндагӣ дорем. Аз ин лиҳоз, бояд аз эҳсосоти хушунатомез ва тафаккури ақибмондаи хурофотӣ озод бошем, шаъну шараф ва ҳайсияти занону духтаронро эҳтиёт ва эҳтиром кунем, ба онҳо, яъне бонувону духтарон бо назари нек ва бо иззату ҳурмат муносибат намоем. Мо бояд доим дар ёд дошта бошем, ки парваридаи модари боиффату соҳибмаърифати тоҷик ва намояндаи яке аз миллатҳои куҳанбунёду тамаддунсози дунё мебошем. Бо истифода аз фурсат, хотирнишон менамоям, ки нигоҳубину парастории модару падар дар пиронсолӣ низ қарзи фарзандӣ ва вазифаи ҷавонмардии мо мебошад. Зеро савоби парастории волидайн ва баракати дуои онҳо дар дини мубини ислом бо ҳаҷҷи акбар баробар дониста шудааст.

Бо ибрози беҳтарин ниятҳои нек ҳамаи шумо, модарону бонувони арҷманд ва хоҳарону фарзандони азизро бори дигар ба ифтихори ҷашни фархундаи Рӯзи модар табрик мегӯям ва ба ҳар яки шумо тани сиҳат, иқболи баланд, дар хонадонатон осоишу оромӣ ва хушбахтиву файзу баракат орзу менамоям.

Ҷашн муборак бошад, модарони меҳрубон, бонувони гиромӣ, хоҳарони арҷманд ва фарзандони азиз!

**www.president.tj**

# ИТТИЛООТ ▪ НАВИД ▪ РӮЙДОДҲО

## ТАБОДУЛИ ТАҶРИБА ҶИҲАТИ ИДОРАКУНИИ САМАРАНОКИ ЗАХИРАҲО



28 январи соли 2019 Муовини якуми Раиси Бонки миллии Тоҷикистон Ҷамолиддин Нуралиев бо коршиноси молиявии Барномаи машваратӣ ва идоракунии захираҳои (RAMP) Бонки ҷаҳонӣ ҷаноби Бернард Мурира мулоқоти корӣ доир намуд.

Зимни мулоқот Ҷамолиддин Нуралиев ва Бернард Мурира оид ба татбиқи Барномаи машваратӣ ва идоракунии захираҳои (RAMP) Бонки ҷаҳонӣ барои Бонки миллии Тоҷикистон ҷиҳати табодули таҷриба дар самти идоракунии самараноки захираҳо, баланд бардоштани сатҳи касбияти мутахассисони ин бахш ибрози назар карданд. Зикр карда шуд, ки дар доираи даври аввали татбиқи Барномаи машваратӣ ва идоракунии захираҳои (RAMP) Бонки ҷаҳонӣ вохӯриву мулоқотҳо бо коршиносон, табодули таҷрибаи бонкҳои марказии узви ин барнома дар самти идоракунии захираҳои байналмилалӣ, иштирок дар машғулиятҳои омӯзишӣ дар такмили мутахассисон нақши зиёд дошт.

Муовини якуми Раиси БМТ Ҷамолиддин Нуралиев ҳамзамон диққати ҷаноби Бернард Мурираро барои идома додани ҳамкориҳо дар сатҳи сифатан нав, яъне ба ҳайси узви комилҳуқуқи Барномаи машваратӣ ва идоракунии захираҳо (RAMP), ки аз ҷониби Бонки ҷаҳонӣ татбиқ мегардад, ҷалб намуд. Номбурда бахусус табодули таҷриба ва такмили ихтисоси мутахассисонро дар доираи методологияи муқаррар намудани сиёсати нархгузорӣ, сохтор ва стратегияи тарифҳо ба манфиати кор донист.

Ҷаноби Бернард Мурира изҳор дошт, ки тайи чанд рӯзе, ки дар Тоҷикистон ба ҳайси машваратчӣ қарор дорад, аз даври аввали барнома натиҷагирӣ карда, барои идома додани ҳамкорӣ дар зинаи нав пешниҳодҳои худро манзур хоҳад кард. Мавсуф инчунин қайд кард, ки идома додани ҳамкорӣ ба ҳайси узви комилҳуқуқи Барномаи машваратӣ ва идоракунии захираҳо (RAMP), ки аз ҷониби Бонки ҷаҳонӣ амалӣ карда мешавад, ба мутахассисони Бонки миллии Тоҷикистон имконияти дастрасӣ ба барномаҳои тахассусӣ оид ба тақсимот ва идоракунии захираҳоро муҳайё мекунад.

## ПАРДОХТИ ХИЗМАТРАСОНИҲОИ ДАВЛАТӢ БА ТАВРИ ҒАЙРИНАҚДӢ БА РОҲ МОНДА МЕШАВАД

Бо ташаббуси Бонки миллии Тоҷикистон 23 январи соли 2019 вохӯрии Гурӯҳи кории байнидоравӣ бо намояндагони вазорату кумитаҳо ва ташкилотҳои қарзии ҷумҳурӣ вобаста ба баррасии Қарори Ҳукумати ҶТ аз 30 ноябри соли 2018 “Оид ба вусъат додани ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ” баргузор гардид. Муовини Раиси БМТ Ҳамидулло Машрабзода зимни ифтитоҳи кори ҷаласа ҳозиринро бо қарори дар боло зикргардида ошно намуд. Номбурда махсус таъкид кард, ки тибқи қарори зикршуда то 1 апрели соли 2019 ҳама вазорату муассисаҳои давлатие, ки ба таври нақдӣ хизматрасонӣ менамоянд, бояд қабули ҳаққи ҳамаи намудҳои хизматрасониро ба таври ғайринақдӣ ҷорӣ намоянд.

Бар асоси ин қарор Кумитаи телевизион ва радиои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон вазифадор шудааст, ки дар ҳамкорӣ бо вазорату корхонаҳои давлатие, ки дар онҳо хизматрасониҳои нақдӣ ба таври ғайринақдӣ бо истифодаи воситаҳои электронии пардохт ҷорӣ карда мешавад, барномаҳои фаҳмондадиҳӣ баргузор кунад.

Дар ҷаласа ҳадаф аз баргузории вохӯрии мазкур ҳарчӣ бештар ҷалб намудани аҳолии кишвар барои истифодаи воситаҳои электронии пардохт ва рушди ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ арзёбӣ шуд.

Сипас, сардори шуъбаи назорати низоми пардохти Идораи низоми пардохти БМТ Ф. Раҳматов рӯнаморо таҳти унвони “Нақшаи чорабиниҳо ҷиҳати ба роҳ мондани қабули хизматрасониҳои пулакии давлатӣ” ба ҳозирин муаррифӣ намуд.

Инчунин дар ҳамоиш, намояндагони ташкилотҳои қарзӣ, аз ҷумла, ҶСП “Аввалин бонки молиявии хурд”, ҶДММ ТАҚХ “Алиф - Сармоя”, ҶСП ТАҚХ “Ҳумо”, ҶСП "Спитамен Бонк", ҶДММ ТАҚХ “Душанбе Сити”, ҶСК “Бонки Эсхата” хизматрасониҳои ғайринақдии худро оид ба усулҳои қабули пардохтҳои ғайринақдӣ, насби терминалҳои электронӣ, пардохтҳо бо истифодаи QR-рамз, хизматрасониҳои Интернет-банкинг, Интернет-эквайринг ва бонкдории мобилӣ



бо истифода аз воситаҳои электронии пардохт пешкаши ҳозирин намуданд.

## ИҶОЗАТНОМА БАРОИ ФАЪОЛИЯТИ ОПЕРАТОРИ НИЗОМИ ПАРДОХТӢ

Дар ҷумҳурӣ боз як ташкилоти қарзӣ барои анҷом додани фаъолияти оператории низоми пардохт соҳиби иҷозатнома гардид. Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон бо қарори навбатии худ аз 18 феврали соли равон тибқи қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи хизматрасониҳои пардохтӣ ва низоми пардохтӣ”, “Дар бораи иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият” ва “Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон” ба ҶСП “Бонки байналмилалии Тоҷикистон” барои фаъолияти оператори низоми пардохтии “Осон” ба мӯҳлати 3 сол иҷозатнома дод.

Қобили қайд аст, ки тавассути низоми пардохтии “Осон” ба аҳолии кишвар имконияти осону қулайи пардохт намудани хизматрасониҳои алоқа, коммуналӣ, қувваи барқ, пардохти қарз, пур кардани суратҳисобҳои бонкӣ ва дигар намуди хизматрасониҳо фароҳам оварда шудааст. Ба замми ин, ба мизоҷон хизматрасониҳои бонкӣ тавассути агентҳои бонкии пардохтӣ, сомонаи Интернетии ташкилоти қарзӣ ва Интернет-эквайринг барои хариди молу хизматрасониҳо бо истифодаи кортҳои пардохтии бонкӣ ва маблағҳои электронӣ пешниҳод карда мешаванд.

## УСУЛҲОИ ТАНЗИМИ СИЁСАТИ ФОИЗӢ ДАР НИЗОМИ БОНКӢ

Дар мизи мудаввари Гурӯҳи корӣ оид ба идомаи фаъолият дар самти муайян кардани арзиши қарз дар ташкилотҳои қарзӣ, ки бо иштироки роҳбарони воҳидҳои сохтории БМТ, намояндагони Ассотсиатсияи бонкҳои Тоҷикистон, Ассотсиатсияи ташкилотҳои маблағгузории хурд (АМФОТ), бонкҳои тиҷоратӣ ва ташкилотҳои амонатии қарзии хурд 1 марти соли 2019 дар Бонки миллии Тоҷикистон баргузор гардид, мавзӯи “Муайян намудани усулҳои танзими сиёсати фоизӣ дар низоми бонкӣ” мавриди баррасӣ қарор дода шуд.

# ИТТИЛООТ ▪ НАВИД ▪ РӮЙДОДҲО



Дар оғоз муовини Раиси Бонки миллии Тоҷикистон Лола Салимова изҳор намуд, ки бо мақсади иҷрои супориши Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз ҷаласаи XVII Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ аз 30 январи соли 2017 ва ҷаласаи васеъи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21 январи соли 2019, ҷиҳати муайян кардани арзиши қарз дар ташкилотҳои қарзӣ ва дарёфти роҳҳои давра ба давра паст намудани меъёри фоизи қарз, дар БМТ Гурӯҳи корӣ таъсис дода шудааст.

Таъкид гардид, ки дар самти мазкур Гурӯҳи кории БМТ соли гузашта корҳои зиёдеро барои муайян намудани арзиши аслии қарз ба итмом расонид. Дар натиҷа меъёри миёнавазни қарзҳо аз 28,2 фоиз дар соли 2017 ба 26 фоиз дар соли 2018 паст карда шуда, ҳаҷми қарзҳои додашуда аз 7,7 млрд. сомонӣ ба 8,2 млрд. сомонӣ афзуд. Қайд шуд, ки марҳилаи дуюми пешгирифташудаи Гурӯҳи кории БМТ ҷиҳати муайян намудани усулҳои танзими сиёсати фоизии ташкилотҳои қарзӣ равона мешавад, ки дар ин самт дар ҳамкорӣ бо ташкилотҳои қарзӣ татбиқ хоҳад шуд.

Муовини Раиси БМТ Лола Салимова изҳор кард, ки зиёд намудани ҳаҷми қарз ба бахши хусусӣ, махсусан ба соҳаҳои истеҳсолӣ, беҳтар кардани сифати сандуқи қарзӣ, кам кардани қарзҳои ғайрифаъол бо мақсади нигоҳ доштани суботи низоми бонкӣ, беҳтар гардидани сатҳу сифати хизматрасониҳо, омода кардани мутахассисони соҳаи бонкдорӣ ва баланд бардоштани савияи касбии онҳо, вусъат бахшидани амалияи ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ ва ба таври васеъ ҷорӣ намудани он, инчунин вусъат бахшидани кор ҷиҳати татбиқи иқтисодиёти рақамӣ, яке аз масъалаҳои мубрами соҳа ба ҳисоб рафта, моро вазифадор менамояд, ки бахри рафъи он чораҳои амалӣ андешем.

Дар ҷамъбасти воҳӯрӣ Лола Салимова таъкид кард, ки ташкилотҳои қарзӣ ҷиҳати дастгирии соҳибкории хурду миёна, ки рушди иқтисоди миллии кишварамон аз он вобастагии ҳамаҷониба дорад, бо истифода аз манбаҳои худӣ, амонатҳои ҷалбшуда, ташкилотҳои қарзии дохилии ҷумҳурӣ, Бонки миллии Тоҷикистон ва ташкилотҳои байналмилалӣ бо пешниҳоди фоизҳои дастрас ба аҳолӣ саҳми арзандаи худро гузоранд. Дар робита ба ин, ба ташкилотҳои қарзӣ дастур дода шуд, ки то муҳлати муайян барои муайян намудани усулҳои танзими сиёсати фоизӣ дар низоми бонкӣ пешниҳодҳои худро ба Гурӯҳи корӣ ирсол намоянд.

## МАСЪАЛАҲОИ АНДОЗ ВА БАТАНЗИМДАРОРИИ ҚАРЗҲОИ ҒАЙРИФАЪОЛ БАРРАСӢ ШУДАНД



“Масъалаҳои андоз ҳангоми батанзимдарории қарзҳои ғайрифаъол”, чунин ном дошт мавзӯи мизи мудаввар, ки 26 феврали соли ҷорӣ дар доираи ҳамкориҳои Бонки миллии Тоҷикистон бо Гурӯҳи Бонки ҷаҳонӣ таҳти роҳбарии муовини якуми Раиси Бонки миллии Тоҷикистон Ҷамолиддин Нуралиев бо иштироки муовини якуми Раиси Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва амволи давлатии ҷумҳурӣ Нигина Анварӣ, коршиносони Гурӯҳи Бонки ҷаҳонӣ, Ассотсиатсияи бонкҳои Тоҷикистон, Ассотсиатсияи ташкилотҳои маблағгузории хурди Тоҷикистон ва ташкилотҳои қарзии мамлакат баргузор гардид.

Нахуст Ҷамолиддин Нуралиев ҳайати Гурӯҳи Бонки ҷаҳониро барои ҳамкориҳои мутақобилаи судманд, бахусус барои эътимод ва боварии Бонки ҷаҳонӣ ба Бонки миллии Тоҷикистон ба ҳайси шарик дар дастгирии гузаронидани ислоҳотҳо дар низоми бонкӣ ва ҷиҳати пешниҳоди кумакҳои техникӣ изҳори сипос намуд. Ҳамчунин оид ба фаъолияти коршиносони Гурӯҳи Бонки ҷаҳонӣ дар самти батанзимдарории қарзҳои ғайрифаъол ва ҷанбаҳои андозии он, ки дар доираи кумаки техникӣ тайи чанд соли охир амалӣ шуда истодааст, ибрози андеша намуд.

Сипас, ҳисоботи коршиносони Гурӯҳи Бонки ҷаҳонӣ оид ба масъалаҳои андоз ҳангоми батанзимдарории қарзҳои ғайрифаъол дар Ҷумҳурии Тоҷикистонро сармутахассис оид ба суботи молиявӣ Фернандо Данкоза манзури ҳозирин гардонид. Номбурда оид ба бандҳои алоҳидаи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бевосита ба батанзимдарории қарзҳои ғайрифаъол рабт доранд, бо назардошти гарониии пардохтҳои андозӣ дар фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ таҳлили мукаммал пешниҳод кард. Ҳамзамон, дар рафти муаррифӣ ҷиҳати мушкилиҳои алоҳида дар роҳҳои ҳалли қарзҳои ғайрифаъол,аз ҷумла ташкил намудани фондҳо, ба фурӯш баровардани қарзҳои ғайрифаъол бо истифода аз таҷрибаи ҷаҳонӣ, тамдид ва таҷдиди онҳо, сохтори қарзҳои ғайрифаъол дар тавозун, таъсири низоми андозбандӣ ба ин равандҳо аз ҷониби коршинос таҳлили мушаххас манзур гардид.

Ҷаноби Фернандо Данкоза ҳолатҳои алоҳидаро аз рӯи Кодекси андоз таҳлил карда, аз таҷрибаи ҷаҳонӣ ва мутобиқ кардан ба стандартҳои байналмилалии ҳисоботдиҳии муҳосиботӣ (МСФО), зарурати таҷдиди назар кардани сиёсати андозбандӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баҳри бартараф кардани мушкилиҳо дар ин самт, алалхусус дар ҳолатҳои буҳронӣ ба инобат гирифтани имтиёзҳо, ки дар таҷрибаи аксари кишварҳо ба роҳ монда шудааст, таваҷҷуҳи ҳозиринро ҷалб намуд.

Дар ҷараёни мизи мудаввар муовини якуми Раиси Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ Нигина Анварӣ, намояндаи Ассотсиатсияи бонкҳои Тоҷикистон Раҳматшо Сайисмонов, раиси Ассотсиатсияи ташкилотҳои маблағгузории хурди Тоҷикистон Зебо Фатҳидинова, раиси БДА ҶТ “Амонатбонк” Сироҷиддин Икромӣ, муовини якуми Раиси ҶСК “Ориёнбонк” Шуҳрат Исматуллоев, намояндагони ҶСП “Спитаменбонк”, ҶДММ ТАҚХ “Финка” бо пешниҳоду дархостҳо муроҷиат намуданд. Ба суолу дархостҳои ҳозирин коршиносони Бонки ҷаҳонӣ посухҳои мушаххас доданд.

Дар қисмати ҷамъбасти ҷаласа муовини якуми Раиси Бонки миллии Тоҷикистон Ҷамолиддин Нуралиев ҳозиринро барои иштироки фаъол ҷиҳати муҳокимаи ҷанбаҳои андозӣ дар коҳиш додани сатҳи қарзҳои ғайрифаъол, ки барои рушди соҳаи бонкӣ ва иқтисодиёти миллӣ мусоидат менамояд, даъват намуд.

**Ин бахш аз маводи хабарнигорони шуъбаи матбуоти БМТ, маҷаллаи "БТҶ" " таҳия шудааст.**

# ПАС АЗ АНДЕШИДАНИ ТАДБИРҲО ВАЗЪИ БОНК БЕҲТАР ШУДА ИСТОДААСТ

## Раддия ба маводи Радиои “Озоди” аз 08.01.2019, Муллораҷаб Юсуфӣ: “Хуршед Носиров: "Ҳадаф сиёҳ кардани раҳбарияти "Эсхата" буд

Бонки миллии Тоҷикистон роҷеъ ба мусоҳибаи собиқ Раиси ҶСК “Бонки Эсхата” Носиров Хуршед бо хабарнигори Радиои Озодӣ, ки дар маводи нашршуда, аз 08 январи соли 2019, муаллифаш Муллораҷаб Юсуфӣ, бо сарлавҳаи “Хуршед Носиров: "Ҳадаф сиёҳ кардани раҳбарияти "Эсхата"буд" https://www.ozodi.org/a/interview-with-khurshed-nosirov-former-head-of-bank-of-eskhata/29697705.html иттилоъ медиҳад:

Дар робита ба он ки муаллиф чунин дарҷ кардааст: «Носиров иттиҳоми пулшӯӣ дар замони роҳбариаш дар Бонки Эсхатаро "баҳона"-е беш надонист ва гуфт, "суд баргузор шуд, вале на маводи мухаддир баромад, на балои дигар. Фақат номи моро сиёҳ карданд. Кор бе камбуд намешавад, аммо ҳар камбуд сатҳу меъёр дорад."

Бояд хотирнишон намуд, ки моҳҳои октябр-ноябри соли 2017 аз ҷониби санҷишгарони Бонки миллии Тоҷикистон дар доираи санҷиши ҳамаҷонибаи фаъолияти ҶСК “Бонки Эсхата” як қатор камбудиҳои ҷиддӣ, ки бештари онҳо характери доимо-такроршаванда дошт, ошкор гардиданд. Аз ҷумла, иҷрои талаботҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба муқовимат ба қонунигардонии даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом, пурра ба роҳ монда нашуда, кормандони бонки мазкур дар ҳаммаслакӣ бо шахсони ҷиноятпеша маблағҳои воридгардидаро бо роҳи сохтакории ҳуҷҷатҳо ба дигар шахсон пешниҳод менамуданд.

Дар натиҷаи баррасии ҳолатҳои зикршуда аз тарафи Агентии назорати маводи нашъаовари назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба чор нафар корманди бонки мазкур бо дастрасии моддаҳои 295 қисми 1 ва 340 қисми 2 бандҳои “а”, “б”-и Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон парвандаи ҷиноятӣ оғоз карда шудааст http://avesta.tj/2018/07/20/glava-akn-tadzhikistana-soobshhil-o-zaderzhanii-narkobaronov-kotorye-vorotili-millionami/

Вобаста ба ин, аз ҷониби мақомоти судӣ нисбат ба се нафари онҳо барои содир намудани ҷиноят бо моддаҳои болозикр ҷавобгарии ҷиноятӣ татбиқ гардида, як нафари онҳо бошад, бинобар саркашӣ намудан аз тафтишот, расман дар кофтуков қарор дорад.

Илова бар ин, дар мактубҳои ҶСК “Бонки Эсхата” дарҷ гардидааст, ки аз ҷониби аудити дохилии бонк дар филиали он дар ноҳияи Ёвон санҷиши иловагӣ гузаронида шуда, аз рӯи натиҷаи санҷиш директори филиал ва сардори шуъбаи тиҷорати чакана аз вазифаҳои ишғолнамудаашон озод карда шудаанд.

Дар баробари ин, дар мактубҳои болозикр дарҷ гардидааст, ки барои ба камбудиҳои ҷиддӣ роҳ додан ва дағалона вайрон намудани талаботҳои санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ 8 нафар корманд, аз қабили сардорони марказҳои хизматрасонии бонкӣ ва амалиётгар/нозирон аз вазифаҳояшон барканор карда шудаанд.

Бояд қайд намуд, ки зиёда аз ин, дар рафти санҷиши ҳамаҷонибаи фаъолияти ҶСК “Бонки Эсхата” (соли 2017) як қатор камбудиҳои дигари ҷиддӣ низ дар самти анҷомдиҳии амалиётҳои асъорӣ, идоракунии корпоративӣ, фаъолияти низоми назорати дохилӣ, идорасозии хавфҳо ва риоя нагардидани баъзе аз санадҳои меъёрии ҳуқуқии Бонки миллии Тоҷикистон такроран ошкор гардида буданд.

Бо дарназардошти далелҳои овардашуда, бори дигар ба муаллифи мақола Муллораҷаб Юсуфӣ (Радиои Озодӣ) ва худи Хуршед Носиров, собиқ Раиси Раёсати ҶСК “Бонки Эсхата” иттилоъ медиҳем, ки Бонки миллии Тоҷикистон танҳо аз рӯи камбудиҳои ҷойдошта, ки дар фаъолияти ин бонк ошкор гардиданд (бе ғаразе нисбат ба роҳбарияти собиқи бонк), тибқи муқаррароти санадҳои меъёрии ҳуқуқии Бонки миллии Тоҷикистон ва қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон чораҳо андешид.

Новобаста аз таҷрибаи чандинсолаи собиқ Раиси ҶСК “Бонки Эсхата” (Х.Носиров), ӯ натавонист этика ва маданияти идоракунии корпоративиро тибқи стандартҳои байналмилалӣ, аз ҷумла фаъолиятро дар низоми назорати дохилӣ ва идорасозии хавфҳо дуруст ба роҳ монад.

Боиси тазаккур аст, ки пас андешидани тадбирҳо, аз қабили иваз шудани аъзои Шӯрои нозирон ва роҳбарияти бонк камбудиҳои ошкоршуда аз ҷониби роҳбарияти амалкунанда бартараф карда шуда, вазъи бонк беҳтар шуда истодааст, ки ҳисоботи ҶСК “Бонки Эсхата” оид ба ҷамъбасти фаъолият дар соли 2018 аз беҳбудиҳо дар самти ҷалби муштариён, зиёд шудани сандуқи қарзӣ, даромаднокии бонк, инчунин татбиқи бомуваффақи лоиҳаҳои иҷтимоӣ худ тасдиқи ин гуфтаҳост http://eskhata.com/about/news/4005/

**www.nbt.tj**

# ТАШКИЛОТҲОИ ҚАРЗИИ НИЗОМСОЗ ВА ЭҲТИМОЛӢ МУАЙЯН ШУДАНД

Чанде пеш БДА "Амонатбонк", ҶСК "Ориёнбонк" ва ҶСК "Бонки Эсхата" барои соли 2019 ташкилотҳои қарзии низомсоз ва ТАҚХ "Имон Интернешнл" ташкилоти қарзии эҳтимолӣ муайян шуданд. Дар ин хусус Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон дар асоси "Қоидаҳои муайян намудани ташкилотҳои қарзии низомсоз" бо қарори худ аз 6 феврали соли 2019 Рӯйхати ташкилотҳои қарзии низомсоз ва ташкилотҳои қарзии эҳтимолӣ барои соли 2019-ро тасдиқ кард.

Муайян намудани ташкилотҳои қарзии низомсоз ва эҳтимолӣ бо мақсади ба таври босамар амалӣ намудани сиёсати макропруденсиалии Бонки миллии Тоҷикистон, назорат ва баҳодиҳии дурусти низоми бонкӣ, пешгирии талафоти имконпазир ва коҳиш додани сатҳи хавфҳои эҳтимолӣ ба низоми бонкӣ анҷом дода шудааст.

Қобили қайд аст, ки то ин замон дар Ҷумҳурӣ ташкилотҳои қарзии низомсоз муайян карда намешуданд ва ин таҷрибаи аввалини Бонки миллии Тоҷикистон дар ин самт аст. Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон бо қарори худ аз 30 ноябри соли 2018 "Қоидаҳои муайян намудани ташкилотҳои қарзии низомсоз"-ро тасдиқ намуд ва ин санад дар Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон 24 декабри соли 2018 сабт гардид, ки он заминаро барои муайян намудани ташкилотҳои қарзии низомсоз фароҳам овард. Тибқи қоидаҳои мазкур минбаъд ҳар сол рӯйхати ташкилотҳои қарзии низомсоз ва эҳтимолӣ як маротиба омода мешавад ва дар маҷаллаи "Бонкдорӣ Тараққиёт Ҷаҳонишавӣ" ва сомонаи Бонки миллии Тоҷикистон нашр мегарданд.

Ташкилотҳои мазкур бар асоси натиҷаи фаъолияти солонаашон, ки давраи аз 1 январ то 31 декабри соли 2018-ро фаро мегирад, ба рӯйхати мазкур дохил шудаанд.

Тавре аз таҷрибаи байналмилалӣ бармеояд, бисёре аз давлатҳои ҷаҳон бо тавсияи Кумитаи Базелӣ оид ба назорати бонкӣ ҳамасола ташкилотҳои қарзии низомсозро дар кишвари худ муайян мекунанд. Бинобар сабаби он ки фаъолияти бонкҳои низомсоз ба нишондиҳандаҳои асосии устувории молиявии низоми бонкӣ имкони таъсиргузориро доранд ва натиҷаи фаъолияти онҳо боис ба рушд ва ё осебпазирии давлат шуда метавонад, бонкҳои марказӣ ё худ мақомоти танзимгари низоми бонкӣ фаъолияти бонкҳои низомсозро таҳти назорати доимӣ қарор медиҳанд.

Бинобар ин, Бонки миллии Тоҷикистон бо мақсади нигоҳдории қобилияти истодагарӣ дар муқобили таъсири омилҳои гуногун, пешгирии талафоти имконпазир ва коҳиш додани сатҳи хавфҳои эҳтимолӣ дар низоми бонкӣ танзим ва назорати фаъолияти ташкилотҳои қарзии низомсозро ба хотири ба мушкилот рӯбарӯ нашуданашон, таҳким хоҳад бахшид. Дар робита ба ин, эҳтимолияти ҷорӣ гардидани талаботҳои иловагии қатъитар аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон нисбат ба ташкилотҳои қарзии низомсоз мавҷуд аст. Гузашта аз ин, муайян намудани ташкилотҳои қарзии низомсоз дар самти пешгирӣ аз буҳронҳо дар низоми бонкӣ, субот дар бозори молия ва рушди иқтисодиёт мусоидат хоҳад кард.

**Маҷаллаи "БТҶ".**

**РӮЙХАТИ ТАШКИЛОТҲОИ ҚАРЗИИ НИЗОМСОЗ ВА ТАШКИЛОТИ ҚАРЗИИ ЭҲТИМОЛӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН БАРОИ СОЛИ 2019**

| *Ташкилотҳои қарзии низомсоз* | *меъёри ҷамъбастӣ:* |
|---|---|
| 1.БДА ҶТ "Амонатбонк" | **30,64** |
| 2.ҶСК "Ориёнбонк" | **21,75** |
| 3.ҶСК "Бонки Эсхата" | **13, 52** |
| *Ташкилоти қарзии эҳтимолӣ* | |
| 1.ТАҚХ "Имон Интернешнл" | **7,30** |

# ДУРНАМОИ СИЁСАТИ ПУЛИЮ ҚАРЗИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## БАРОИ СОЛИ 2019 ВА ДАВРАИ МИЁНАМУҲЛАТ




**Бо қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №1217, 23 ноябри соли 2018 "Дурнамои сиёсати пулию қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2019 ва давраи миёнамуҳлат" қабул шуд.**

Дурнамои сиёсати пулию қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқи моддаҳои 4 ва 14 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон» таҳия шуда, мақсад ва самтҳои асосии сиёсати пулию қарзӣ барои соли 2019 ва давраи миёнамуҳлатро муайян менамояд.

Дурнамои мазкур пеш аз ҳама барои ноил шудан ба мақсади асосии дар қонун муқарраршудаи Бонки миллии Тоҷикистон – нигоҳдории сатҳи муътадили нархҳои дохилӣ дар давраи дарозмуҳлат тавассути механизму воситаҳои татбиқшавандаи сиёсати пулию қарзӣ ва асъорӣ равона мегардад.

Дар баробари ин, ҳуҷҷати мазкур ҷанбаҳои асосии ислоҳот барои татбиқи босамари рукнҳои асосии речаи ҳадафгирии таваррум, пурзӯр намудани фишангҳои сиёсати пулию қарзӣ ва таҳкими мустақилияти амалиётӣ, вусъат додани таъсирбахшии сиёсати пулию қарзӣ ва идоракунии пардохтпазирӣ, таъмини шаффофият ва такмили раванди ахборотдиҳиро дар бар мегирад.

### МУҚАДДИМА

Дар давоми соли 2018, новобаста аз номуайяниҳо ва вазъи мураккаби геосиёсӣ барқароршавии рушди иқтисоди ҷаҳон, муътадилии нархи ашёи хом, фаъол гардидани тиҷорат мушоҳида гардид. Тибқи таҳлил ва пешгӯиҳои ташкилотҳои байналмилалии молиявӣ[1] рушди иқтисодиёти ҷаҳон дар соли 2018 дар сатҳи 3,7 фоиз муқаррар гардидааст.

Беҳтар гардидани фазои иқтисодӣ дар кишварҳои шарикони асосии иқтисодӣ то андозае ба афзоиши воридоти маблағҳои интиқолии фаромарзӣ ва муътадилии вазъи тавозуни пардохти кишвар мусоидат намуд. Дар ин раванд, суръати рушди иқтисодиёти ҷумҳурӣ монанди соли қаблӣ тамоюли устуворро идома дода, рушди воқеии он дар 9 моҳи соли ҷорӣ ба 7,0 фоиз баробар гардид, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 0,2 банди фоизӣ зиёд мебошад.

Дар моҳҳои январ – сентябри соли 2018 татбиқи самарабахши сиёсати пулию қарзӣ, кам гардидани талаботи истеъмолии аҳолӣ ва зиёд шудани пешниҳоди маҳсулоти дохилии кишоварзӣ барои муътадил нигоҳ доштани сатҳи таваррум замина гузошт. Дар натиҷа, сатҳи

[1] Хазинаи Байналмилалии Асъор дар нашри "World Economic Outlook, October"

## 1. ШАРҲИ МУХТАСАРИ ВАЗЪИ МОЛИЯВИЮ ИҚТИСОДӢ ДАР СОЛИ 2018

Бо назардошти нисбатан муътадил гардидани фазои иқтисодиёти ҷаҳон ва беҳтар шудани муносибатҳои иқтисодӣ бо кишварҳои минтақа, ҳаҷми Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ (ММД) дар нуҳ моҳи соли ҷорӣ 47,5 млрд. сомонӣ ва афзоиши воқеии он 7,0 фоизро ташкил дод, ки нисбат ба ҳамин давраи соли қаблӣ мувофиқан 12,0 фоиз ва 0,2 банди фоизӣ зиёд мебошад. Тибқи маълумоти расмии омор ва ҳисобҳои Бонки миллии Тоҷикистон афзоиши мазкур бештар аз ҳисоби рушди соҳаҳои афзалиятноки иқтисодӣ - сохтмон (15,8 фоиз) ва саноат (13,5 фоиз), инчунин гардиши савдои чакана (7,3 фоиз) ва кишоварзӣ (4,0 фоиз) ба вуқӯъ пайваст.

Яке аз рӯйдодҳои муҳими соли 2018 ин таҳким ва густариши муносибат ва ҳамкориҳои бисёрсамта, бахусус иқтисодиву иҷтимоӣ бо кишвари Ӯзбекистон ба ҳисоб меравад. Воқеан, рӯйдоди мазкур барои Тоҷикистон дастоварди назаррас буда, дар рушди минбаъдаи иқтисодиёти кишвар таъсири мусбат хоҳад расонид. Вобаста ба ин, дар нуҳ моҳи соли ҷорӣ ҳиссаи Ӯзбекистон дар ҳаҷми умумии содирот ва воридоти кишвар мувофиқан 15,6 фоиз ва 4,0 фоизро ташкил дод, ки дар муқоиса ба ҳамин давраи соли қаблӣ 11,2 банди фоизӣ ва 1,4 банди фоизӣ афзоиш ёфтааст.

Дар моҳҳои январ – сентябри соли 2018 гардиши савдои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон 3,1 млрд. доллари ИМА-ро ташкил намуд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли қаблӣ 9,1 фоиз зиёд мебошад.

Касри тавозуни савдо дар охири моҳи сентябри соли ҷорӣ маблағи 1,5 млрд. доллари ИМА-ро ташкил

таваррум дар нуҳ моҳи соли ҷорӣ 3,9 фоизро ташкил намуд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 1,7 банди фоизӣ паст мебошад.

Қобили қайд аст, ки дар ин давра фаъолияти самараноки Бонки миллии Тоҷикистон дар самти сиёсати пулию қарзӣ бомуваффақ татбиқ гардида, нишондиҳандаҳои мақсаднок дар доираи дурнамои пешбинишуда нигоҳ дошта шуданд. Вобаста ба таҳлили вазъи имрӯзаи иқтисодиёти кишвар ва дигаргуниҳо дар иқтисодиёти ҷаҳон дар назар аст, ки сатҳи таваррум то охири сол мунтазам афзоиш ёфта, дар доираи ҳадафи пешбинишуда дар ҳудуди 7,0 (±2 б.ф.) фоизи солона ҷамъбаст хоҳад гардид. Ҳамзамон, мутобиқи дурнамо сатҳи нишондиҳандаи таваррум дар соли 2019 ва давраи миёнамуҳлат низ дар сатҳи нишондиҳандаи мақсаднок, яъне сатҳи барои рушди иқтисодиёт муътадили худ боқӣ мемонад.

Бонки миллии Тоҷикистон дар маҷмӯъ раванди ислоҳоти бахши пуливу қарзӣ ва низоми бонкиро идома дода, сиёсати пайгирона ва шаффофро пеш аз ҳама ҷиҳати нигоҳдории сатҳи муътадили нархҳо дар давраи дарозмуддат, танзими ҳаҷми пул ва идоракунии пардохтпазирӣ, мукаммалсозии сохтор ва барқарор намудани устувории молиявии низоми бонкӣ амалӣ намуд, ки бевосита барои таъмини суботи низоми молиявӣ ва бахши воқеии иқтисодиёти ҷумҳурӣ шароити мусоид фароҳам овард.

Бо вуҷуди ин, мушкилиҳои сохтории фундаменталии молиявӣ ва иқтисодӣ, боқӣ мондани сатҳи баланди долларикунонӣ, иқтидори маҳдуди бозори сармоя, бахусус бозори коғазҳои қиматноки давлатӣ, маҳдуд будани имконияти диверсификатсияи иқтисодиёт ва осебпазирии иқтисодиёт аз фазои берунаи сиёсӣ-иқтисодӣ ба самаранокии сиёсати пулию қарзӣ таъсири манфӣ мерасонад.

Бинобар ин, дар шароити зуд тағйирёбандаи иқтисодиёти ҷаҳон баҳри эмин нигоҳ доштани иқтисодиёти дохилӣ идомаи ислоҳот дар самти тақвият додани механизми сиёсати пулию қарзӣ бо мақсади нигоҳдории сатҳи паст ва муътадили таваррум, ки барои таъмини суботи иҷтимоию иқтисодии Тоҷикистон, рушди устувори иқтисодиёт ва баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии мардум заминаи мусоид фароҳам меорад, пешбинӣ шудааст.

Вобаста ба ин, ҳадафи рақамии таваррум барои давраи миёнамуҳлат муайян гардида, самтҳои асосии татбиқи сиёсати пулию қарзӣ дар Дурнамои сиёсати пулию қарзӣ барои соли 2019 ва давраи миёнамуҳлат инъикос меёбад.

Дурнамои сиёсати пулию қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2019 ва давраи миёнамуҳлат самтҳои асосии ташкили механизми самараноки таҳия ва татбиқи сиёсати пулию қарзӣ ва таъмини шаффофиятро дар бар гирифта, дар маҷмӯъ аз қисматҳои зерин иборат мебошад:

- Шарҳи мухтасари вазъи молиявию иқтисодӣ дар соли 2018;
- Пешбурди сиёсати пулию қарзӣ баҳри нигоҳдории сатҳи таваррум дар ҳудуди нишондиҳандаи эътимоднок;
- Татбиқи ислоҳот дар бахши сиёсати пулию қарзӣ барои гузариш ба реҷаи ҳадафгирии таваррум дар соли 2018;
- Нишондиҳандаи мақсаднок ва татбиқи механизму воситаҳои сиёсати пулию қарзӣ дар соли 2019 ва давраи миёнамуҳлат.

намуд, ки он ба 29,9 фоизи ММД[2] баробар мебошад. Содироти молҳо ба андозаи 10,2 фоиз коҳиш ёфта, маблағи 809,0 млн. доллари ИМА-ро (16,0 фоиз нисбат ба ММД) ташкил намуд. Воридоти молҳо бошад ба андозаи 17,9 фоиз зиёд шуда, ба маблағи 2,3 млрд. доллари ИМА (46,0 фоиз нисбат ба ММД) баробар шуд. Қобили қайд аст, ки бартарии воридоти молу маҳсулот нисбат ба содироти он, яъне касри бардавоми савдои берунӣ ба дараҷаи устуворнокии вазъи тавозуни пардохти кишвар ва нишондиҳандаҳои макроиқтисодию молиявӣ таъсири манфӣ расонида, фишорҳои қурбиву таваррумиро зиёд менамояд.

Нишондиҳандаи дигари муҳими макроиқтисодӣ - сатҳи таваррум аз сатҳи нишондиҳандаи асосии дар Дурнамои сиёсати пулию қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2018 ва давраи миёнамуҳлат пешбинигардида паст буда, бо арзёбии солона дар нуҳ моҳи соли ҳисоботӣ ба 5,0 фоиз расид (дар ҳамин давраи соли 2017 ба 6,7 фоиз баробар буд). Тибқи ҳисобҳо ба таварруми ҳосилшуда асосан болоравии нархи маҳсулоти хӯроквори ба андозаи 4,8 фоиз, нархи молҳои ғайрихӯроквори 5,7 фоиз ва арзиши хизматрасонии пулакӣ ба аҳолӣ 4,3 фоиз таъсир расонид.

Тамоюли мазкур ба вазъи муътадили бозорҳои ҷаҳонии молу маҳсулот, кам гардидани талаботи истеъмолии аҳолӣ, зиёд шудани пешниҳоди маҳсулоти дохилии кишоварзӣ, мутавозунии талаботу пешниҳодот ва татбиқи сиёсати монетарии зиддитаваррумӣ вобаста мебошад.

Ҳамзамон, дар баробари дастовардҳои назаррас, омилҳои берунии сиёсӣ-иқтисодӣ, номуайянӣ ва ноустувории вазъи молиявию иқтисодии ҷаҳон ба миёнаравии молиявӣ ва раванди рушди қарздиҳӣ таъсири манфӣ расониданд.

Аз тарафи дигар, раванди беҳтаршавии вазъи молиявии низоми бонкии кишвар идома ёфта, дар аксари нишондиҳандаҳои устувории молиявӣ тағйирёбии мусбат мушоҳида гардид. Бахусус, қарзҳои ғайрифаъоли ташкилотҳои қарзӣ, бинобар татбиқи чораҳои солимгардонӣ пайваста коҳиш ёфта, дар моҳи сентябри соли 2018 ба 2,7 млрд. сомонӣ баробар гардид, ки дар муқоиса ба ҳамин моҳи соли қаблӣ 28,6 фоиз кам мебошад. Дар робита ба ин, ҳиссаи қарзҳои ғайрифаъол нисбат ба моҳи сентябри соли 2017 ба андозаи 10,1 банди фоизӣ коҳиш ёфта, ба 31,7 фоиз баробар гардид.

Инчунин бояд тазаккур дод, ки ба ҳолати 30 сентябри соли 2018 меъёри кифоятии сармоя, ки яке аз нишондиҳандаҳои асосии устувории молиявии низоми бонкӣ ба ҳисоб меравад 22,6 фоизро ташкил намуд, ки ин аз талаботи муқарраршуда 10,6 банди фоизӣ зиёд мебошад. Нишондиҳандаи мазкур дар муқоиса ба ҳамин давраи соли гузашта 1,2 банди фоизӣ зиёд аст.

Нишондиҳандаи пардохтпазирии низоми бонкӣ дар ин давра меъёри муқаррарнамударо таъмин намуда, 76,7 фоизро ташкил дод ва нисбат ба охири соли гузашта 2,9 банди фоизӣ зиёд гардид.

Ҳаҷми умумии қарзҳои додашуда ба ҳолати 30 сентябри соли ҷорӣ 5,0 млрд. сомониро ташкил намуд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 5,4 фоиз зиёд мебошад. Теъдоди қарзҳои додашуда 18,2 фоиз ё 64,7 ҳазор адад афзоиш ёфта, ба 419,4 ҳазор адад баробар гардид. Ин нишондод аз зиёд шудани пешниҳоди қарзҳои хурду миёна ва муштариён, аз ҷумла ба соҳибкории хурду миёна шаҳодат медиҳад. Тибқи маълумоти расмии оморӣ 33,7 фоизи қарзҳои додашуда ба соҳибкорони истеҳсолӣ ва аз рӯи соҳаҳо бошад бештари қарзҳо ба савдои хориҷӣ (32,0%), бахши истеъмолӣ (25,0%), кишоварзӣ (10,0%), хизматрасонӣ (8,4%) ва сохтмон (8,8%) равона гардидаанд.

Меъёри фоизи миёнавазни қарзҳои пешниҳодшуда дар давраи ҳисоботӣ бо пули миллӣ 28,5 фоиз ва бо асъори хориҷӣ 16,7 фоизро ташкил дод, ки дар муқоиса ба ҳамин давраи соли қаблӣ мувофиқан 0,8 банди фоиз баланд ва 3,3 банди фоиз паст гардид.

Ба ҳолати 30 сентябри соли 2018 бақияи умумии пасандозҳо дар ин давра 9,6 млрд. сомониро ташкил дод, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 9,7 фоиз зиёд мебошад. Дар таркиби ҳаҷми он пасандозҳо бо пули миллӣ 26,5 фоиз зиёд ва бо асъори хориҷӣ бошад 1,7 фоиз коҳиш ёфт. Инчунин, дар таркиби бақияи умумии пасандозҳо ҳиссаи пасандозҳо бо пули миллӣ 46,4 фоиз ва бо асъори хориҷӣ 53,6 фоизро ташкил намуд (дар ҳамин давраи соли 2017 мутаносибан 40,2 фоиз ва 59,8 фоиз буд), ки раванди мазкур ботадриҷ паст шудани сатҳи долларикунонии иқтисодиётро инъикос менамояд.

Бонки миллии Тоҷикистон дар навбати худ ба мақсади тақвият бахшидани раванди танзим ва назорати фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ, ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои амонатгузорон, иҷрои ӯҳдадориҳои бонкӣ ва ба ин васила нигоҳ доштани эътимоди аҳолӣ ба низоми бонкӣ мунтазам бо ташкилотҳои қарзӣ ҳамкорӣ намуда, ҷиҳати солим гардонидани вазъи молиявии онҳо, паст кардани сатҳи хавфҳои низом, бештар бо пули миллӣ пешниҳод

[2] ММД дар нуҳ моҳ

намудани қарзҳо, бахусус ба соҳаҳои истеҳсолӣ, тадбирҳои зарурӣ андешид.

## 2.ПЕШБУРДИ СИЁСАТИ ПУЛИЮ ҚАРЗӢ БАҲРИ НИГОҲДОРИИ САТҲИ ТАВАРРУМ ДАР ҲУДУДИ НИШОНДИҲАНДАИ ЭЪТИМОДНОК

Дар соли 2018 ҳадафи ниҳоии пешбинигардидаи Бонки миллии Тоҷикистон – нигоҳ доштани сатҳи таваррум дар доираи то 7,0 фоиз (±2 б.ф.) пешбинӣ карда шудааст. Дар робита ба ин, вобаста ба таҳлили вазъи иқтисодиёти кишвар, хавфҳои мавҷуда ва дигаргуниҳо дар иқтисодиёти ҷаҳон дар назар аст, ки сатҳи таваррум то охири сол мунтазам афзоиш ёфта, дар доираи ҳадафи пешбинишуда дар ҳудуди 7,0 (±2 б.ф.) фоизи солона ҷамъбаст хоҳад гардид.

Вобаста ба ҳадафи муайяншуда тибқи таҷрибаи пешрафтаи ҷаҳонӣ фишангу воситаҳои муосири монетарӣ дар ҳамоҳангӣ бо меъёри фоизӣ мавриди истифодаи фаъол қарор дода шуданд.

Дар ин раванд, вобаста ба вазъи муътадили макроиқтисодӣ, сатҳи пасти фишорҳои таваррумӣ Бонки миллии Тоҷикистон меъёри бозтамвилро тадриҷан 2 банди фоизӣ паст намуда, дар сатҳи 14,0 фоизи солона муқаррар намуд.

Ҳамзамон, ҷиҳати таъсирбахш намудани меъёри бозтамвил ба меъёри фоизи байнибонкӣ ва вусъат додани механизми трансмиссионӣ инфрасохтори амалиётҳои монетарӣ бунёд гардида, меъёри фоизи фишангҳои доимамалкунандаи сиёсати монетарӣ, яъне амалиёти кӯтоҳмуддати бозтамвил – қарзҳои рӯзона (интрадей), шабонарӯзӣ (овернайт) ва музоядаҳои қарзӣ бо меъёри фоизи бозтамвил алоқаманд карда шуд, ки ин барои истифодаи меъёри фоизии Бонки миллии Тоҷикистон ҳамчун воситаи огоҳӣ (сигнал) ба бозори молиявӣ мусоидат менамояд.

Ҳудуди поёни амалиётҳои монетарии қарзи шабонарӯзӣ (овернайт) дар сатҳи меъёри бозтамвил ҷамъ 1,0 банди фоизӣ ва фишанги амонатҳои «овернайт» бо меъёри фоизии баробар ба меъёри бозтамвил тарҳи 9 б.ф. мавриди истифода қарор дода шуд.

Ҷиҳати тақвият бахшидан ба фаъолияти бозори молиявӣ, касб намудани мавқеи муосири таъсиррасони фишанги меъёри бозтамвил, ҳавасмандгардонии иштирокчиёни музоядаҳои коғазҳои қиматноки Бонки миллии Тоҷикистон бо роҳи зиёд намудани фоизи воқеии даромаднокӣ, механизми амалиёт дар бозори озод (бо меъёри фоизи прогрессивии ба меъёри бозтамвил алоқаманд) татбиқ карда шуд, ки дар натиҷа талабот ба коғазҳои қиматнок зиёд ва самаранокии идоракунии пардохтпазирӣ ва танзими ҳаҷми пул беҳтар гардид. Дар натиҷа амалиётҳои фурӯши коғазҳои қиматноки Бонки миллии Тоҷикистон дар нуҳ моҳи соли ҷорӣ вобаста ба тағйирёбии нишондиҳандаҳои пулӣ дар ҳаҷми 13,7 млрд. сомонӣ, ки дар муқоиса ба ҳамин давраи соли қаблӣ 2,3 маротиба зиёд мебошад, анҷом дода шуд.

Бо мақсади танзим намудани ҳаҷми пул ва стерилизатсияи пардохтпазирии барзиёд амонатҳои шабонарӯзӣ дар ҳаҷми 13,6 млрд. сомонӣ ҷалб гардид (дар ҳамин давраи соли гузашта амонатҳои шабонарӯзӣ ҷалб нашуда буд). Дар баробари ин, Бонки миллии Тоҷикистон бо мақсади таъмини пардохтпазирии ташкилотҳои қарзӣ дар ин давра ба ташкилотҳои қарзӣ дар ҳаҷми 454,8 млн. сомонӣ қарзҳои кӯтоҳмуддат ҷудо намуд, ки дар муқоиса ба ҳамин давраи соли гузашта 19,5 фоиз зиёд мебошад.

Бо мақсади рушди фишанги сиёсати пулию қарзӣ, муайяннамоии меъёри фоизи воқеӣ, инчунин идоракунии самараноки пардохтпазирӣ ва ҳаҷми пул бори нахуст истифодаи фишанги нави ҷалби амонатҳои кӯтоҳмуддат аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон тавассути музоядаҳо дар моҳи октябри соли 2018 дар назар аст.

***Нишондиҳандаҳои монетарӣ.*** Тибқи Дурнамои сиёсати пулию қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2018 ва давраи миёнамуҳлат реҷаи сиёсати пулию қарзӣ дар давраи гузариш ба ҳадафгирии таваррум тавассути нишондиҳандаи амалиётии монетарӣ - пулҳои захиравӣ амалӣ мегардад.

Дар ин раванд, ҷиҳати нигоҳ доштани тамоили муътадили раванди тағйирёбии пулҳои захиравӣ, пеш аз ҳама чунин ҷузъҳои таркибдиҳандаи он, ба монанди захираҳои софи дохилӣ ва захираҳои софи хориҷӣ, Бонки миллии Тоҷикистон вобаста ба сатҳи талаботи иқтисодиёт, рушди ММД ва нишондиҳандаҳои низоми бонкӣ ва тағйирёбии сохтори муомилоти пулӣ (дедолларикунонии иқтисодиёт) тадбирҳои зарурӣ андешид.

Тибқи маълумоти оморӣ нишондиҳандаи пулҳои захиравӣ, ки ҳамчун ҳадафи амалиётии танзими ҳаҷми пул дар муомилот мебошад ба санаи 30 сентябри соли 2018 маблағи 15,8 млрд. сомониро ташкил намуд, ки дар муқоиса ба ҳамин давраи соли гузашта 15,9 фоиз афзоиш ёфта, ба 23,9 фоизи ММД[3] (дар соли 2017 ба 23,1 фоиз) баробар шуд. Тағйирёбии нишондиҳандаи мазкур

[3] ММД – и солона (12 моҳа)

асосан дар натиҷаи зиёдшавии ҳаҷми пули нақд дар муомилот ба вуҷуд омад, ки ҳиссаи он дар пулҳои захиравӣ 80,8 фоизро ташкил медиҳад. Ҳаҷми пули нақд дар муомилот маблағи 12,8 млрд. сомониро ташкил намуд, ки дар муқоиса ба ҳамин давраи соли қаблӣ 12,4 фоиз зиёд аст. Дар моҳҳои январ – сентябри соли 2018 пули ба муомилот баровардашуда 3,8 млрд. сомонӣ ва аз муомилот гирифташуда 2,5 млрд. сомониро ташкил дод. Дар ҳаҷми умумии пулҳои аз муомилот гирифташуда ҳиссаи пулҳои коршоям ба 63,0 фоиз ва пулҳои фарсуда бошад ба 37,0 фоиз баробар шуд.

Бояд қайд намуд, ки яке аз сабабҳои асосии афзудани талаботи ташкилотҳои қарзӣ ба пули миллӣ ин таъмини мубодилаи ҳатмии интиқолҳои пулии бо рубли русӣ воридшаванда бо пули миллӣ арзёбӣ мегардад. Ин дар натиҷа боиси ба маротиб коҳиш ёфтани гардиши асъори нақди хориҷӣ дар муомилот, паст шудани сатҳи долларикунонии бозори нақдӣ ва муътадилии қурби сомонӣ гардида, бешубҳа барои дигаргун шудани сохтори муомилоти пулӣ дар иқтисодиёт, истифодаи васеи пули миллӣ ҳамчун воситаи қонунии пардохт ва муҳимтар аз ин воситаи андӯхти аҳолӣ мусоидат намуда истодааст. Бинобар ин, яке аз омилҳои асосии зиёдшавии талабот ба пули миллӣ ин пастшавии сатҳи долларикунонӣ дар иқтисодиёт мебошад.

Дар баробари ин нишондиҳандаи васеи ҳаҷми пул (М4), ки яке аз ҳадафҳои миёнаи танзими пул ба ҳисоб меравад, то охири моҳи сентябри соли ҷорӣ раванди мунтазами зиёдшавиро идома дода, нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 10,6 фоиз афзоиш намуд. Нисбат ба ММД бошад, нишондиҳандаи мазкур 28,3 фоизро ташкил дод, ки дар робита ба солҳои қаблӣ қариб бетағйир боқӣ мондааст. Афзоиши нишондиҳандаи мазкур дар соли 2018 бештар аз ҳисоби пули нақди берун аз бонкҳо (М0) ба вуҷуд омад, ки ҳиссаи он дар ҳаҷми умумии афзоиш 59,8 фоизро ташкил намуд. Қобили зикр аст, ки нишондиҳандаҳои дигари унсури пули М1 ва М2 низ бинобар зиёд шудани пасандозҳо бо пули миллӣ раванди зиёдшавӣ дошта, нисбат ба ҳамин давраи соли қаблӣ мувофиқан 14,0 фоиз ва 14,8 фоиз афзоиш ёфтанд. Ҳамзамон, бояд қайд намуд, ки ҳаҷми пасандозҳо бо асъори хориҷӣ вобаста ба сиёсати дедолларикунонӣ пайваста коҳиш ёфтааст ва дар муқоиса ба ҳамин давраи соли гузашта 2,3 фоизро (96,1 млн сомонӣ) ташкил медиҳад.

Суръати гардиши пули миллӣ (М3) ба санаи 30 сентябри соли ҷорӣ ба 4,5 маротиб баробар шуда, нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 2,1 фоиз коҳиш ёфт, ки ин коҳишёбии фаъолнокии иқтисодиро дар кишвар инъикос менамояд. Вобаста ба ин, сатҳи монетизатсия (таъминнокии иқтисодиёт бо пул) 28,3 фоизро ташкил намуд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли қаблӣ 0,5 банди фоизӣ коҳиш ёфтааст. Қобили қайд аст, ки коҳишёбии нишондиҳандаҳои мазкур зиёд шудани талаботи иқтисодиёт ба пули нақдро ифода менамояд.

Таҳлили нишондиҳандаҳои пулии мазкур шаҳодат аз он медиҳад, ки вазъи сиёсати пулию қарзӣ ва низоми бонкии кишвар нисбати солҳои сипаригашта муътадил гардида, пешниҳоди пул ба иқтисодиёти кишвар мунтазам вобаста ба вазъи иқтисодиёт ва афзоиши ММД амалӣ гардид. Бо вуҷуди дастовардҳои назаррас бояд қайд намуд, ки ҳиссаи пули нақди берун аз бонкҳо дар ҳаҷми пули миллӣ нисбатан зиёд буда, ҳиссаи ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ кам мебошад.

***Сатҳи захираҳои байналмилалӣ ва сиёсати қурби асъор.*** Дар давраи ҳисоботӣ ҷиҳати идораи самаранок ва афзун намудани захираҳои байналмилалӣ, ки ба устувории низоми молиявӣ ва иқтисодиёт равона гардидаанд, раванди табдил додани тиллои ғайримонетарӣ ба монетарӣ идома дода шуда, амалиётҳои хариди филизоти қиматбаҳо ва асъори хориҷӣ дар бозорҳои дохилию хориҷӣ тақвият ёфт. Дар натиҷа, ҳаҷми захираҳои умумии байналмилалӣ бо ифодаи доллари ИМА ба санаи 30 сентябри соли 2018 нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 4,8 фоиз (аз ҳисоби коҳишёбии нархи тилло) кам гардида, таъминнокии моҳи воридотии захираҳои умумии хориҷӣ аз 5,5 моҳ ба ҳолати 30 сентябри соли 2017 то ба 4,7 моҳи воридотӣ (нишондиҳандаи воридот тибқи маълумоти Агентии омор) ба санаи 30 сентябри соли 2018 баробар гардид.

Бояд тазаккур дод, ки қурби асъор яке аз каналҳои асосии механизми трансмиссионии сиёсати пулию қарзии Бонки миллии Тоҷикистон ба ҳисоб рафта, тағйирёбии он ба интизории таваррум ва болоравии нархи маҳсулоти воридотӣ таъсир мерасонад.

Дар моҳҳои январ-сентябри соли ҷорӣ қурби расмии сомонӣ нисбат ба доллари ИМА 6,8 фоиз коҳиш ёфт (дар ҳамин давраи соли гузашта 11,8 фоиз). Омилҳое, ки ба тағйирёбии қурби пули миллӣ нисбат ба доллари ИМА боис шуданд ин боқӣ мондани бақияи манфии тавозуни савдои ҷумҳурӣ, сиёсати қатъии пулию қарзии ИМА, коҳишёбии вуруди асъори хориҷӣ ва афзоиш ёфтани хароҷотҳои Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар робита ба сохтмони иншоот ва пардохтҳои беруна мебошанд.

Бонки миллии Тоҷикистон бо назардошти вазъи бозори асъори дохилӣ ва қурби самараноки воқеии сомонӣ дахолатҳои асъориро (фурӯши доллари ИМА-ро дар бозори байнибонкӣ) бо истифода аз механизми мутамарказӣ хариду фурӯши рубли русӣ анҷом дода, талаботи бозори дохилии асъори хориҷиро ба танзим даровардa истодааст.

## 3. ТАТБИҚИ ИСЛОҲОТ ДАР БАХШИ СИЁСАТИ ПУЛИЮ ҚАРЗӢ БАРОИ ГУЗАРИШ БА РЕҶАИ ҲАДАФГИРИИ ТАВАРРУМ

Бояд қайд намуд, ки то кунун механизми сиёсати пулию қарзии Бонки миллии Тоҷикистон расман таҳти реҷаи ҳадафгирии пулҳои захиравӣ татбиқ гашта, танзими он бахри таъмини афзоиши муътадили ҳаҷми пул дар иқтисодиёт, нигоҳдории сатҳи муътадили талабот ва таваррум ба роҳ монда шудааст. Дар ин раванд, бо баробари таҳким ёфтани унсурҳои талаботу таклифот дар иқтисодиёт дар кишвар мунтазам зиёдшавии нишондиҳандаҳои миқдории пулӣ ба назар мерасид, ки барои идоракунии нишодиҳандаи ба нақша гирифташудаи ҳаҷми пул, фишангҳои захираҳои ҳатмӣ, танзим ва назорати асъор истифода мешуд.

Маълумоти оморӣ шаҳодат аз он медиҳанд, ки дар таҷриба сатҳи пулҳои захиравӣ аз нақшаи тасдиқгардида ва ҳудудҳои он метавонад берун барояд, ки ин дар навбати худ ба раванди татбиқи сиёсати пулию қарзи номуайянӣ ворид намуда, дараҷаи баҳодиҳӣ ва таъсирнокии онро душвор мегардонад. Зеро истифодаи механизми ҳадафгирии пулҳои захиравӣ вобаста ба мавҷудияти як қатор мушкилиҳо дар низоми молиявию бонкии кишвар бо сатҳи нархҳо вобастагии начандон қавӣ (коррелятсия) дорад.

Таҳлилҳо собит месозанд, ки раванди афзоиши нишондиҳандаҳои пулӣ бо сатҳи таваррум дар давраи дарозмуддат ба ҳам вобаста буда, бештар бо талаботи иқтисодиёт тағйир ёфтааст. Вале мавҷуд набудани чунин вобастагӣ дар давраи кӯтоҳ ва миёнамуддат боиси коста гардидани самаранокӣ ва эътимоднокии механизми мазкур мегардад.

Бояд тазаккур дод, ки Бонки миллии Тоҷикистон дар асоси афзалиятҳои рушди устувори иқтисодӣ ва таъмини суботи молиявии кишвар бори нахуст «Стратегияи сиёсати пулию қарзӣ ва асъорӣ барои соли 2016-2020»-ро бо мақсади муайян намудани самтҳои асосии сиёсати пулию қарзӣ ва асъорӣ ҷиҳати ноил гардидан ба ҳадафи ниҳоии Бонки миллии Тоҷикистон – сатҳи муътадили нархҳо дар давраи дарозмуддат тарҳрезӣ намуд, ки он ташкили механизми самараноки таҳия ва татбиқи сиёсати пулию қарзӣ, барпои инфрасохтори муосири амалиётӣ-молиявӣ ва амалисозии дигар афзалиятҳои дахлдорро дар давраи миёнамуҳлат дар бар мегирад.

Стратегияи мазкур самтҳои асосии сиёсати пулию қарзӣ ва асъорӣ – густариши ислоҳоти институтсионалӣ, таҳкими фишангҳо ва вусъатдиҳии дараҷаи таъсирбахшии онҳо ба меъёрҳои фоизии кӯтоҳмуддати бозори пулӣ, маҷмӯи талабот ва сатҳи тавaррумро дар бар гирифта, ҳадафи асосии он тадриҷан фароҳам овардани фазои мусоид ва заминаи устувор ҷиҳати гузариш аз реҷаи пулҳои захиравӣ (миқдор) ба реҷаи нави татбиқи сиёсати пулию қарзӣ - ҳадафгирии таваррум (сифат) мебошад.

Дар робита ба ин, Бонки миллии Тоҷикистон дар «Дурнамои сиёсати пулию қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2018 ва давраи миёнамуҳлат» гузариш ба реҷаи сифатан нави татбиқи сиёсати пулию қарзӣ – ҳадафгирии таваррумро ҳамчун ҳадафи асосии худ муайян намуд.

Тибқи таҷрибаи ҷаҳонӣ барои гузариш ба реҷаи ҳадафгирии таваррум бояд фазои мусоид барои такмил додани фишангҳои монетарӣ ва механизмҳои амалисозии онҳо, татбиқи сиёсати қурби озодшинокунанда, устувор намудани нишондиҳандаҳои молиявии низоми бонкӣ, беҳтар намудани ҳамгироии сиёсати монетарӣ бо фискалӣ, мустақилияти бонки марказӣ, такмили раванди ахборотдиҳӣ ба омма ва шаффофияти фаъолият, инчунин афзун намудани иқтидори таҳлилию дурнамосозӣ фароҳам оварда шавад.

Вобаста ба ин, аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон тадбирҳои зерин андешида шуданд:

- Тибқи Низомнома «Дар бораи Кумитаи сиёсати пулию қарзии Бонки миллии Тоҷикистон» (аз 29 ноябри соли 2016, №147 дар таҳрири нав тасдиқ гардид) раванди қабули қарор оид ба мавқеи сиёсати пулию қарзӣ дар ҷаласаҳои Кумита беҳтару самаранок гардонида шуд.
- Бо мақсади таҳкими заминаи меъёрии ҳуқуқии амалиёти монетарӣ ба Дастурамали 189 «Дар бораи коғазҳои қиматноки Бонки миллии Тоҷикистон» бо қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон аз 31 январи соли 2017, №1 тағйиру иловаҳо ворид гардиданд.
- Бо мақсади вусъат додани таъсирбахшии сиёсати пулию қарзӣ инфрасохтори амалиётии сиёсати пулию қарзӣ ташкил ва такмил дода шуд.
- Ҷиҳати тақвият бахшидани фаъолияти бозори молиявӣ, касб

намудани мавқеи муосири таъсиррасони фишанги меъёри бозтамвил, ҳавасмандгардонии иштирокдорони музоядаҳои коғазҳои қиматноки Бонки миллии Тоҷикистон бо роҳи баланд намудани фоизи воқеии даромаднокӣ, механизми нави амалиёт дар бозори озод (бо меъёри фоизи прогрессивӣ) амалӣ шуд, ки дар натиҷа талабот ба коғазҳои қиматнок зиёд ва самаранокии идоракунии пардохтпазирӣ ва танзими ҳаҷми пул беҳтар гардид.

• Ҷиҳати мушаххас намудани ваколати афзалиятноки нигоҳдории муътадилии сатҳи нархҳо, бо қарори Кумитаи сиёсати пулию қарзии Бонки миллии Тоҷикистон аз 2 августи соли 2017, №4 дар саҳифаи аввали сомонаи Бонки миллии Тоҷикистон ҳадафи рақамии таваррум (нишондиҳандаи мақсаднок) барои давраи миёнамуҳлат дар сатҳи 7,0 (+/- 2) фоиз интишор карда шуд. Қарори мазкур ҳамчун як қадами муҳим дар ин самт арзёбӣ мегардад, ки масъулият ва тасмимгириҳои Бонки миллии Тоҷикистонро ҷиҳати ноилгардӣ ба ҳадафи рақамии зикршуда нишон медиҳад.

Яке аз ҷанбаҳои муҳим дар реҷаи ҳадафгирии таваррум ин таъмини шаффофият ва ҷорӣ намудани механизми босамари раванди ахборотдиҳӣ, яъне мунтазам ва саривақт ба самъи омма расониданы ахборот оид ба самтҳои асосии сиёсати пулию қарзӣ ва асъорӣ, мақсаду вазифаҳо ва раванди ноил гардидан ба онҳо, нашр намудани маълумоти таҳлилӣ оид ба вазъи иқтисодӣ, моделҳои истифодашаванда ва дурнамои нишондиҳандаҳои дахлдори бахши монетарӣ ба шумор меравад. Дастрасии саривақтии маълумоти муфассал барои афзун намудани эътимод дар татбиқи сиёсат, аз байн бурдани номуайянӣ дар бозорҳои молиявӣ, инчунин баланд бардоштани маърифати молиявӣ ва дарки раванди таҳия ва татбиқи сиёсати пулию қарзӣ ва асъорӣ аз ҷониби ҷомеа муҳим дониста мешавад.

Дар робита ба ин, бо мақсади такмил додани раванди иттилоотонӣ ва беҳтар намудани сифати дастрасии маълумот, дар сомонаи Бонки миллии Тоҷикистон дар қисмати «Сиёсати пулӣ» маълумот оид ба мақсад ва вазифаҳои сиёсати пулию қарзӣ ва раванди ноил гардидан ба он, механизму фишангҳои сиёсати пулию қарзӣ ва заминаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқии он нашр карда шудааст. Инчунин, бахри таъмини шаффофияти раванди татбиқи сиёсати пулию қарзӣ, мунтазам дар сомонаи Бонки миллии Тоҷикистон Изҳороти мухтасар оид ба ҷаласаҳои Кумитаи сиёсати пулию қарзии Бонки миллии Тоҷикистон, қарорҳои он ва муаррифӣ дар зеркисми алоҳидаи бахши сиёсати пулию қарзӣ бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ нашр шуда истодааст.

• Барои идоракунии самараноки пардохтпазирӣ ва истифодаи самараноки фишангҳои сиёсати пулию қарзӣ дар доираи кумаки техникии Бонки Швейтсария ва ХБА механизми пешгӯии пардохтпазирӣ ба роҳ монда шуд.

• Ҷиҳати афзун намудани иқтидори таҳлилию тадқиқотӣ ва такмили раванди дурнамосозӣ, дар доираи ҳамкориҳои техникӣ бо БАТР ва ширкати тадқиқотии OGResearch модели асосии дурнамои нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ (QPM) такмил дода шуд. Ҳамзамон, дар ҳамкорӣ бо Бонки Рушди Авруосиё модели муосири нав (DSGE) барои гузаронидани таҳлил ва дурнамои нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ ҷорӣ карда шуд.

• Бо мақсади табдил додани меъёри бозтамвили Бонки миллии Тоҷикистон ба меъёри фоизи калидӣ ва нишондиҳандаи асосноки инъикоскунандаи мавқеи сиёсати монетарӣ дар бозори пулӣ, ҳамаи фишангҳои сиёсати пулию қарзӣ бо меъёри бозтамвил пайваст карда шуданд. Ин имкон медиҳад, ки механизми трансмиссионии алоқамандии меъёри бозтамвил бо меъёри ниҳоии фоизӣ ташкил ва пурзӯр карда шавад.

• Ҳамзамон, ҷиҳати таҳким ва муассир намудани фишангҳои нав ва доимамалкунандаи монетарии бо пули миллӣ ифодаёфта, аз қабили қарзҳои шабонарӯзӣ (овернайт), қарзҳои рӯзона (интрадей), музоядаҳои қарзӣ (7 ва 14 рӯза) ва пасандозҳои шабонарӯзӣ чораҳои зарурӣ андешида шуда, истифодаи мунтазами онҳо дар вақтҳои зарурӣ таъмин карда шуд.

Бо мақсади таҳким бахшидани раванди танзим ва назорати фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ ва ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои қонунии амонатгузорон, тибқи таҷрибаи байналмилалӣ Бонки миллии Тоҷикистон ба қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон», «Дар бораи фаъолияти бонкӣ», «Дар бораи барҳамдиҳии ташкилотҳои қарзӣ» ва «Дар бораи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ» тағйироту иловаҳоро ташаббус намуд, ки бо тартиби муқарраргардида дар соли ҷорӣ қабул гардида, аз санаи 09 августи соли 2018 мавриди амал қарор доранд. Татбиқи қонунҳои ишорашуда, ки дар натиҷаи тағйиру иловаҳо такмил ёфтанд, заминаи ҳуқуқии танзим ва назорати низоми бонкиро тақвият дода, ба суботи низоми бонкӣ мусоидат хоҳанд кард.

## 4. НИШОНДИҲАНДАИ МАҚСАДНОК ВА ТАТБИҚИ МЕХАНИЗМУ ВОСИТАҲОИ СИЁСАТИ ПУЛИЮ ҚАРЗӢ ДАР СОЛИ 2019 ВА ДАВРАИ МИЁНАМУҲЛАТ

Бояд қайд намуд, ки вазъи номуътадили молиявию иқтисодӣ дар ҷаҳон ва таҳримҳои иқтисодӣ дар кишварҳои шарикони тиҷоратӣ то ҳанӯз идома ёфта, эҳтимолияти шадидтар гардидани онҳо дар солҳои минбаъда низ дар назар аст.

Сатҳи таваррум, гарчанде то андозае дар доираи тағйирёбии муътадил нигоҳ дошта шуда бошад ҳам, аммо ҳанӯз вобаста ба таъсири таконҳои берунаи иқтисодӣ ва молиявӣ ноустувор боқӣ мемонад. Инчунин, вобаста ба хусусияти воридотӣ доштани иқтисодиёт, батанзимдарории қурби асъор дар механизми сиёсати пулию қарзӣ ҳоло ҳам аҳамияти зиёд дорад.

Мутобиқи маълумоти расонаҳои хабарӣ дар солҳои минбаъда болоравии меъёри фоизии Низоми захиравии федералии ИМА, афзоиши бастаи таҳримҳои нав нисбат ба кишварҳои шарикони савдо, бахусус, Федератсияи Русия, Хитой ва Туркия ва сар задани зиддияти савдо миёни кишварҳо дар назар аст.

Омили дигаре, ки одатан зиёдшавии фишорҳои қурбиву таваррумии берунӣ-иқтисодиро вусъат медиҳад, сиёсати қатъии Низоми захиравии федералӣ мебошад. Дар охири моҳи октябри соли ҷорӣ меъёри фоизии он 0,25 банди фоизӣ баланд бардошта шуда, дар сатҳи 2,25 фоизи солона муқаррар гардид. Ҳамзамон, вобаста ба маълумоти расонаҳои хабарӣ дар назар аст, ки нишондиҳандаи мазкур дар солҳои минбаъда низ тағйир дода мешавад, ки ин бевосита ба устуворшавии қурби доллари ИМА оварда мерасонад.

Дар ин раванд, дар натиҷаи боз ҳам шадид гардидани ноустуворӣ ва номуайяниҳо дар кишварҳои шарикони савдо, афзудани фишорҳои қурбиву таваррумӣ ва зиёдшавии хавфу хатарҳои иқтисодӣ ба кишвар аз эҳтимол дур намебошад.

Ҳолати мазкур Бонки миллии Тоҷикистонро водор менамояд, ки барои расидан ба ҳадафҳои пешбинишуда, нигоҳдории вазъи муътадили макроиқтисодӣ, пешгирӣ намудани фишорҳои қурбию таваррумӣ ва таъмини фаъолияти муназзами низоми молиявӣ сиёсати мутавозуни самарабахши пуливу қарзӣ ва асъориро амалӣ намояд. Ҳамзамон, ҷиҳати бартараф намудани мушкилиҳои ҷойдошта, зиёд намудани самаранокии фишангҳои сиёсати пулию қарзӣ ва механизми трансмиссионии он тамоми имкониятҳоро истифода барад.

***Нишондиҳандаи мақсаднок дар давраи миёнамуҳлат.*** Дар соли 2019 ҳадафи таваррум дар доираи 7,0 фоиз (±2 б.ф.) ва давраи миёнамуҳлат, яъне дар солҳои 2020 ва 2021 дар доираи 6,0 фоиз (±2 б.ф.) пешбинӣ карда мешавад.

Бояд тазаккур дод, ки дар соли минбаъда низ таҳаввулот ва таҳкиму тақвияти низоми бонкӣ ва сиёсати пулию қарзии кишвар идома хоҳад ёфт, ки ин барои пурра гузаштан ба ҳадафгирии таваррум, афзоиши таъсирнокии фишангҳо ва механизми трансмиссионии фоизии сиёсати пулию қарзӣ мусоидат менамояд.

Қобили қайд аст, ки Бонки миллии Тоҷикистон бахри татбиқ ва тақвияти сиёсати воқеан самараноки пулию қарзӣ механизми нави марҳила ба марҳила гузариш ба низоми ҳадафгирии таваррумро ба нақша гирифтааст. Вобаста ба ин, дар соли 2019 татбиқи як қатор чораҳои иловагӣ низ ҷиҳати тақвияти фишангҳои амалиётии монетарӣ, идоракунии захираҳои байналмилалӣ, ҳамоҳангии сиёсати фискалӣ ва монетарӣ, сиёсати коммуникатсионӣ ва солимгардонии низоми бонкӣ мувофиқи мақсад мебошад.

**Сиёсати фоизӣ ва фишангҳои амалиётии монетарӣ.** Сиёсати фоизии Бонки миллии Тоҷикистон ҳамчун маҳаки меъёри фоизии ҳудудҳои амалиётии монетарӣ пеш аз ҳама барои таъсирбахшӣ ба меъёрҳои фоизии кӯтоҳмуддати бозори пулӣ ва ба ин васила ба вазъи макроиқтисодӣ, сатҳи маҷмӯи талабот ва меъёри таваррум равона мегардад. Ҳудуди болоии меъёри фоизӣ фишанги доимдастраси қарзҳои «овернайт», ҳудуди поёнӣ амонатҳои «овернайт» буда, барои пешниҳоди пардохтпазирии кӯтоҳмудат ва ё ҷалби амонатҳои ташкилотҳои қарзӣ мавриди истифода қарор дода мешавад.

Дар татбиқи сиёсати пулию қарзӣ фишангҳои маъмулии амалиёт дар бозори озод аз рӯи меъёри фоизи прогрессивӣ амалӣ гардида, ҳаҷми амалиётҳо вобаста ба вазъи пардохтпазирӣ ва нишондиҳандаҳои пулӣ муайян мегардад.

Дар давраи миёнамуҳлат ҷиҳати танзим намудани сармояи кӯтоҳмуддати ташкилотҳои қарзӣ механизми захираҳои ҳатмӣ ба таври низоми миёна ба роҳ монда шуда, бо мақсади паст намудани сатҳи долларикунонӣ ва баланд бардоштани эътимоди мардум ба пули миллӣ меъёри фоизии захираҳои ҳатмии дусатҳа (аз рӯи пасандозҳо бо пули миллӣ ва бо асъори хориҷӣ) бетағйир нигоҳ дошта мешавад.

Тақвият додани самаранокии фишанги фоизӣ ва таъсирнокии он бо рушди бозори молиявӣ ва солимии низоми бонкии кишвар алоқамандии наздик дошта, бо

мақсади ҷоннок намудани канали трансмиссионӣ, бартараф намудани мушкилиҳои ҷойдошта тавассути гузаронидани ислоҳоти сохторию институтсионалӣ ва мукаммалгардонии амалиётҳои марбут ба татбиқи сиёсати пулию қарзӣ ҳалли масъалаҳои зерин зарур мебошанд:

- Мусоидат ба рушди инфрасохтори молиявӣ ва бозори байнибонкии қарзӣ;
- Афзун намудани эътимоди мардум ба пули миллӣ, ғайридолларикунонии (дедолларизатсияи) бахши молиявӣ ва вусъат додани ҳиссаи амалиётҳои ғайринақдӣ дар муомилот;
- Таъмини устувории низоми бонкӣ;
- Такмилдиҳии минбаъдаи заминаи меъёрии ҳуқуқии амалкунанда ва ба амалияи муваффақи ҷаҳонӣ мутобиқ намудани он барои таъмини самаранокии раванди таҳия ва татбиқи сиёсати пулию қарзӣ, инчунин зиёд намудани шаффофият ва эътимод ба низоми бонкӣ.

***Идоракунии захираҳои байналмилалӣ ва сиёсати қурби асъор.*** Сиёсати идоракунии захираҳои тиллою асъории Бонки миллии Тоҷикистон ба мақсаду вазифаҳои сиёсати пулию қарзии давлат мувофиқ буда, барои аз хавф эмин доштан ва зиёд намудани ҳаҷми даромаднокии онҳо равона мегардад.

Вобаста ба ин, ҷиҳати идораи самаранок ва нигоҳ доштани сатҳи мақбули захираҳои байналмилалӣ бахри таъмини суботи молиявӣ ва иқтисодиёт амалиётҳои хариди филизоти қиматбаҳо аз бозори дохилӣ бо пули миллӣ, амалиёти асъорӣ бо дарназардошти вазъи пардохтпазирӣ анҷом дода шуда, диверсификатсияи захираҳои байналмилалӣ ва ҷойгиркунии онҳо бо дарназардошти баҳодиҳии хавфҳои асъорӣ, тағйирёбии нархи филизоти қиматбаҳо амалӣ мегардад.

Сиёсати қурби асъор дар асоси речаи «шинокунандаи танзимшаванда» амалӣ гашта, фарқияти байни қурби расмии асъори хориҷӣ ва қурби бозории онҳо дар ҳудуди то 2 фоиз нигоҳ дошта мешавад.

***Идоракунии самараноки пардохтпазирӣ.*** Бо мақсади идоракунии самараноки пардохтпазирӣ амалиётҳои монетарӣ тавассути фишангҳои амалиётии фурӯши коғазҳои қиматноки Бонки миллии Тоҷикистон, амонатҳои кӯтоҳмуддат бо пули миллӣ аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон, амонатҳои шабонарӯзӣ дар асоси дурнамои пардохтпазирӣ ба роҳ монда шуда, дар ҳолати норасоии пардохтпазирии ташкилотҳои қарзӣ тавассути фишанги доимдастраси қарзҳои рӯзона (интрадей), шабонарӯзӣ (овернайт) ва музоядаҳои қарзӣ таъмин карда мешавад.

Бо мақсади ҷоннок намудани амалиётҳои пешниҳоди пардохтпазирии кӯтоҳмуддат ва васеъ намудани доираи предмети гарав дар амалиётҳои Бонки миллии Тоҷикистон, ба Дастурамали №220 «Оид ба амалиётҳои кӯтоҳмуддати бозтамвил» ворид намудани тағйиру иловаҳо пешбинӣ мегардад.

**Такмили механизми ҳамоҳангии сиёсати фискалӣ ва монетарӣ.** Мувофиқи таҷрибаи мамлакатҳои хориҷа раванди татбиқи босамари сиёсати пулию қарзӣ ва макроиқтисодии давлат аз ҳамоҳангии фаъолият ва мувофиқа бо ҳамаи сохторҳо, бахусус ниҳоди фискалӣ вобастагии зиёд дорад.

Тибқи назария ва амалияи сиёсати иқтисодӣ ҳамоҳангии сиёсати монетарӣ бо фискалӣ барои таъмини вазъи муътадили макроиқтисодӣ муҳим арзёбӣ мегардад. Зеро мувозинатии сиёсати фискалӣ ва хароҷоти буҷетии ба иқтидори воқеии иқтисодиёт муносиб на танҳо барои нигоҳ доштани устувории буҷети давлат, балки барои татбиқи сиёсати босамари пулию қарзӣ ва нигоҳ доштани сатҳи муътадили нархҳо мусоидат менамояд. Ва баръакс, барзиёдии касри буҷет билохир ба ноустувории макроиқтисодӣ, афзуншавии талабот ба пул, сатҳи нишондиҳандаҳои пулӣ ва фишорҳои таваррумӣ оварда мерасонад.

Бояд қайд намуд, ки дар соли ҷорӣ Шӯрои миллии суботи молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун мақоми байниидоравии доимоамалкунандаи машваратӣ бо мақсади пешгирӣ ва бартараф намудани таъсири манфии хавфҳои эҳтимолӣ ва бӯҳронҳои молиявии ҷаҳонӣ ба иқтисодиёти миллӣ таъсис дода шуд. Вобаста ба ин, ҳангоми зиёд шудани хавфҳо дар бахши молиявӣ ва таъсири омилҳои дохилию берунӣ ба иқтисодиёти кишвар, баррасии масъалаҳои марбут ба мақомоти дахлдор дар доираи Шӯрои миллии суботи молиявӣ мувофиқи мақсад мебошад.

Нигоҳ доштани сатҳи муътадили қарзи берунӣ низ ҷиҳати кам намудани талабот ба асъори хориҷӣ барои пардохти минбаъдаи уҳдадориҳо дар татбиқи сиёсати асъории кишвар аҳамияти махсус дорад. Аз ин лиҳоз, ҳамкории наздик ва ҳамоҳангсозии фаъолияти кории ҳамарӯза дар раванди татбиқи сиёсати фискалӣ ва пулӣ байни Вазорати молия ва Бонки миллӣ барои пешгирии таъсири хавфҳои эҳтимолӣ, ки масъулияти ҳардуи сохторҳои калидии кишвар ба ҳисоб меравад, бахри рушди минбаъдаи иқтисодиву иҷтимоии кишвар ҳатмӣ мебошад.

Вобаста ба ин, ҷиҳати зиёд намудани самаранокии татбиқи сиёсати пайгиронаи фискалию монетарӣ

баҳри таъмини суботи молиявӣ ва муътадилии нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ Ёддошти тафоҳум миёни мақомоти молиявию Бонки миллии Тоҷикистон оид ба табодули маълумот ба тасвиб расонида мешавад.

***Татбиқи стратегияи коммуникатсионӣ.*** Бо мақсади татбиқи яке аз рукнҳои ҳадафгирии таваррум - таъмини шаффофият ва таҳкими канали коммуникатсионии сиёсати пулию қарзӣ, беҳтар намудани раванди ахборотдиҳӣ, механизму фишангҳои коммуникатсионӣ барои таъсиррасонӣ ба интизориҳои таваррумӣ, ба рафтори агентҳои иқтисодӣ амалан истифода бурда мешаванд. Дар робита ба ин, таҳия ва татбиқи Стратегияи коммуникатсионии Бонки миллии Тоҷикистон дар самти сиёсати пулию қарзӣ дар назар аст.

**Таъмини устувории молиявии низоми бонкӣ.** Татбиқи босамари реҷаи ҳадафгирии таваррум бидуни фазои институтсионалии тараққиёфта ва фаъолияти солими низоми бонкӣ имконнопазир мебошад. Бинобар ин, ҷиҳати таъмини устувории низоми бонкӣ, вусъат додани дастрасии молиявӣ, коҳиш додани хавфҳои ҷойдошта ва рушди миёнаравии молиявӣ дар минтақаҳои кишвар, иҷрои талаботи зерин мувофиқи мақсад мебошад:

- идома додани раванди солимгардонии фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ ва пурзӯр намудани назорати онҳо;
- такмил додани низоми идоракунии дороиҳо ва уҳдадориҳо, инчунин баланд бардоштани сатҳи идоракунии корпоративӣ дар ташкилотҳои қарзӣ;
- мусоидат ба рушди бозори коғазҳои қиматнок дар ҷумҳурӣ, бахусус коғазҳои қиматноки корпоративӣ;
- такмил додани санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва таъмини риояи ҳатмии онҳо;
- ҷорӣ намудани хизматрасониҳои муосири бонкӣ, аз ҷумла амалиётҳои бонкдории исломӣ ва ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ, инчунин ҷалби бештари муштариён;
- таҳти назорати доимӣ қарор додани фаъолияти ҳамаи бахшҳои низоми молиявӣ;
- ташкил намудани феҳристи қарзӣ дар Бонки миллии Тоҷикистон.




Сатҳи таваррум бошад, дар натиҷаи мувозинати талаботу пешниҳодот дар бозори истеъмолӣ ва истифодабарии самараноки фишангҳои монетарӣ муътадил нигоҳ дошта шуда, аз ҳадафи мақсадноки муайянкардашуда (7 (±2%) фоизи солона) пасттар (1,6%) ҷамъбаст гардид.

# БОВАРӢ ВА ЭЪТИМОДИ МАРДУМ МАРОМИ НИЗОМИ БОНКӢ АСТ

**Дар ҷаласаи васеъи роҳбарияти Бонки миллии Тоҷикистон бо роҳбарони ташкилотҳои қарзии ватанӣ ва хориҷӣ, шуъбаҳои минтақавии Бонки миллии Тоҷикистон, Хазинаи суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ, Ассотсиатсияи бонкҳои Тоҷикистон ва бюроҳои таърихи қарз, ки 25 январи соли равон баргузор гардид, ҷамъбасти фаъолияти низоми бонкӣ дар соли 2018 ва вазифаҳо барои соли 2019 мавриди муҳокимаи ҳамаҷонибаи иштирокдорон қарор гирифтанд.**

Дар ибтидои ҷаласа Раиси Бонки миллии Тоҷикистон Ҷамшед Нурмаҳмадзода аҳли нишастро ба иҷрои дастуру супоришҳои Паёми Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, маҷлиси Ҳукумати ҷумҳурӣ, ки ба масъалаҳои низоми бонкӣ дар самти пурзӯр намудани назорат ва солимгардонии низоми бонкӣ, татбиқи сиёсати самараноки пулию қарзӣ, таъмини суботи молиявӣ, пешбурди сиёсати мутавозуни пулию қарзӣ бо истифода аз фишангҳои муосир ва мусоидат ба рушди устувори иқтисодӣ ва андешидани тадбирҳои саривақтию чораҳои таъхирнопазир ва вазифаҳои дигари дар пеш гузошташуда даъват ва роҳнамоӣ намуд. Аз ҷумла, номбурда таъкид карданд, ки Бонки миллии Тоҷикистон ҷиҳати таъмини суботи молиявӣ, татбиқи сиёсати самараноки пулию қарзӣ, солимгардонии низоми бонкӣ ва мусоидат ба рушди устувори иқтисодӣ як қатор тадбирҳои зарурӣро амалӣ намуда, баҳри боз ҳам вусъат додани фаъолияти низом дар ин самт чораҳои таъхирнопазир андешида истодааст.

Ҷамшед Нурмаҳмадзода дар ҷараёни суханронии хеш иброз дошт, ки ҳаҷми Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ (ММД) дар соли 2018 ба 68,8 млрд. сомонӣ



расид, ки нисбат ба ҳамин давраи соли пеш 12,7 фоиз афзоиш ёфта, рушди воқеии он 7,3 фоизро ташкил намуд.

Сатҳи таваррум бошад, дар натиҷаи мувозинати талаботу пешниҳодот дар бозори истеъмолӣ ва истифодабарии самараноки фишангҳои монетарӣ муътадил нигоҳ дошта шуда, аз ҳадафи мақсадноки муайянкардашуда (7 (±2%) фоизи солона) пасттар (1,6%) ҷамъбаст гардид.

Изҳор карда шуд, ки чун пештара сиёсати қурбӣ ба реҷаи "шинокунандаи танзимшаванда" идома дода шуда, ҷиҳати идоракунии самараноки сиёсати пулию қарзӣ ва афзун намудани ҳаҷми захираҳои байналмилалӣ амалӣ гардид. Тавре нишондиҳандаҳои соли 2018 шаҳодат медиҳанд, қурби расмии сомонӣ нисбат ба доллари ИМА 6,9 фоиз коҳиш ёфт, вале дар баробари ин, дар

> Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ (ММД) дар соли 2018 ба 68,8 млрд. сомонӣ расид, ки нисбат ба ҳамин давраи соли пеш 12,7 фоиз афзоиш ёфта, рушди воқеии он 7,3 фоизро ташкил намуд.

соли 2017 коҳишёбии қурб ба 12 фоиз баробар буд. Фарқияти байни қурби расмӣ ва қурби нақдӣ дар санаи 31 декабри соли 2018 то ба 3,9 фоиз баробар гардид.

Ҳамчунин таҳлилҳо нишон доданд, ки баланд шудани қурби доллари ИМА ва номуътадил гаштани вазъи бозори дохилии асъор дар соли 2018 бинобар сабаби паст шудани қурби рубли русӣ нисбат ба доллари ИМА, зиёд гардидани тавозуни манфии савдо (зиёда аз 2,1 млрд. доллари ИМА), афзудани фаъолияти истеҳсолию тиҷоратӣ, афзоиши хароҷоти асъории буҷети давлатӣ барои сохтмони иншооти муҳими давлатӣ ва таъсири омилҳои мавсимӣ ба амал омад.

Бо мақсади таъминнокии иқтисодиёт бо пули миллӣ дар соли ҳисоботӣ қариб 1,5 млрд. сомонӣ ба муомилот бароварда шуда, сатҳи монетизатсия 28 фоизро ташкил дод.

Илова бар ин, таъкид шуд, ки ҷиҳати пешгирӣ ва паст намудани хавфҳои асъорию қурбӣ, дар сатҳи муътадил нигоҳ доштани сатҳи таваррум ва фаъолгардонии бозори молиявӣ 159 музоядаи коғазҳои қиматнок ба маблағи 19,6 млрд. сомонӣ гузаронида шуд, ки нисбат ба соли 2017 зиёда аз 2,3 маротиба ё 10,9 млрд. сомонӣ зиёд мебошад. Инчунин, амонатҳои шабонарӯзӣ аз ташкилотҳои қарзӣ ба маблағи 39,3 млрд. сомонӣ ҷалб гардид.

Раиси Бонки миллии Тоҷикистон дар идомаи суханронииаш



иброз дошт, ки Бонки миллӣ ҷиҳати иҷрои самтҳои асосии сиёсати пулию қарзӣ ва устувории низоми бонкии кишвар дар ҳамкорӣ бо мақомоти дахлдор тамоми чораҳои заруриро андешида, раванди ислоҳоти соҳаи бонкдориро барои баланд бардоштани рушди иқтисодию иҷтимоии кишвар равона месозад. Инчунин, Бонки миллии Тоҷикистон мониторинги доимии фаъолияти низоми бонкиро идома дода, бо мақсади баланд бардоштани самаранокии фаъолият ва боварию эътимоди аҳолӣ ба низоми бонкӣ ислоҳоти сохторӣ ва солимгардониро амалӣ менамояд.

Сипас, дар назди ҳозирин оид ба вазъи низоми бонкӣ дар соли 2018 ва вазифаҳо барои соли 2019 директори Департаменти назорати бонкии Бонки миллии Тоҷикистон Нурмуҳаммад Шарипов бо рӯнамоии муфассал баромад намуд. Дар ҷараёни пешниҳоди рӯнамоӣ номбурда диққати роҳбарони ташкилотҳои қарзиро ба вазифаҳое, ки аз Паёми Пешвои миллат ба Парлумони маммлакат барои низоми бонкӣ бармеоянд, ҷалб кард. Зиёд намудани ҳаҷми қарз ба бахши хусусӣ, махсусан, ба соҳаҳои истеҳсолӣ, беҳтар кардани сифати сандуқи қарзӣ ва кам кардани қарзҳои ғайрифаъол бо мақсади нигоҳ доштани суботи низоми бонкӣ, беҳтар гардонидани сатҳу сифати хизматрасониҳо, омода кардани мутахассисони соҳаи бонкдорӣ ва баланд бардоштани савияи касбии онҳо, вусъат бахшидани амалияи ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ ва ба таври васеъ ҷорӣ намудани он, вусъат бахшидани кор ҷиҳати татбиқи иқтисодиёти рақамӣ ва ғайра аз ҷумлаи онҳост.

Ҳамчунин, дар идомаи рӯнамоӣ оид ба вазъи низоми пардохтӣ – кортҳои пардохтӣ (шумора ва сохтори кортҳо ва амалиёт бо онҳо), инфрасохтори



пардохтӣ, ҳимояи истеъмолкунандагони молиявӣ, шикоятҳои воридшуда, камбудиҳои ташкилотҳои қарзӣ, чораҳои андешидашуда дар давраи ҳисоботӣ ва вазифаҳо барои соли равон маълумоти дақиқ ва васеъ пешниҳод карда шуд.

Дар бахши муҳокимаи масъалаҳои ҷаласаи ҷамъбастӣ раиси Бонки миллии Тоҷикистон Ҷамшед Нурмаҳмадзода бо истинод ба дастуру супоришҳои Президенти ҷумҳурӣ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки дар ҷаласаи васеи Ҳукумати мамлакат ба Бонки миллӣ садо дода буданд, роҳбарони ташкилотҳои қарзиро ба дуруст ба роҳ мондани сиёсати қарздиҳӣ ва ҷалби пасандозҳо, таҷдиди назар кардани сиёсати фоизии онҳо, баланд бардоштани эътимоди мардум ба низоми бонкӣ, ҷалби сармояи ватаниву хориҷӣ, беҳтар гардонидани сифат ва ҷорӣ кардани хизматрасониҳои наву босифат, таъмини хизматрасониҳо ҷиҳати татбиқи сиёсати ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ ҳидоят намуд. Дар робита ба ин, фаъолияти ҳар як бонк ва ташкилоти қарзии хурд дар алоҳидагӣ аз рӯйи нишондиҳандаҳои асосӣ – даромаднокӣ, вазъи пардохтпазирию ӯҳдадориҳои онҳо, ҷалби сармоя, комёбию камбудиашон дар соли гузашта баҳогузорӣ карда шуд.

Масъулини бештари ташкилотҳои қарзӣ дар рафти муҳокима ва баррасии масъалаҳои




ҷаласа ширкат варзида, дар робита ба баъзе ҷанбаҳои фаъолияти хеш, мушкилоти мавҷудаи корӣ, ки дар ҷараёни фаъолияти хеш ба онҳо мувоҷеҳ мегарданд, роҳҳои беҳтар кардани кори бонкҳо ва ташкилотҳои қарзии хурд фикру андешаҳояшонро баён намуданд ва ҳамзамон изҳор доштанд, ки омодаанд дар ҳамкорӣ бо Бонки миллии Тоҷикистон дар ҳаллу фасли мушкилоти ба миёномада саҳмгузор бошанд.

Муовини якуми Раиси Бонки миллии Тоҷикистон Ҷамолиддин Нуралиев дар робита ба сатҳи маҳорат ва касбияти шахсони роҳбарикунандаи ташкилотҳои қарзӣ, алалхусус ташкилотҳои амонатии қарзии хурд, ба роҳ мондани усулҳои дурусти идоракунии корпоративӣ ҷиҳати пешгирӣ кардани хавфҳои эҳтимолӣ фикру андешаҳои худро ба ҳозирин пешниҳод намуд.

Дар қисмати баъдии ҷаласа сардори Раёсати молияи Дастгоҳи иҷроияи Президенти ҷумҳурӣ Наимӣ Аъламхон Қодириён суханронӣ намуда, дар маҷмӯъ дар бораи вазъи низоми бонкӣ дар давраи ҳисоботӣ ва таҳлилу баррасиҳои нисбати он мансуршуда, ибрози назар намуда, пешниҳодоти мушаххаси хешро баён кард.

Дар идомаи ҷаласаи васеъи роҳбарияти Бонки миллии Тоҷикистон Ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои иқтисодӣ Ашурбой Солеҳзода дар назди масъулони ташкилотҳои қарзии ҷумҳурӣ суханронӣ намуд. Мавсуф зимни ҷамъбаст намудани вазъи соҳа, ҷиҳати амалӣ кардани дастуру супоришҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон,

муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ҷаласаи ҷамъбастии Ҳукумати ҷумҳурӣ, ки дар раванди он низоми бонкии мамлакат мавриди баррасӣ қарор дода шуда буд, андешаронӣ намуд. Аз ҷумла изҳор гардид, ки ҷиҳати ислоҳи камбудиҳои такроршаванда аз ҷониби ташкилотҳои қарзӣ ва таъмини волоияти қонунгузорӣ, риояи меъёрҳои мақбул ва андешидани чораҳои қатъӣ аз ҷониби мақоми танзимкунанда нисбати ташкилотҳои қарзие, ки камбудиҳои ҷиддӣ роҳ додаанд, саҳм гузоштани ташкилотҳои қарзии дохилӣ ва хориҷӣ дар рушди иқтисодиёти Тоҷикистон, баланд бардоштани дараҷаи тахассусии кормандони роҳбарикунандаи низоми бонкӣ, омода намудани кадрҳои баландихтисос барои низоми бонкӣ, таъмини шаффофият аз ҷониби бонкҳо ва пешниҳоди ҳисоботҳои воқеӣ, роҳ надодан ба таҳриф ва такмили методологияи пешниҳоди омор андешида шаванд. Дар баробари ин, Ашурбой Солеҳзода нақши ташкилотҳои қарзиро дар амалӣ намудани Стратегияи чоруми умумимиллӣ – саноатикунонии иқтисодиёти кишвар махсусан таъкид кард. Ба андешаи вай, низоми бонкии кишвар ба унвони яке аз ҷузъҳои асосии иқтисодиёт метавонад дар татбиқи Стратегияи мазкур нақши муҳимро иҷро намояд ва дар соли равон барои рушди бонкдорӣ ва андешидани тадбирҳои таъсирбахш ҷиҳати баланд бардоштани эътибору нуфузи низом ҷидду ҷаҳди худро равона созад.

Ниҳоят дар қисмати хотимавии ҷамъомади муҳими низоми бонкӣ Раиси Бонки миллии Тоҷикистон Ҷамшед Нурмаҳмадзода ба роҳбарони ташкилотҳои қарзӣ муроҷиат намуда, аз онҳо даъват ба амал овард, то барои рушди инфрасохтори деҳот, соҳаи сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ, ки аз ҷониби Пешвои миллат солҳои 2019-2021 “Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ» эълон гардидааст, барои ҷалби сармояи бештар, зиёд кардани қарздиҳӣ ба иқтисодиёт, баланд бардоштани фарҳанги қарздиҳӣ, баргардонидани қарзҳои батаъхирафтода, такмил ва таҷдиди сиёсати қарзӣ, паст кардани фоизи қарзҳо, ҷалби амонатҳо, ҷалби пасандозҳо аз ҳисоби интиқоли маблағҳо, такмили идоракунии корпоративӣ, пурзӯр намудани низоми назорати дохилӣ ва идоракунии хавфҳо, баланд бардоштани сатҳу сифати хизматрасониҳо ва ҷорӣ намудани хизматрасониҳои муосири бонкӣ, васеъ намудани доираи ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ, саҳмгузорӣ дар саноатикунонии иқтисоди мамлакат, равон кардани тамоми кӯшишу талошҳо барои ба даст овардани боварӣ ва эътимоди аҳолӣ ба низоми бонкӣ аз имкониятҳои мавҷуда босамар истифода баранд ва дар истиқболи сазовори ҷашни 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон саҳми арзанда гузоранд.

**А. Ардамеҳр,**
**“БТҶ”.**

| Номгӯи бонкҳо | ҲИСОБОТИ БОНКҲО БАРОИ СОЛИ 2018 ДОРОИҲО | | | |
|---|---|---|---|---|
| | Соли 2018 | Соли 2017 | Тағйирот (сомонӣ) | Тағйирот (бо фоиз) |
| БДА ҶТ "АМОНАТБОНК" | 4 205 437 252 | 3 687 128 586 | 518 308 666 | 14,1% |
| ҶСК "ОРИЁНБОНК" | 2 678 899 223 | 2 841 896 757 | -162 997 534 | -5,7% |
| ҶСК "БОНКИ ЭСХАТА" | 1 952 029 015 | 2 036 848 989 | -84 819 974 | -4,2% |
| ҶСП "КАЗКОММЕРТСБОНК ТОҶИКИСТОН" | 750 931 838 | 730 825 460 | 20 106 378 | 2,8% |
| ҶСП "СПИТАМЕН БОНК" | 736 703 719 | 956 199 149 | -219 495 430 | -23,0% |
| ҶСП "АВВАЛИН БОНКИ МОЛИЯВИИ ХУРД" | 701 941 085 | 553 223 392 | 148 717 693 | 26,9% |
| ҶСП "БОНКИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ТОҶИКИСТОН" | 402 840 885 | 307 512 740 | 95 328 145 | 31,0% |
| ФИЛИАЛИ БОНКИ "ТИҶОРАТ"-И ҶИЭ | 349 700 756 | 340 342 217 | 9 358 539 | 2,7% |
| ҶСК "КОММЕРСБОНКИ ТОҶИКИСТОН" | 269 324 293 | 195 394 974 | 73 929 319 | 37,8% |
| ҶСП "КАФОЛАТБОНК" | 202 091 097 | 215 869 964 | -13 778 867 | -6,4% |
| ҶСК "СОҲИБКОРБОНК" | 140 650 406 | 138 364 781 | 2 285 625 | 1,7% |
| ҶСП "БОНКИ ПОКИСТОН" | 117 694 753 | 106 620 322 | 11 074 431 | 10,4% |
| ҶСП "БОНКИ РУШДИ ТОҶИКИСТОН" | 91 445 851 | 102 091 377 | -10 645 526 | -10,4% |
| ҶСП "БОНКИ ОСИЁ" | 57 487 812 | 103 711 058 | -46 223 246 | -44,6% |
| ҶСП "Аксесбонк Тоҷикистон" | 23 336 527 | 39 568 458 | -16 231 931 | -41,0% |

| Номгӯи бонкҳо | ҲИСОБОТИ БОНКҲО БАРОИ СОЛИ 2018 ◙ ҚАРЗҲО | | | |
|---|---|---|---|---|
| | Соли 2018 | Соли 2017 | Тағйирот (сомонӣ) | Тағйирот (бо фоиз) |
| ҶСК "ОРИЁНБОНК" | 2 298 915 044 | 2 292 875 052 | 6 039 992 | 0,3% |
| ҶСК "БОНКИ ЭСХАТА" | 1 347 052 829 | 1 253 683 767 | 93 369 062 | 7,4% |
| БДА ҶТ "АМОНАТБОНК" | 750 751 417 | 896 654 904 | -145 903 487 | -16,3% |
| ҶСП "АВВАЛИН БОНКИ МОЛИЯВИИ ХУРД" | 310 415 285 | 265 056 434 | 45 358 851 | 17,1% |
| ҶСП "СПИТАМЕН БОНК" | 231 547 504 | 218 132 608 | 13 414 896 | 6,1% |
| ҶСП "БОНКИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ТОҶИКИСТОН" | 115 009 135 | 87 349 320 | 27 659 815 | 31,7% |
| ҶСК "КОММЕРСБОНКИ ТОҶИКИСТОН" | 68 994 851 | 19 112 068 | 49 882 783 | 261,0% |
| ҶСП "КАЗКОММЕРТСБОНК ТОҶИКИСТОН" | 54 022 892 | 51 565 821 | 2 457 071 | 4,8% |
| ҶСП "КАФОЛАТБОНК" | 47 384 588 | 26 170 220 | 21 214 368 | 81,1% |
| ҶСП "БОНКИ РУШДИ ТОҶИКИСТОН" | 34 740 353 | 38 360 985 | -3 620 632 | -9,4% |
| ҶСК "СОҲИБКОРБОНК" | 28 562 339 | 29 201 184 | -638 845 | -2,2% |
| ҶСП "БОНКИ ОСИЁ" | 21 126 163 | 24 657 558 | -3 531 395 | -14,3% |
| ҶСП "АКСЕСБОНК ТОҶИКИСТОН" | 17 423 054 | 31 306 810 | -13 883 756 | -44,3% |
| Филиали бонки "Тиҷорат"-и ҶИЭ | 16 667 306 | 11 928 750 | 4 738 556 | 39,7% |
| ҶСП "БОНКИ ПОКИСТОН" | 5 786 626 | 6 601 014 | -814 388 | -12,3% |

| Номгӯи бонкҳо | ҲИСОБОТИ БОНКҲО БАРОИ СОЛИ 2018 ◙ УҲДАДОРИҲО | | | |
|---|---|---|---|---|
| | Соли 2018 | Соли 2017 | Тағйирот (сомонӣ) | Тағйирот (бо фоиз) |
| БДА ҶТ "АМОНАТБОНК" | 3 808 586 395 | 3 326 478 026 | 482 108 369 | 14,5% |
| ҶСК "ОРИЁНБОНК" | 1 992 688 467 | 2 202 142 925 | -209 454 458 | -9,5% |
| ҶСК "БОНКИ ЭСХАТА" | 1 617 379 741 | 1 758 445 594 | -141 065 853 | -8,0% |
| ҶСП "СПИТАМЕН БОНК" | 636 809 891 | 880 956 682 | -244 146 791 | -27,7% |
| ҶСП "КАЗКОММЕРТСБОНК ТОҶИКИСТОН" | 626 885 601 | 637 085 624 | -10 200 023 | -1,6% |
| ҶСП "АВВАЛИН БОНКИ МОЛИЯВИИ ХУРД" | 601 174 306 | 486 244 927 | 114 929 379 | 23,6% |
| ФИЛИАЛИ БОНКИ "ТИҶОРАТ"-И ҶИЭ | 296 594 093 | 286 751 449 | 9 842 644 | 3,4% |
| ҶСП "БОНКИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ТОҶИКИСТОН" | 294 808 633 | 209 706 676 | 85 101 957 | 40,6% |
| ҶСК "КОММЕРСБОНКИ ТОҶИКИСТОН" | 177 611 115 | 96 910 346 | 80 700 769 | 83,3% |
| ҶСП "КАФОЛАТБОНК" | 126 770 244 | 152 922 109 | -26 151 865 | -17,1% |
| ҶСП "БОНКИ ПОКИСТОН" | 64 825 143 | 55 321 016 | 9 504 127 | 17,2% |
| ҶСК "СОҲИБКОРБОНК" | 56 938 973 | 56 884 181 | 54 792 | 0,1% |
| ҶСП "БОНКИ РУШДИ ТОҶИКИСТОН" | 51 167 301 | 54 611 127 | -3 443 826 | -6,3% |
| ҶСП "Бонки Осиё" | 10 795 021 | 755 334 | 10 039 687 | 1329,2% |
| ҶСП "АКСЕСБОНК ТОҶИКИСТОН" | 8 655 043 | 27 717 474 | -19 062 431 | -68,8% |

| Номгӯи бонкҳо | ҲИСОБОТИ БОНКҲО БАРОИ СОЛИ 2018 ◙ ПАСАНДОЗҲО | | | |
|---|---|---|---|---|
| | Соли 2018 | Соли 2017 | Тағйирот (сомонӣ) | Тағйирот (бо фоиз) |
| БДА ҶТ "АМОНАТБОНК" | 3 374 854 970 | 2 892 395 955 | 482 459 015 | 16,7% |
| ҶСК "ОРИЁНБОНК" | 1 378 383 826 | 1 053 945 060 | 324 438 766 | 30,8% |
| ҶСК "БОНКИ ЭСХАТА" | 878 633 963 | 1 078 421 727 | -199 787 764 | -18,5% |
| ҶСП "АВВАЛИН БОНКИ МОЛИЯВИИ ХУРД" | 534 358 007 | 429 860 612 | 104 497 395 | 24,3% |
| ҶСП "КАЗКОММЕРТСБОНК ТОҶИКИСТОН" | 534 206 061 | 498 676 575 | 35 529 486 | 7,1% |
| ҶСП "СПИТАМЕН БОНК" | 361 941 282 | 610 614 989 | -248 673 707 | -40,7% |
| ҶСП "БОНКИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ТОҶИКИСТОН" | 211 104 189 | 168 885 125 | 42 219 064 | 25,0% |
| ҶСК "КОММЕРСБОНКИ ТОҶИКИСТОН" | 169 712 073 | 39 479 111 | 130 232 962 | 329,9% |
| ҶСП "БОНКИ ПОКИСТОН" | 55 178 126 | 29 161 320 | 26 016 806 | 89,2% |
| ҶСП "БОНКИ РУШДИ ТОҶИКИСТОН" | 38 169 114 | 41 072 967 | -2 903 853 | -7,1% |
| ҶСК "СОҲИБКОРБОНК" | 32 375 848 | 39 425 987 | -7 050 139 | -17,9% |
| ҶСП "КАФОЛАТБОНК" | 24 115 995 | 42 766 607 | -18 650 612 | -43,6% |
| ҶСП "БОНКИ ОСИЁ" | 10 372 007 | 425 768 | 9 946 239 | 2336,1% |
| ҶСП "Аксесбонк Тоҷикистон" | 4 319 832 | 9 019 405 | -4 699 573 | -52,1% |
| ФИЛИАЛИ БОНКИ "ТИҶОРАТ"-И ҶИЭ | 3 624 966 | 3 292 025 | 332 941 | 10,1% |

| Номгӯи бонкҳо | ҲИСОБОТИ БОНКҲО БАРОИ СОЛИ 2018 САРМОЯ | | | |
|---|---|---|---|---|
| | Соли 2018 | Соли 2017 | Тағйирот (сомонӣ) | Тағйирот (бо фоиз) |
| ҶСК "ОРИЁНБОНК" | 686 210 756 | 639 753 832 | 46 456 924 | 7,3% |
| БДА ҶТ "АМОНАТБОНК" | 396 850 857 | 360 650 560 | 36 200 297 | 10,0% |
| ҶСК "БОНКИ ЭСХАТА" | 334 649 274 | 278 403 395 | 56 245 879 | 20,2% |
| ҶСП "КАЗКОММЕРТСБОНК ТОҶИКИСТОН" | 124 046 237 | 93 739 836 | 30 306 401 | 32,3% |
| ҶСП "БОНКИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ТОҶИКИСТОН" | 108 032 252 | 97 806 064 | 10 226 188 | 10,5% |
| ҶСП "АВВАЛИН БОНКИ МОЛИЯВИИ ХУРД" | 100 766 779 | 66 978 465 | 33 788 314 | 50,4% |
| ҶСП "СПИТАМЕН БОНК" | 99 893 828 | 75 242 467 | 24 651 361 | 32,8% |
| ҶСК "КОММЕРСБОНКИ ТОҶИКИСТОН" | 91 713 178 | 98 484 628 | -6 771 450 | -6,9% |
| ҶСК "СОҲИБКОРБОНК" | 83 711 433 | 81 480 600 | 2 230 833 | 2,7% |
| ҶСП "КАФОЛАТБОНК" | 75 320 853 | 62 947 855 | 12 372 998 | 19,7% |
| ФИЛИАЛИ БОНКИ "ТИҶОРАТ"-И ҶИЭ | 53 106 663 | 53 590 768 | -484 105 | -0,9% |
| ҶСП "БОНКИ ПОКИСТОН" | 52 869 610 | 51 299 306 | 1 570 304 | 3,1% |
| ҶСП "БОНКИ ОСИЁ" | 46 692 791 | 102 955 724 | -56 262 933 | -54,6% |
| ҶСП "Бонки Рушди Тоҷикистон" | 40 278 550 | 47 480 250 | -7 201 700 | -15,2% |
| ҶСП "АКСЕСБОНК ТОҶИКИСТОН" | 14 681 484 | 11 850 984 | 2 830 500 | 23,9% |

| Номгӯи бонкҳо | ҲИСОБОТИ БОНКҲО БАРОИ СОЛИ 2018 ◙ ФОИДА | | | |
|---|---|---|---|---|
| | Соли 2018 | Соли 2017 | Тағйирот (сомонӣ) | Тағйирот (бо фоиз) |
| ҶСК "ОРИЁНБОНК" | 50 510 566 | 49 494 349 | 1 016 217 | 2,1% |
| ҶСК "БОНКИ ЭСХАТА" | 39 006 528 | 30 893 191 | 8 113 337 | 26,3% |
| БДА ҶТ "АМОНАТБОНК" | 36 200 298 | 31 818 597 | 4 381 701 | 13,8% |
| ҶСП "КАЗКОММЕРТСБОНК ТОҶИКИСТОН" | 30 306 401 | 21 194 439 | 9 111 962 | 43,0% |
| ҶСП "КАФОЛАТБОНК" | 17 426 619 | -78 488 871 | 95 915 490 | 122,2% |
| ҶСП "АВВАЛИН БОНКИ МОЛИЯВИИ ХУРД" | 12 049 936 | 5 635 307 | 6 414 629 | 113,8% |
| ҶСП "БОНКИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ТОҶИКИСТОН" | 10 226 188 | 11 243 960 | -1 017 772 | -9,1% |
| ҶСП "СПИТАМЕН БОНК" | 9 575 653 | 10 157 826 | -582 173 | -5,7% |
| ҶСК "КОММЕРСБОНКИ ТОҶИКИСТОН" | 7 847 479 | -73 036 | 7 920 515 | 10844,7% |
| ҶСП "АКСЕСБОНК ТОҶИКИСТОН" | 2 879 174 | -8 980 826 | 11 860 000 | 132,1% |
| ҶСК "СОҲИБКОРБОНК" | 2 230 834 | 6 581 033 | -4 350 199 | -66,1% |
| ҶСП "БОНКИ ПОКИСТОН" | 1 570 304 | 2 046 008 | -475 704 | -23,3% |
| ФИЛИАЛИ БОНКИ "ТИҶОРАТ"-И ҶИЭ | 1 401 691 | -9 544 262 | 10 945 953 | 114,7% |
| ҶСП "Бонки Осиё" | 141 407 | 8 090 | 133 317 | 1647,9% |
| ҶСП "БОНКИ РУШДИ ТОҶИКИСТОН" | -5 201 700 | -7 677 535 | 2 475 835 | 32,2% |




# Яке аз масъалаҳои ҳалталаб коҳиш додани қарзҳои ғайрифаъол мебошад

**Нишасти матбуотии Бонки миллии Тоҷикистон, ки 6 феврали соли 2019 барои намояндагони Воситаҳои ахбори оммаи дохиливу хориҷи кишвар баргузор гардид, ба ҷамъбасти натиҷаи фаъолияти низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2018 ва вазифаҳои он дар соли ҷорӣ, ки ҷиҳати иҷрои дастуру супоришҳои Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз ҷумла, пешбурди сиёсати монетарӣ дар соли сипаригардида, таъмини рушди мутадили ҳаҷми пул дар иқтисодиёт, нигоҳдории сатҳи зарурии нархҳо, суботи молиявӣ ва мусоидат ба рушди устувори иқтисодиёт равона гардиданд, бахшида шуд.**

Раиси Бонки миллии Тоҷикистон Ҷамшед Нурмаҳмадзода нахуст ташрифи гурӯҳи калони рӯзноманигоронро ба Бонки миллӣ хайрамақдам гуфта, изҳори боварӣ намуд, ки нишасти имрӯза ва вохӯриҳои минбаъда дар руҳияи ҳамдигарфаҳмии барои тарафҳо судбахшу ошкоро баргузор хоҳанд гашт.

### СИЁСАТИ ҚУРБӢ ВА АСЪОРӢ

**Қурби расмии сомонӣ каме коҳиш ёфт**

Қайд шуд, ки ҷиҳати идома додани татбиқи ислоҳот барои тақвият додани заминаи сиёсати пулию қарзӣ бо назардошти гузариш ба реҷаи сифатан нав "ҳадафгирии таваррум" амалӣ гардид. Дар баробари ин, тибқи таҷрибаи пешрафта механизму воситаҳои (фишангҳои) муосир барои таъсирбахшии сиёсати фоизӣ истифода шуда, амалиётҳои монетарӣ таҳким ёфтанд. Ба ибораи дигар, меъёри фоизи бозтамвил ҳамчун маҳаки амалиётҳои монетарӣ муайян шуда, барои амалиётҳои идоракунии пардохтпазирӣ ва ҳаҷми пул мавриди истифода қарор дода шуд.

Ҷамшед Нурмаҳмадзода дар робита ба ин иброз







дошт, ки ҷиҳати фаъол намудани бозори молиявӣ 159 музоядаи коғазҳои қиматнок ба маблағи 19,6 млрд. сомонӣ гузаронида шуд, ки назар ба соли 2017 зиёда аз 2,3 маротиба ё 10,9 млрд. сомонӣ бештар мебошад. Илова бар ин, аз тариқи амонатҳои шабонарӯзӣ аз ташкилотҳои қарзӣ маблағи 39,3 млрд. сомонӣ ҷалб карда шуд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 2,1 маротиба зиёд мебошад.

Дар давраи ҳисоботӣ қурби расмии сомонӣ аз 8,82 сомонӣ нисбати 1 долл. ИМА то ба 9,43 сомонӣ ё 6,9 фоиз коҳиш ёфт, ки ин назар ба соли гузашта 5,1 фоиз камтар аст (дар соли 2017 ин нишондод 12,0 фоизро ташкил дода буд). Тағйирёбии қурби сомонӣ аз хусусиятҳои бунёдию сохтории иқтисодиёти ҷумҳурӣ вобаста буда, зери таъсири омилҳои берунию дохилӣ сурат мегирад.

Тавре таҳлилҳо нишон доданд, коҳиш ёфтани қурби сомонӣ нисбати доллари ИМА дар ин давра бинобар сабаби вазъи ноустувори геосиёсию иқтисодии шарики асосии тиҷоратӣ, ки ба коҳишёбии

> Бо мақсади беҳтар намудани пардохтпазирӣ ва зиёд кардани иқтидори қарздиҳии худ бонкҳои ватанӣ тавассути барориши коғазҳои қиматнок (векселҳо) ба маблағи 666 млн. сомонӣ сармояи дохилӣ ҷалб намуданд, ки он ҳам барои ҷудо гардидани қарзҳо ба соҳаҳои иқтисодиёт равона гардид.

қурби пули миллии он нисбат ба доллари ИМА сабаб гардид, зиёд шудани бақияи манфии тавозуни савдо (зиёда аз 2,0 млрд. доллари ИМА), афзоиши хароҷоти асъории буҷети давлатӣ, зиёд шудани талабот ба асъори хориҷӣ, бинобар афзудани фаъолияти истеҳсолию тиҷоратӣ ва омилҳои мавсимӣ ба амал омад.

Номбурда иттилоъ дод, ки сатҳи захираҳои байналмилалӣ ба андозаи 4,9 моҳи воридотӣ нигоҳ дошта шуда, ин раванд дар соли ҷорӣ низ идома дода мешавад. Ҳамчунин қайд кард, ки дар давоми чор соли охир захираҳои байналмилалӣ ба андозаи 2,4 маротиба афзуданд.

Ба замми ин, ба хотири дар сатҳи зарурӣ нигоҳ доштани ҳаҷми пул дар муомилот ва маҳдуд намудани тағйирёбиҳои бемайлони қурби асъор чораҳои муайян андешида шуда, дар соли 2018 қариб 1,4 млрд. сомонӣ ба муомилот баровარда шуд. Сатҳи монетизатсия бошад, дар ин давра 28 фоизро ташкил дод.

### ▲ САТҲИ ТАВАРРУМ 1,3 БАНДИ ФОИЗӢ КОҲИШ ЁФТ

Ба туфайли андешидани тадбирҳои зарурии зиддитаваррумӣ, аз ҷумла истифодаи самараноки фишангҳои монетарӣ ва мӯътадил гардонидани вазъи бозори дохилии асъор дар якҷоягӣ бо омилҳои мавсимӣ, мутавозунии нисбии пешниҳоду дархост дар бозорҳои дохилӣ, сатҳи таваррум 5,4 фоизро ташкил дод, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 1,3 банди фоизӣ паст аст.







### ▲ АФЗОИШИ ВОҚЕИИ ММД БА 7,3% БАРОБАР ШУД

Дар чараёни нишасти матбуотӣ махсус қайд карда шуд, ки дар натиҷаи тамоми чораҳои андешидашуда ва истифодаи самараноки дигар омилҳои иқтисодию молиявӣ рушди иқтисодиёт таъмин гардид ва ҳаҷми Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ (ММД) дар соли 2018 ба 68,8 млрд. сомонӣ баробар шуда, афзоиши воқеии он 7,3 фоизро ташкил намуд. Агар барои муқоиса нишондиҳандаи мазкурро дар соли 2017 мисол биорем, он 7,1 фоизро ташкил дода буд.

### ▲ НИЗОМИ БОНКӢ
**Даромаднокии дороиҳо ва сармоя зиёд шуд**

Раиси Бонки миллии Тоҷикистон Ҷамшед Нурмаҳмадзода ба аҳли нишаст гуфт, ки низоми бонкии кишвар фаъолияти худро дар самти беҳтар намудани миёнаравии молиявӣ, таъмини рушд ва сифатнокии бозори хизматрасониҳои бонкӣ, коҳиш додани қарзҳои ғайрифаъол, ҷалби пасандозҳои аҳолӣ ва сармояи хориҷӣ, зиёд намудани маблағгузории иқтисодиёт, аз ҷумла дастгирии соҳибкории хурду миёна ва истеҳсолӣ амалӣ намуда истодааст. Дар соли 2018 меъёри кифояти сармоя ва пардохтпазирии низоми бонкӣ дар доираи талаботи нишондиҳандаи мақбул таъмин гардида, даромаднокии дороиҳо ва сармоя нисбат ба соли қаблӣ зиёд шудааст.

Барои мисол, дороиҳои умумии низоми бонкӣ 21,2 млрд. сомонӣ, ӯҳдадориҳо ва сармояи тавозунии низом бошад, мувофиқан 15,3 млрд. ва 6,0 млрд. сомониро ташкил намуданд.

Дар чараёни нишаст ба хабарнигорон иттилоъ дода шуд, ки то 31 декабри соли 2018 дар ҷумҳурӣ 79 ташкилоти қарзӣ, аз ҷумла 17 бонк, 25 ташкилоти амонатии қарзии хурд, 6 ташкилоти қарзии хурд ва 31 фонди қарзии хурд фаъолият доштанд.

Тавре Ҷамшед Нурмаҳмадзода иброз дошт, яке аз масъалаҳои ҳалталаб, ки чун солҳои гузашта дар соҳаи бонкдорӣ истодааст, ин коҳиш додани қарзҳои ғайрифаъол дар низом мебошад. Дар давоми ду соли охир ҳиссаи ин намуди қарзҳо аз 46,8 фоизи соли 2016 то ба 30,3 фоиз дар соли 2018 ё ба маблағи 2 млрд. сомонӣ кам карда шуд (танҳо дар соли 2018 ин нишондиҳанда 13,6 фоиз, 412 млн.сомонӣ) кам гардид, ки ин ба даромаднокӣ ва устувории низоми бонкӣ таъсири мусбат расонид. Вале, то ҳанӯз дар ин самт мушкилиҳо ҷой доранд ва ҷиҳати ҳалли онҳо дар доираи нақшаи чорабиниҳои тасдиқшуда тадбирҳои зарурӣ андешида шуда истодааст.

Бояд қайд кард, ки дар маҷмӯъ низоми бонкӣ фаъолияти молиявиро бо фоидаи 274,6 млн.сомонӣ ҷамъбаст намуд, ки нисбат ба соли гузашта 272 млн. сомонӣ зиёд буда, ба буҷети давлатӣ зиёда аз 478,2 млн. сомонӣ андозҳо пардохт карда шуданд.

### ▲ ПАСАНДОЗҲО 9,7 МЛРД. СОМОНИРО ТАШКИЛ ДОДАНД

Тавре маълум аст, ҷалби маблағҳои озоди аҳолӣ ҳамчун пасандозҳои бонкӣ яке аз ҳадафҳои асосии низоми бонкӣ ба шумор меравад. Дар давраи ҳисоботӣ ҳаҷми пасандозҳо 9,7 млрд. сомониро ташкил дода, бақияи он бо пули миллӣ 15,1 фоиз афзуд,



бо асъори хориҷӣ бошад 3,6 фоиз коҳиш ёфт (дар маҷмӯъ афзоиши пасандозҳо 5 фоиз ё 442 млн. сомониро ташкил намуд). Агар ба таркиби бақияи умумии пасандозҳо назар андозем, бо пули миллӣ 49,0 фоиз ва бо асъори хориҷӣ 51,0 фоизро ташкил медиҳад. Дар соли 2017 ин нишондиҳанда мутаносибан ба 44,6 фоиз ва 55,4 фоиз баробар буд. Таъкид гардид, ки сабаби коҳиш ёфтани пасандозҳо бо асъори хориҷӣ, ин натиҷаи дар амал татбиқ шудани сиёсати ғайридолларикунонии иқтисодиёти кишвар мебошад.

Иттилоъ дода шуд, ки теъдоди пасандоздорон (муҳлатнок ва дархостшаванда) ба 1,2 млн. адад ва муҳлати ҷойгиркунии пасандозҳо ба 782 рӯз расонида шуд, ки ин нисбат ба соли қаблӣ мутаносибан 239,1 ҳаз. адад ва 70 рӯз зиёд мебошад. Ба диққати аҳли нишаст расонида шуд, ки танҳо дар соли 2018 пасандоздорон аз ҳисоби амонатҳои худ ба маблағи 290,4 млн. сомонӣ даромад ба даст оварданд.

Илова бар ин, дар идомаи нишасти матбуотӣ изҳор карда шуд, ки бо мақсади беҳтар намудани пардохтпазирӣ ва зиёд кардани иқтидори қарздиҳии худ бонкҳои ватанӣ тавассути барориши коғазҳои қиматнок (векселҳо) ба маблағи 666 млн. сомонӣ сармояи дохилӣ ҷалб намуданд, ки он ҳам барои ҷудо гардидани қарзҳо ба соҳаҳои иқтисодиёт равона гардид. Инчунин, аз ҷониби ташкилотҳои қарзӣ 84 млн. доллари ИМА сармояи хориҷӣ ҷалб карда шуд. Ин албатта, барои таъмини талаботи имрӯза кам аст, бинобар ин, дар ин самт гуфтушунид ҷиҳати бастани як қатор созишномаҳо бо шарикони хориҷӣ идома дорад ва барои татбиқи онҳо якҷоя бо ташкилотҳои қарзӣ аз рӯи нақшаҳои тасдиқшуда чораҳои иловагӣ андешида шуда истодааст.

Ҳамчунин барои вусъат додани фаъолияти бонкҳо дар рушди иқтисодиёт ва таъмини пардохтпазирии ташкилотҳои қарзӣ аз ҷониби Бонки миллӣ қарзҳои кӯтоҳмуҳлат дар ҳаҷми 760 млн. сомонӣ дода шуд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта тақрибан 1,6 маротиба зиёд мебошад.

Соли гузашта бо мақсади мутобиқ намудани амалияи бонкдории кишвар ба таҷрибаи байналмилалӣ ва фароҳам овардани шароити мусоид ҷиҳати таъмини рушди низоми бонкӣ, ҷалби бештари сармоягузориҳо, ҷорӣ намудани хизматрасониҳои муосири бонкӣ ва содаву сабук наму-

дани фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ, аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон як қатор санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, аз ҷумла 15 адад қонун, 18 дастурамалу тартибҳо таҷдиди назар гардиданд. Бешубҳа, чорабиниҳои мазкур барои беҳтар ба роҳ мондани фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ, зиёд намудани сандуқи қарзӣ ва пешниҳоди қарзҳо ба соҳаҳои муҳими иқтисодиёт мусоидат хоҳанд намуд.

## ҲАҶМИ ҚАРЗҲОИ ДОДАШУДА ЗИЁД ВА ФОИЗИ ОНҲО ПАСТ ГАРДИД

Раиси Бонки миллии Тоҷикистон зимни суханронӣ изҳор намуд, ки ҳаҷми қарзҳои додашуда 8,2 млрд. сомониро ташкил дод ва нисбат ба соли гузашта 6,5 фоиз (500 млн. сомонӣ) афзуд. Меъёри фоизи миёнавазни қарзҳои додашуда нисбати соли гузашта 2,2 банди фоизӣ паст карда шуд. Таъкид гардид, ки ин раванд дар соли ҷорӣ низ идома дода хоҳад шуд.

Дар баробари ин, теъдоди қарзҳои додашуда 17,8 фоиз ё 85,5 ҳаз. адад афзоиш ёфта, ба 564,6 ҳаз. адад баробар гардид, ки ин аз зиёд шудани пешниҳоди қарзҳои хурду миёна ба муштариён, аз ҷумла ба соҳибкории хурду миёнаи истеҳсолӣ шаҳодат медиҳад.

Бояд қайд кард, ки ҳиссаи бештари қарзҳо ба соҳаҳои саноат-19,2 фоиз, савдои хориҷӣ-29,1 фоиз, кишоварзӣ-8,7 фоиз ва хизматрасонӣ-7,3 фоиз рост меояд. Аз ҳаҷми умумии қарзҳои

> Аз масъалаҳои ҳалталаб, ки чун солҳои гузашта дар соҳаи бондорӣ истодааст, ин коҳиш додани қарзҳои ғайрифаъол дар низом мебошад. Дар давоми ду соли охир ҳиссаи ин намуди қарзҳо аз 46,8 фоизи соли 2016 то ба 30,3 фоиз дар соли 2018 ё ба маблағи 2 млрд. сомонӣ кам карда шуд (танҳо дар соли 2018 ин нишондиҳанда 13,6 фоиз, 412 млн.сомонӣ) кам гардид, ки ин ба даромаднокӣ ва устувории низоми бонкӣ таъсири мусбат расонид.

додашуда 42,3 фоиз ё 3,5 млрд. сомонӣ ба бахши соҳибкории истеҳсолӣ равона гардидаст (аз ҷумла, қарз ба занони соҳибкор дар 5 соли охир 6,2 млрд. сомонӣ). Ба соҳаҳои сайёҳӣ ва рушди ҳунарҳои мардумӣ бошад, ба 5196 қарзгиранда 45,6 млн. сомонӣ ҷудо гардид, ки ин нисбат ба соли қаблӣ 2,7 маротиба зиёд аст.

## НИЗОМИ ПАРДОХТ
### Вусъати ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ идома дорад

Ҷамшед Нурмаҳмадзода дар мавриди иҷро намудани дастуру супоришҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки дар Паёми солона ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои вусъат додани ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ, кам намудани истифодаи пули нақд дар муомилот ва таъмини шаффофият дарҷ гардиданд, қайд намуд, ки дар ин самт чораҳои зарурӣ андешида шуда истодааст.

Теъдоди суратҳисобҳои муштариён дар бонкҳо дар соли гузашта 3,5 млн. ададро ташкил намуд, ки дар муқоиса ба соли 2017 ба андозаи 9 фоиз афзоиш ёфта, тавассути онҳо 707 млрд. сомонӣ пардохтҳои ғайринақдӣ анҷом дода шудаанд. Шумораи интиқоли маблағҳо тавассути низоми бонкӣ бошад, 14 млн. ададро ташкил намуда, ҳамчунин 9 фоиз афзудааст. Миқдори умумии кортҳои пардохтии бонкӣ ҳам дар ин давра 1,8 млн. ададро ташкил дод, ки назар ба ҳамин давраи соли қаблӣ 7,1 фоиз зиёд мебошад.

Номбурда дар идомаи вохӯрӣ бо хабарнигорон иброз намуд, ки аз ҷониби ташкилотҳои қарзӣ дар муассисаҳои савдо ва хизматрасонии кишвар 3014 адад терминалҳои электронӣ насб карда шуданд, ки нисбат ба соли 2017 ба андозаи 55 фоиз (1070 адад) зиёд мебошад ва ин барои вусъат ёфтани ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ ва кам намудани гардиши пули нақд дар иқтисодиёт мусоидат хоҳад кард. Дар соли 2018 бо истифодаи кортҳои пардохтӣ дар

муассисаҳои савдою хизматрасонӣ 1 230 ҳаз. амалиётҳои ғайринақдӣ ба маблаға 510 млн. сомонӣ гузаронида шуданд, ки аз рӯи шумора 71 фоиз ва аз рӯи ҳаҷм 31,5 фоиз афзоиш ёфтааст. Бо вуҷуди ин, қайд карда шуд, ки корҳо дар ин самт ҳоло ҳам дар сатҳи зарурӣ ва қонеъкунанда намебошанд.

Бинобар ин, қабули Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Оид ба тадбирҳои вусъат додани ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ” аз 30 ноябри соли 2018 санади саривақтӣ ба шумор меравад ва фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ дар ҳамкорӣ бо дигар мақомотҳо бо мақсади вусъат додани ҳиссаи ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ боз ҳам ҷоннок карда хоҳад шуд. Ҳамзамон ҷиҳати ҳавасманд гардонидани аҳолӣ ва соҳибкорон барои истифодаи бештари пардохтҳои ғайринақдӣ Бонки миллӣ дар якҷоягӣ бо ташкилотҳои қарзӣ як зумра санадҳои меъёрии дохилиро, аз ҷумла дар самти паст намудани тарифҳои низоми пардохт, интиқоли пардохтҳои ғайринақдӣ, истифодабарии воситаҳои муосири электронӣ, ҳисоббаробаркунии байнибонкӣ, тарифи гирифтани пули нақд ва ғайра аз нав таҳмил дода истодааст.

## САТҲИ ДОНИШ ВА КАСБИЯТИ РОҲБАРОН БОЯД БАЛАНД БОШАД

Масъалаи дигаре, ки Раиси Бонки миллӣ зимни суханронии худ ба он диққати ҷиддӣ дод, баланд бардоштани сатҳи донишу касбияти роҳбарони ташкилотҳои қарзӣ ва такмили малакаи кормандон буд. Вобаста ба ин, таъкид гардид, ки дар самти мутобиқ гардонидани сатҳи касбияти кормандон ба талаботи имрӯза, курсҳои доимии бозомӯзии кормандони низоми бонкӣ дар дохили кишвар ва инчунин дар ҳамкорӣ бо ташкилотҳои молиявии байналмилалӣ дар хориҷи кишвар ташкил карда шудаанд. Ҳамчунин, дар мавриди ҷобаҷогузории кормандон ва роҳ надодан ба бархӯрди манфиатҳо озмунҳо гузаронида, ҷиҳати ҷалби мутахассисони болаёқат ва ҷавобгӯ ба ҷойҳои холӣ дар бонкҳо, аз ҷумла аз ҳисоби занону ҷавондухтарон ҳамкориҳо бо макотиби олӣ ба роҳ монда шудааст.

Дар қисмати поёни вохӯрӣ бо хабарнигорон қайд карда шуд, ки дар соли ҷорӣ масъалаи татбиқи сиёсати устувори монетарӣ дар ҳамбастагӣ бо сиёсати фискалӣ, истифодаи самараноки воситаҳои сиёсати пулию қарзӣ ва асъорӣ, беҳтар намудани идорасозии хавфҳои асъорӣ, танзими сармоя, таъмини пардохтпазирии бонкҳо ва таҷдиду такмили ислоҳот дар низоми бонкӣ, зиёд намудани эътимоднокии мардум ба низоми бонкӣ, ҳамгирой ва ҳамкорӣ бо низомҳои миллии кишварҳои шарик аз ҷумлаи вазифаҳои аввалиндараҷаи Бонки миллӣ боқӣ хоҳанд монд.

Қобили қайд аст, ки чун таваҷҷуҳи рӯзноманигорони дохилӣ ва хориҷӣ ба масъалаҳои низоми бонкии ҷумҳурӣ хеле зиёд буд, қисми бештари вақти нишасти матбуотиро бахши пурсишу посух дар бар гирифт. Дар ин бахш намояндагони воситаҳои ахбори омма ба саволҳои худ дар мавриди ҳаҷми пули дар муомилотбуда, захираҳои байналмилалӣ, тағйири меъёри бозтамвил, ҷалби маблағгузориҳои хориҷӣ ба иқтисодиёт, ба роҳ мондани пардохтҳои ғайринақдӣ, дастрасии асъори хориҷӣ дар бонкҳо, бозпас гардонидани амонатҳои мардум, гуфтушунид бо ХБА оид ба барномаи нави ҳамкорӣ, ғайридолларикунонӣ ва саноатикунонии иқтисодиёт, вазъи бонкҳои проблемадор, фаъолияти ташкилотҳои суғуртавӣ, таъмини эътимоднокии мардум ба низоми бонкӣ, пулҳои фарсуда ва чораҳои андешидашуда барои аз муомилот бозпас гирифтани онҳо ҷавобҳои пурра ва мушаххас гирифтанд.

**Таҳияи
Абдуғаффор Қурбонов,
“БТҶ”.**




# ҚАРЗҲОИ ҒАЙРИФАЪОЛ – қарзҳое, ки фаъолияти бонк аз онҳо вобастагӣ дорад

*"...норасоии воситаҳои озоди бонкҳо, баланд будани фоизи қарзҳо ва дастрасии нокифояи соҳибкорон ба воситаҳои молиявӣ тақозо менамояд, ки дар ин самт тадбирҳои иловагӣ андешида шаванд." Аз Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Форуми байналмилалии соҳибкорӣ - 2018 таҳти унвони "Рушди соҳибкориву сармоягузорӣ ва равандҳои муосири иқтисодӣ"*

Қарздиҳӣ яке аз се амалиёти асосии бонкӣ буда, бонкҳо маблағҳои аз аҳолию корхонаҳо ҷалбнамудаи худро ба соҳаҳои гуногуни иқтисодиёт барои қарздиҳӣ ва маблағгузорӣ равона месозанд. Дар ин раванд амонатгузорон бо истифода аз хизматрасониҳои бонкӣ дар баробари эмин нигоҳ доштани маблағҳои худ аз ҳисоби онҳо даромад низ мегиранд. Илова бар ин, аз ҳисоби қарзҳои бонкӣ иштирокчиёни гуногуни иқтисодӣ фаъолияти худро ё оғоз ва ё васеъ менамоянд. Аҳолӣ низ бо истифода аз қарзҳо баъзе талаботҳои рузгори худро қонеъ менамоянд.

Мусаллам аст, ки ҳангоми гирифтани қарз яке аз шартҳои асосии он дар мӯҳлатҳои дар шартнома муайяншуда баргардонидани маблағи дастрасшуда мебошад. Дар ҳолати саривақт дар доираи талаботҳои шартнома пардохт нашудан ва ё баргаштани маблағи асосии қарз ва ё фоизҳои он, бонк ба хавфи қарзӣ дучор мегардад. Барои чен кардан ва ё миқдоран нишон додани хавфи қарзӣ ва сифати сандуқи қарзӣ, асосан нишондиҳандаи сатҳи қарзҳои ғайрифаъол дар таркиби сандуқи қарзӣ истифода бурда мешавад.

## ♦ Қарзҳои ғайрифаъол, яъне чӣ?

Қарзҳои ғайрифаъол дар доираи талаботҳои санадҳои меъёрию ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарзҳое мебошанд, ки "маблағи асосӣ ва (ё) фоизҳои он тибқи талаботҳои шартнома пардохт карда намешавад ва ба яке аз гурӯҳҳои қарзҳои ғайриқолабӣ, шубҳанок ва беэътимод дохил мешаванд"(БМТ, 2018). Гурӯҳбандии дар боло зикргардида аз рӯи мӯҳлати таъхир ба роҳ монда шуда, таъхири зиёда аз 30 рӯз ба инобат гирифта мешавад. Яъне, пардохти маблағи асосӣ ва ё фоизҳои қарз

аз 30 рӯз зиёд ба таъхир афтода бошанд ва ё дар ҳолати таъхирафтода набудани қарз ҳолати молиявии қарздор шубҳанок ва ё аз шубҳанок бадтар баҳогузорӣ карда шавад, дар назар дошта шудааст.

Қайд кардан зарур аст, ки талабот нисбат ба қарзҳои ғайрифаъол дар низоми бонкии Ҷумҳурӣ, бо назардошти хусусиятҳои он нисбат ба таҷрибаи ҷаҳонӣ қавитар пешбинӣ шудааст. Дар таҷрибаи ҷаҳонӣ бошад, қарзҳои ғайрифаъол, қарзҳое мебошанд, ки пардохти маблағи асосӣ ва (ё) фоизҳои он зиёда аз 90 рӯз ба таъхир афтодаанд (FSI: Compilation Guide, 2006). Қарзҳои ғайрифаъол эҳтимолияти баланди барнагаштан дошта, имконияти бонкро барои пешниҳод намудани қарзҳои нав маҳдуд менамояд.

Солҳои охир қарзҳои ғайрифаъол, сифати сандуқи қарзӣ ва таъсири онҳо ба фаъолияти бонкҳо дар алоҳидагӣ ва низоми бонкӣ дар маҷмӯъ ҳам дар ҷаҳон ва ҳам дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди таваҷҷуҳ қарор доранд. Агар ба 5-6 соли охир нигарем, тавре дар Диаграммаи 1 нишон дода шудааст, сатҳи қарзҳои ғайрифаъоли бонкҳо ва ташкилотҳои амонатии қарзии хурд аз 9%-и соли 2012 ба 26,3% дар соли 2015 зиёд шудаанд. Дар давраи то соли 2015 дар баробари зиёд шудани сандуқи қарзӣ, қарзҳои ғайрифаъол низ равандди зиёдшавӣ доштанд, вале нисбатан кам ва мутаносиб буданд. Соли 2016 бошад, сатҳи қарзҳои ғайрифаъол яку якбора аз 26,3% ба 47,6% баланд шуданд, ки яке



**Фирдавс Толибов,** сардори Идораи таҳлили бонкҳои Департаменти назорати бонкии БМТ.

> Ташкили саривақтии фонди талафоти эҳтимолӣ аз рӯи дороиҳо аз як тараф арзиши воқеии дорой, аз ҷумла қарзро нишон диҳад, аз тарафи дигар сарбориро ба даромаднокӣ ва сармояи бонк дар доираи муайяни давраҳо қариб ки баробар тақсим менамояд.

аз нишондиҳандаҳои баландтарин мебошад. Ба яку якбора зиёд шудани қарзҳои ғайрифаъол агар аз як тараф бӯҳрони молиявии ҷаҳонӣ таъсир расонида бошад, аз тарафи дигар чораҳои Бонки миллии Тоҷикистон барои таъмини шаффофият ва нишон додани ҳолати воқеии ҳисоботҳои молиявӣ таъсири худро расонидааст (БМТ, 2018). Ҳолати мазкур аз он дарак медиҳад, ки эҳтимол қарзҳои ғайрифаъол дар бонкҳо ҷой доштанд, аммо дар ҳисоботҳои молиявӣ шаффоф нишон дода намешуданд.

## ♦ Қарзҳои ғайрифаъол ва сабабҳои пайдоиши онҳо

Таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки сабабҳои пайдоиши қарзҳои ғайрифаъол гуногун мебошанд. Аз як тараф агар сабаби пайдо шудан ва ё зиёд гардидани қарзҳои ғайрифаъол омилҳои макроиқтисодӣ, яъне таъсири омилҳои беруна, пастравии рушди иқтисодиёт ва беқурбшавии пули миллӣ бошад, аз ҷониби дигар зиёд шудани қарзҳои ғайрифаъол ба фаъолияти ғайрисамараноки худи бонкҳо вобастагии калон дорад.

Баҳодиҳии нопурраю нодуруст ва таҳлили номукаммали ҳолати молиявии муштарӣ ва ё қарзгир, ба эътибор нагирифтани қобилияти қарзадокунии он, қарздиҳии аз меъёр зиёд ба шахсони алоқаманд ва аз ҳад зиёд такя кардан ба гарав аз омилҳои баланд шудани қарзҳои ғайрифаъол мебошад.

Дар баробари ин, ба инобат нагирифтани тағйирот дар шароити иқтисодӣ, мониторинги нокофии қарзҳо, саривақт ба назар нагирифтани хавфҳо, яъне аз рӯи қарзҳо ташкил накардани фонд ва саривақт эътироф накардани қарзҳои ғайрифаъол метавонад яку якбора таъсири манфии худро ба ҳолати молиявии бонк ра-

ДИАГРАММАИ 1. **САНДУҚИ ҚАРЗӢ ВА ҚАРЗҲОИ ҒАЙРИФАЪОЛ**




*Манбаъ:* сомонаи Бонки миллии Тоҷикистон, нишондиҳандаҳои устувории молиявӣ ва шарҳи низоми бонкӣ

сонад. Дар аксари чунин ҳолатҳо интизор шудани он, ки вазъияти иқтисодиёт беҳтар шуда, қарзҳо бармегарданд, ҳолати душвори бааmaломадаро метавонад боз ҳам мураккаб намояд.

Дар натиҷаи зоҳир намудани беаҳамиятӣ ба ҳолатҳои дар боло қайдгардида ва ба эътибор нагирифтани оқибатҳои онҳо, чунин ҳолатҳо метавонад ба барнагаштани қарзҳо, зиёд шудани хароҷот, ба вуҷуд омадани мушкилоти пардохтпазирӣ, аз байн рафтани имкониятҳои пешниҳоди қарзҳои нав, коста гардидани обрӯю эътибор оварда расонанд ва садди роҳи гирифтан ва ё ҷалби маблағгузориҳои сармоявӣ ва ё қарзӣ гарданд. Албатта, ин ҳама, дар маҷмӯъ ҳам ба низоми бонкӣ ва ҳам ба иқтисодиёти дилхоҳ кишвар таъсири бевоситаи худро расонида метавонад.

## ♦ Чӣ бояд кард ва ё чора чист?

Қобили қайд аст, ки дар доираи танзим ва назорати хавфи қарзӣ ташаккули фонди пӯшонидани талафотҳои имконпазир аз рӯи дороиҳо, аз ҷумла қарзҳо нақши муҳимро мебозад. Ташкили саривақтии фонди талафоти эҳтимолӣ аз рӯи дороиҳо аз як тараф арзиши воқеии дороӣ, аз ҷумла қарзро нишон диҳад, аз тарафи дигар сарбориро ба даромаднокӣ ва сармояи бонк дар доираи муайяни давраҳо қариб ки баробар тақсим менамояд. Ин имконият медиҳад, ки талафоти эҳтимолӣ яку якбора ба фаъолияти бонк таъсири худро нарасонад. Дар низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон қарзҳои ғайрифаъол (зиёда аз 30 рӯз батаъхирафтода) ба охири декабри соли 2018 маблағи 2,6 млрд. сомониро ташкил намуда, 92,8%-и онҳо бо фонд пӯшонида шудаанд, яъне таҳдид ба сармояи бонкҳо дар ҳолати ҷойдошта камтар мебошад (БМТ, 2018).

Солҳои охир қарзҳои ғайрифаъол ва мушкилоти аз онҳо ба миён омада, дар як қатор мамлакатҳо дида мешавад, ки барои ҳалли онҳо дар сатҳҳои гуногун чораҳо андешида шуда истодаанд. Барои муқоиса бо истифода аз маълумотҳои Нишондиҳандаҳои рушди ҷаҳонии Бонки ҷаҳонӣ барои соли 2017 ҳиссаи қарзҳои ғайрифаъоли мамлакатҳое, ки аз 15%-и сандуқи қарзӣ зиёд мебошанд дар Диаграммаи 2 нишон дода шудааст (World Development

ДИАГРАММАИ 2. **ҲИССАИ ҚАРЗҲОИ ҒАЙРИФАЪОЛ ДАР САНДУҚИ ҚАРЗӢ (%)**




*Манбаъ:* World Development Indicators, 2017, https://data.worldbank.org/indicator/FB.AST.NPER.ZS

Indicators, 2017).

Аз диаграммаи овардашуда дидан мумкин аст, ки дар қатори дигар мамлакатҳо, Юнон ва Кипр, давлатҳои аврупоӣ низ ҳастанд, ки мушкилоти қарзҳои ғайрифаъолро доранд. Тибқи маълумотҳои мазкур қарзҳои ғайрифаъол дар ҷаҳон дар доираи 3,7% қарор дошта, дар Аврупо ва Осиёи Марказӣ (бе назардошти мамлакатҳои даромади баланд-дошта) 10%-ро ташкил медиҳанд.

Дар робита ба ин масъала қайд кардан зарур аст, ки дар доираи маълумотҳои ҷойдошта сатҳи қарзҳои ғайрифаъоли на ҳама мамлакатҳо ҷойгир карда шудаанд ва он маълумотҳои ҷойдошта бошад, эҳтимол на дар ҳама ҳолатҳо шаффоф нишон дода шуда бошанд. Вале дар ҳар сурат, маълумотҳои ҷойдошта то ҷое ҳолати дар боло зикргардидаро нишон медиҳанд. Тавре аз Диаграммаи 2 бармеояд, се мамлакате, ки ҳиссаи қарзҳои ғайрифаъоли онҳо аз 40%-и сандуқи қарзӣ зиёд мебошанд, мамлакатҳои аврупоӣ буда, яке аз сабабҳои боло рафтани ҳиссаи қарзҳои ғайрифаъол дар зери таъсири буҳрони молиявӣ мондани мамлакатҳои мазкур мебошад.

Таҷрибаи ҷаҳонӣ роҳҳои гуногуни ҳалли мушкилиҳои қарзҳои ғайрифаъолро нишон медиҳад. Бар ивази қарз гирифтани гарав яке аз роҳҳои маъмули баргардонидани қарз бошад, дар ҳолати дуру дароз ба фурӯш набаровардани чунин гаравҳо ва ё бо нархҳои

> «
>
> **Солҳои охир қарзҳои ғайрифаъол, сифати сандуқи қарзӣ ва таъсири онҳо ба фаъолияти бонкҳо дар алоҳидагӣ ва низоми бонкӣ дар маҷмӯъ ҳам дар ҷаҳон ва ҳам дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди таваҷҷуҳ қарор доранд.**

баланд гирифтани онҳо, танҳо ҷойивазкунии дороиҳоро дар тавозуни бонкҳо ба вуҷуд меораду халос. Инчунин, ҳолатҳои ба дигар муассисаҳои молиявӣ фурӯхтани қарзҳои ғайрифаъол, ворид намудани тағйирот дар раванди идоракунии қарзгир ва ё мувaққатан соҳибӣ кардани фаъолияти қарзгир низ роҳи баргардонидани қарзҳои ғайрифаъол мебошад.

Ҳалли мусолиматомези ғайрисудӣ, пардохти қарз тариқи мурофиаи судӣ, аз тавозун хориҷ кардани қарзҳои ғайрифаъол уҳдадории қарздорро дар назди бонк аз байн намебарад, аммо тавозун ва ё дороиҳои бонкҳо воқеъан нишон дода мешаванд.

Қобили қайд аст, ки дар раванди пайдо шудани қарзҳои ғайрифаъол асосан ду тараф, бонкҳо ва ташкилотҳои қарзӣ аз як тараф, муштариён-қарздорони онҳо аз тарафи дигар нақши асосӣ доранд. Аммо дар ҳолате, ки қарзҳои ғайрифаъол аллакай пайдо шудаанд ва дар сатҳи баланд қарор доранд, ҳамкорӣ ва ё чораҳои аз тарафи дигар тарафҳои алоқаманд андешидашаванда низ хеле муҳим мебошанд.

Дар ин раванд ташкилотҳои қарзӣ бояд кӯшиш ба харҷ диҳанд, то аз додани қарзҳои наве, ки эҳтимолияти ғайрифаъол шуданро доранд, худдорӣ намуда, барои баргардонидани қарзҳои ғайрифаъоли мавҷуда ва батанзимдарории онҳо фаъолона иштирок намоянд.

Дар баробари ин, такмили чорчӯбаи меъёрӣ ва назоратӣ барои батанзимдарории қарзҳои ғайрифаъол, такмили заминаи ҳуқуқию судӣ ва рушди дигар самтҳои бозори молиявӣ аз ҷониби ҳукумат ва мақомоти назоратӣ низ нақши муҳим дошта, дастгирии мақомоти фискалӣ барои аз байн бурдани муаммоҳо дар раванди батанзимдарории қарзҳои ғайрифаъол хеле муҳим мебошад.

Илова бар ин, баланд бардоштани интизоми қарзии ҳам муштариён ва ҳам кормандони низоми бонкӣ, инчунин боло бурдани маърифати молиявии аҳолӣ дар ин раванд нақши калидиро мебозад.

Бонки миллии Тоҷикистон ҳамчун мақоми назоратӣ ва танзимии низоми бонкӣ барои таъмини фаъолияти босуботи низоми бонкӣ дар се соли охир як қатор чораҳои муҳимро, аз ҷумла вобаста ба масъалаҳои

ҳалли қарзҳои ғайрифаъол андешида истодааст.

Тағйироту иловаҳо ба якчанд қонунҳои дахлдори Ҷумҳурии Тоҷикистон даровардашуда, заминаи ҳуқуқиро барои батанзимдарории низоми бонкӣ фароҳам оварда, ташкилотҳои идоракунии дороиҳоро пешбинӣ намудааст, ки ба роҳ мондани фаъолияти чунин ташкилотҳо дар раванди батанзимдарории дороиҳои ғайрифаъол нақши муҳим хоҳанд дошт.

Ҳамзамон, бо мақсади паст кардани сатҳи хавфи қарзии низоми бонкӣ дар доираи чораҳои андешидашуда аз як қатор бонкҳое, ки дорои сатҳи баланди қарзҳои ғайрифаъол мебошанд, таҳияи нақшаи баргардонидани қарзҳои ғайрифаъол талаб карда шуда, иҷрои он таҳти назорат қарор гирифта шудааст.

Дар натиҷаи чораҳои андешидашуда, ҳиссаи қарзҳои ғайрифаъоли низоми бонкӣ тамоюли камшавӣ дошта, ба санаи 31 декабри соли гузашта 30,3 фоизро ташкил намуда, дар муқоиса ба охири соли 2016 ба андозаи 16,6 банди фоизӣ ё тақрибан 2 млрд. сомонӣ коҳиш ёфтааст, Ин дастовард ҳоло ҳам қаноаткунанда нест ва Бонки миллии Тоҷикистон андешидани чораҳои дахлдорро идома медиҳад.

Инчунин, дар сатҳҳои гуногун фаъолият намудани гуруҳҳои корӣ вобаста ба баргардонидани қарзҳои ғайрифаъол ва дуруст идоракунии хавфи қарзӣ, аз байн бурдани мушкилиҳо дар раванди баҳсҳои судӣ, масъалаҳои андозбандии амалиётҳои қарзӣ ё дигар монеаҳои қонунгузорӣ фаъолият намуда истодаанд, ки дар назар аст ҳамкории дастаҷамъона дар ин самт натиҷаи худро хоҳад дод.

**МАНБАЪ:**

1. Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Форуми байналмилалии соҳибкорӣ - 2018 таҳти унвони "Рушди соҳибкориву сармоягузорӣ ва равандҳои муосири иқтисодӣ" (http://president.tj/node/18701);

2. Дастурамали №215 "Дар бораи тартиби ташкил ва истифодаи захира ва фонди пӯшонидани талафоти имконпазир аз рӯи дороиҳо"( http://nbt.tj/tj/normative/);

3. Financial Soundness Indicators: Compilation Guide, 2006, (https://www.imf.org/external/pubs/ft/fsi/guide/2006/pdf/fsiFT.pdf);

4. Шарҳи рушди низоми бонкӣ (http://www.nbt.tj/tj/banking_system/overview_banking_system.php);

5. Нишондиҳандаҳои устувории молиявии ташкилотҳои қарзӣ (http://www.nbt.tj/tj/banking_system/overview_banking_system.php).

# Dедолларикунонии иқтисодиёт ба манфиати кист?




## ОЁ ТАҶРИБАИ КИШВАРҲОИ ХОРИҶӢ БАРОИ ТОҶИКИСТОН МУФИД ХОҲАД БУД?

Солҳои охир дедолларикунонии иқтисодиёт ба яке аз масъалаҳои муҳими баъзе давлатҳое, ки иқтисодиёташон аз доллар вобаста мебошад, табдил ёфтааст. Айни замон давлатҳои зиёде дар ҷаҳон, ба монанди Чин, Русия, Ҳиндустон, баъзе кишварҳои Иттиҳодияи Аврупо ва мамолики Осиёи Марказӣ бо таваҷҷӯҳ ба ин масъала ва пешгирии оқибатҳои ногувори он тадбирҳоеро барои коҳиши нуфузи доллари ИМА ба иқтисодиёти худ пеш гирифтаанд. Аксари ин кишварҳо аз тағйирёбии қурби доллари ИМА зарар дида, ба мушкилиҳое дар раванди ҳисоббаробаркуниҳо бо доллари ИМА (аз ҷумла, таҳримҳо, маҳдуд гардидани амалиёт, масдуд шудани суратҳисобҳои долларӣ дар бонкҳои ИМА) мувоҷеҳ шуда, коҳиши ҳисоббаробаркуниҳо бо долларро ҳадафи стратегии хеш қарор додаанд.

## ДОЛЛАРИ ИМА ЧӢ ГУНА ПУЛИ ҶАҲОНӢ ШУД?

Асли масъала дар он аст, ки доллари ИМА дар давоми сад соли охир ба пули ҷаҳонӣ табдил ёфт ва тамоми додугирифти тиҷоратии давлатҳоро фаро гирифт. Тавре аз таърихи муносибатҳои пулӣ маълум аст, то асри бистум, арзиши пул аз тилло вобаста буд. Бонкҳо вобаста ба захираҳои тиллои худ қарз медоданду фаъолияти маҳдуд доштанд, бинобар ин афзоиши қарздиҳӣ маҳдуд буд. Ин вазъ вақте тағйир ёфт, ки дар соли 1944 низоми Bretton Woods таъсис дода шуд ва он ба низоми табодули қурбҳо замина гузошт.

Баъд аз ин, дар доираи низоми Bretton Woods қурби мубодилаи ҳамаи пулҳо ба доллари амрикоӣ вобаста гардиданд ва қурби доллар

ба тилло алоқаманд карда шуд. Барои пешгирӣ намудан аз ҳолатҳои ҳаннотӣ бо истифода аз асъор ҳаракати сармояҳо ниҳоят маҳдуд карда шуд. Низоми мазкур дар давоми ду даҳсола рушди иқтисодиро суръат бахшида, барои пешгирӣ аз бӯҳронҳои молиявӣ мусоидат намуд.

Аммо, тавре дар асарҳои илмии олимони соҳаи иқтисоди сатҳи ҷаҳонӣ ва таҳлилҳои онҳо омадааст, низоми зикршуда тадриҷан бо афзоиши иқтидори иқтисодии Олмон ва Ҷопон ва хоҳиш надоштани ИМА барои пешбурди сиёсати дохилии иқтисодиаш бо нигоҳ доштани вобастагӣ ба тилло, нолозим шуда монд. Ба ин далел, соли 1971 Президенти вақти ИМА Ричард Никсон вобастагӣ ба тиллоро бекор кард ва низоми табодули қурби асъор хароб гардид. Дар натиҷа, давраи сахти афтидани қурби доллари амрикоӣ ба миён омад, вале бо доллар ба роҳ мондани хариду фурӯши нафт дар бозори байналмилалӣ онро наҷот дод. Ричард Никсон бо Арабистони Саудӣ музокира намуда, дар ивази дастгирӣ ва муҳофизат аз он, Арабистони Саудиро розӣ намуд, ки хариду фурӯши нафтро танҳо бо доллар анҷом диҳад.

Кишварҳои дигари аъзои созмони ОПЕК низ аз ин иқдом ҳимоят намуданд. Ин ҳолат дар оянда талаботи доимии ҷаҳонро ба доллари амрикоӣ таъмин намуд. Ба ин тартиб, пули миллии ИМА ба воситаи асосии пардохти байналхалқӣ барои ҳар гуна маҳсулоту хадамот табдил ёфта, аз ин ба баъд иқтисоди кишварҳои оламро ба худ вобаста намуд.



> Дар натиҷа, давраи сахти афтидани қурби доллари амрикоӣ ба миён омад, вале бо доллар ба роҳ мондани хариду фурӯши нафт дар бозори байналмилалӣ онро наҷот дод.

### ЧАРО ДАВЛАТҲО ДАР ФИКРИ ДЕДОЛЛАРИКУНОНИИ ИҚТИСОДИЁТ ШУДАНД?

Аммо баъд аз бӯҳронҳои ҷаҳонии молиявии солҳои 1998, 2008 ва 2014 қурби доллари амрикоӣ баланд шуд ва иқтисодиёти кишварҳое, ки ба воридоти доллар марбут ҳастанд, ба хисорот мувоҷҷеҳ шуд. Ҳамчунин ҳисоббаробаркуниҳо бо доллари амрикоӣ дар натиҷаи таҳримҳо барои бархе кишварҳо мушкил гардид. Ба ин далел, ба андешаи коршиносон, ҳоло аксари давлатҳое, ки аз паст шудани қурби пули миллиашон дар баробари доллар ранҷ мебинанд, талош мекунанд, ки таъсири онро ба иқтисоди худ коҳиш диҳанд.

Тавре **Беҳзод Ҷӯраев,** сардори шуъбаи назорати асъори Бонки миллии Тоҷикистон мегӯяд, сатҳи баланди долларишавии иқтисодиёт боиси боло рафтани сатҳи таваррум ва бекурбшавии қобилияти харидории пули миллӣ мегардад ва дар ҳолати зиёд шудани талабот ба доллари амрикоӣ бевосита қурби он боло рафта, ба паст шудани қурби пули миллӣ нисбат ба асъори хориҷӣ боис мегардад. Ин ҳолат, албатта, ба манфиати давлатҳо нест.

Ба ин хотир, бархе давлатҳо ба дедолларикунонӣ, ки аз маҷмӯи чорабиниҳои иқтисодию иҷтимоии давлат барои маҳдуд намудани муомилот ва пардохтҳо бо асъори хориҷӣ дар дохили кишвар ба шумор меравад, рӯй овардаанд.

**Нуриддин Лафизов,** роҳбари самти корпоративии ЧДММ ТАҚХ "Алиф-Сармоя" сабаби дигари ба дедол-

ларикунонӣ рӯй овардани баъзе давлатҳоро ба пайдо шудани як қадар маҳдудиятҳо ҳангоми ҳисоббаробаркуниҳо бо доллари амрикоӣ рабт медиҳад. Ӯ мегӯяд, раванди дедолларикунонӣ дар ҷаҳон аз соли 2010 оғоз ёфта, ҳоло рӯз ба рӯз авҷ гирифта истодааст:

– Бисёре аз давлатҳои олам бинобар пайдо шудани як қатор мушкилиҳо дар раванди ҳисоббаробаркуниҳо бо доллари ИМА, аз ҷумла таҳримҳо, маҳдуд гардидани амалиётҳо ва баста шудани суратҳисобҳои долларӣ аз тарафи бонкҳои ИМА дар бисёр давлатҳо, стратегияи ҳангоми ҳисоббаробаркуниҳо даст кашидан аз доллари ИМА-ро пеш гирифта истодаанд.

Ба гуфтаи коршиносони соҳаи иқтисод, маҳз бо ҳамин далел Чин, Русия, Белорус, Иттиҳоди Аврупо ва дигар давлатҳои олам талош доранд, ки истифодаи долларро то қадри имкон маҳдуд кунанд. Махсусан, Чину Русия ду кишваре ҳастанд, ки айни замон маҳдуд кардани истифодаи долларро дар тиҷорати байналмилалӣ таҷриба мекунанд. Онҳо чанд сол пеш созишномаеро низ ба имзо расониданд, ки бар асоси он тамоми ҳисоббаробаркуниҳо бо рубли Русия ва юани Чин сурат мегирад.

Русия барномаи махсуси коҳиши таъсири доллар ба иқтисодашро рӯи даст гирифта, талош дорад бо давлатҳои дигари харидори моводи сӯхт низ чунин созишномаҳо ба имзо расонад.

### РУСИЯ ВА ЛОИҲАИ ҚОНУНИ ДЕДОЛЛАРИКУНОНИИ ИҚТИСОДИЁТ

Як сол пеш президенти Русия Владимир Путин лоиҳаи қонунеро ба парламенти Русия пешниҳод кард, ки даст кашидан аз долларро дар қаламрави ИДМ пешбинӣ менамояд. Мақомоти Русия ҳадафи ин лоиҳаи қонунро сохтани бозори ягонаи молиявӣ байни Русия, Арманистон, Қазоқистон, Тоҷикистон, Қирғизистон ва кишварҳои дигар маънидод карданд.

> Созмони Миллали Муттаҳид ҳам дар гузориши соли 2010-и худ аз кишварҳои олам хост, ки ба хотири осебпазир нашуданашон, захираҳои асъории худро ба ғайр аз доллари амрикоӣ бо асъори дигар низ нигоҳ доранд.

Бино ба иттилои сомонаи президенти Русия, дар доираи ин санад таҳти унвони “Созишнома дар бораи ҳамкорӣ дар соҳаи ташкили бозори асъори ягонаи давлатҳои аъзои ИДМ” таҳия шудааст, механизме сохта хоҳад шуд, ки имкон медиҳад, аз истифодаи доллар ва евро ҳангоми ҳисоббаробаркуниҳои байнидавлатӣ худдорӣ карда шавад. Ин санад ба бонкҳои ҷонибҳо барои гузаронидани амалиётҳои байнибонкии мубодилавӣ дар бозорҳои дохилии асъори ҳамдигар имконият фароҳам меорад. Ҳамчунин он барои тавсиаи истифодаи пулҳои миллӣ ҳангоми пардохтҳои тиҷорати беруна ва хизматрасониҳои молиявӣ мусоидат менамояд.

Ба гуфтаи коршиносони тоҷик, дар натиҷаи андешидани чунин тадбир шароите ба вуҷуд хоҳад омад, ки дар он бозори пулҳои миллӣ рушд намуда, замина барои пешбурди сиёсати пулию қарзии ҳамоҳанг бо имконияти иловагии иҷрои стратегияҳои дарозмуддати ҳамкориҳои иқтисодӣ ва инчунин имконияти ноил шудан ба суботи макроиқтисодӣ дар минтақа фароҳам меояд.

Олим Давлатшоев, устоди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон мегӯяд, ба тасвиб расидан ва татбиқи минбаъдаи санади мазкур ба фаъолшавӣ ва рушди минбаъдаи ҳамкориҳои иқтисодӣ ва таҳкими равандҳои ҳамгироӣ дар доираи ИДМ мусоидат хоҳад намуд. Дар чанд соли пеш бархе давлатҳои минтақа дар доираи Иттиҳоди Авруосиё масъалаи имкони гузариш ба пулҳои миллиро баҳс карда буданд. Мутобиқи созишнома байни Русия, Белорус, Арманистон ва Қазоқистон гузариш ба ҳисоббаробаркуниҳо бо истифода аз пулҳои миллии ин кишварҳо бояд дар солҳои 2025–2030 амалӣ шавад. Ин пешниҳод дар доираи барномаи рушди низомҳои пардохтии Иттиҳоди Авруосиё ҳанӯз соли

2014 аз ҷониби кишварҳои узви ин созмон пазируфта шуда буд.

Қайд кардан бамаврид аст, ки дар айни замон қариб 50% амалиёти ҳисоббаробаркуниҳо байни кишварҳои Иттиҳоди Авруосиё бо доллар ва евро сурат мегиранд, ки вобастагии ин давлатҳоро аз мамолики соҳибони доллару евро нишон медиҳад. Бинобар ин, маҳз татбиқи лоиҳаи қонуни боло тадриҷан даст кашидан аз истифодаи доллару евроро дар ҳудуди Иттиҳоди Авруосиё пешбинӣ мекунад.

## ОЁ ЮАН ВА СВОПҲОИ ЧИН КУМАК КАРДА МЕТАВОНАНД?

Як зумра давлатҳо барои коҳиш додани вобастагии иқтисодиёташон аз доллари ИМА бо давлатҳои ҳамкори худ ҷиҳати сода намудани тиҷорати байналмилалӣ, бо усули своп созишнома мебанданд. Ин амал феълан як роҳи сабуктар намудани амалиёти молиявӣ дар минтақаҳои ҷаҳон арзёбӣ мешавад.

Чанде пеш Чин ва Кореяи ҷанубӣ низ созишномаеро имзо карданд, ки тиҷорати онҳоро ҳангоми истифодабарии пулҳои миллӣ осонтар мекунад. Солҳои охир мақомоти давлатии Фаронса низ оид ба истифода бурдани евро ба ҷойи доллари ИМА ҳангоми анҷом додани амалиёти тиҷорати хориҷӣ машварат бурда истодаанд.

Созмони Миллали Муттаҳид ҳам дар гузориши соли 2010-и худ аз кишварҳои олам хост, ки ба хотири осебпазир нашуданашон, захираҳои асъории худро ба ғайр аз доллари амрикоӣ бо асъори дигар низ нигоҳ доранд. Илова бар ин, Шӯрои ҳамкориҳои давлатҳои арабии халиҷи Форс низ хостори ташкили асъори захиравии хусусӣ шуд.

Дар роҳи дедолларикунонии иқтисодиёт давлати Чин хеле фаъол ба назар мерасад. Ба ибораи дигар гӯем, бонкҳои марказие, ки бо онҳо Чин созишномаҳои свопӣ ба имзо расонидааст, метавонанд, ба ташкилотҳои қарзии кишварашон бо юан қарз диҳанд. Бонки марказии Чин бо Бонки миллии Тоҷикистон ҳам чунин як созишномаеро ба маблағи 3 миллиард юан бастааст.

Бояд гуфт, ки Чин раванди ташкили хатҳои свопӣ бо кишварҳои рушдёбанда ва шарикони тиҷоратиашро асосан дар минтақаи Осиё ва Уқёнуси Ором идома медиҳад. Дар қатори шарикони муомилаҳо бо Чин кишварҳои Австралия, Зеландияи нав, Бразилия, Сингапур, Гонконг, Тайланд, Аргентина, Малайзия қарор доранд.

Теъдоди умумии созишномаҳои свопии Чин бештар аз 20 ададро ташкил медиҳад ва ҳаҷми умумии онҳо ба зиёда аз 4 триллион юан (25 миллиард доллар) баробар аст. Аз он ҷумла, Чин бо Русия дар ҳаҷми 150 миллиард юан чунин созишнома ба имзо расонидааст, ки яке аз қадамҳои бузурги Чин дар роҳи тавонбахшӣ барои юан ба ҳисоб меравад. Ба назар чунин мерасад, ки Русия ва Чин ба созишномаҳои свопӣ ҳамчун ба яке аз тадбирҳои устувор намудани рубл ва юан муносибат намуда, умедворанд, ки ин амали онҳо ба устувории низоми молиявии ҷаҳон таъсири мусбат мерасонад.

Тавре аз омори расмӣ бармеояд, дар айни замон зиёда аз 10 ҳазор муассисаҳои молиявӣ дар дунё дар фаъолияти худ аз юани Чин истифода мебаранд, ҳол он ки дар соли 2001 он ҳамагӣ 900 ададро ташкил медод. Ҳаҷми амалиёти афшорӣ бо юан низ беш аз 145 миллиард доллари ИМА арзёбӣ шудааст. Ҳиссаи содироту воридоти Чин бо юан дар давоми се соли охир шаш баробар афзуда, ба 12 фоиз расидааст.

## ДОЛЛАРИ ИМА ВА МАВҚЕИ ОН ДАР ТИҶОРАТИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ

Имрӯз чунин ба назар мерасад, ки доллари ИМА дар тиҷорати байналмилалӣ мавқеи худро ба пули дигаре доданӣ нест. Аммо пас аз ба муомилот ворид шудани пули ягонаи Иттиҳодияи Аврупо ҳиссаи доллари ИМА дар таркиби захираҳои асъории кишварҳои олам то андозае коҳиш ёфт. Агар то пайдо шудани евро беш аз 71 фоизи захираҳои асъории кишварҳои оламро доллари ИМА ташкил медод, ин рақам дар солҳои охир ба 63 фоиз расидааст. Баъзе аз давлатҳо имрӯз як қисми захираҳои тиллоию асъории худро бо евро нигоҳдорӣ мекунанд.

Коршиносон бар ин назаранд, ки дар ин ҷо нақши захираҳои тиллоии давлатҳо низ таъсиргу-

зор аст. Ба гуфтаи Фирӯз Наҷмуддинов, олими тоҷик аз Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, ҳиссаи бузургтарини захираҳои тилло ба мамлакатҳое, ки худашон пулҳои захиравӣ интишор медиҳанд, рост меояд. Масалан, дар Иёлоти Муттаҳидаи Амрико тилло 73,9% захираҳои тиллою асъо-



рии давлатро ташкил медиҳад, дар минтақаи евро - зиёда аз нисфи ин захираҳо тилло мебошанд. Дар баъзе кишварҳои рӯ ба рушд, ин рақам одатан аз 0 то 5 фоизро ташкил медиҳад. Дар ҳоли ҳозир Русия ҳудуди 18 фоизи захираҳои асъорашро бо тилло нигоҳ медорад. Ба гуфтаи коршиносон Иёлоти Муттаҳидаи Амрико тавонистааст, устувории қурби долларро бо тилло таъмин намояд. Яъне, ин маънои онро дорад, ки ҳоло вобастагии иқтисоди дунё аз доллари амрикоӣ идома хоҳад дошт.

## ЗАРУРАТИ ДЕДОЛАРИКУНОНИИ ИҚТИСОДИЁТ ДАР ТОҶИКИСТОН

Иқтисоди Тоҷикистон низ чун як ҷузъи иқтисоди ҷаҳонӣ ба доллари ИМА вобастагӣ дорад. Бинобар ин, андешидани тадбирҳо барои коҳиш додани вобастагӣ аз доллари амрикоӣ амри зарурӣ дониста мешавад.

Солҳои охир бар асари афзоиши хавфҳои геосиёсӣ эҳтимолияти татбиқи маҳдудиятҳо (таҳримҳо) нисбати бонкҳои Русия ва Аврупо аз тарафи ИМА зиёд гашта истодаанд. Ин ҳолат хавфи маҳдуд гаштани ҳисоббаробаркуниҳоро бо доллари ИМА барои корхонаҳои Тоҷикистон ба вуҷуд меорад.

Домани таъсири ин вазъият ба ташкилотҳои Тоҷикистон низ мерасад. Ин таъсир метавонад ташкилотҳои қарзиро ҳангоми кушодани суратҳисобҳои муросилотӣ дар бонкҳои ИМА ба мушкилот мувоҷеҳ созад.

Ба гуфтаи коршиносон, он бонкҳои ИМА, ки қаблан бо ташкилотҳои қарзии Тоҷикистон ҳамкорӣ менамуданд, ба мисли Сити Банк Нью Йорк, Дойче Банк Нью Йорк бо баҳонаҳои иваз шудани стратегия, камдаромад будани амалиётҳо ва зиёд гаштани хавфҳо вобаста ба муқовимат ба қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда ва маблағгузории терроризм, метавонанд аз ҳамкорӣ худдорӣ кунанд.

Ин ҳолат ташкилотҳои қарзии ҷумҳуриро водор мекунад, ки ҳисоббаробаркуниҳои худро бо доллари ИМА тавассути бонкҳои Русия (Транскапиталбанк, Сбербанк, ВТБ), Қазоқистон (Казкоммерсбонк) ва бонкҳои Аврупо (Райфайзенбанк, Коммерсбонк) анҷом диҳанд.

## РОҲҲОИ ДЕДОЛЛАРИКУНОНИИ ИҚТИСОДИЁТ КАДОМҲОЯНД?

Коршиносони тоҷик чунин андеша доранд, ки таъсири мушкилот ҳангоми ҳисоббаробаркуниҳо бо доллари ИМА, имконпазир будани масдуд шудани суратҳисобҳо, таҳримҳою маҳдудиятҳо ҳангоми амалиёт, талафот аз тағйирёбии қурби доллар ва дигар омилҳо масъалаи дедолларикунониро барои Тоҷикистон муҳим мегардонад.

Нуриддин Лафизов, роҳбари самти корпоративии ҶДММ ТАҚХ "Алиф-Сармоя" ба ин зарурат таъкид намуда, мегӯяд, ки бо ин мақсад, корхонаҳои Тоҷикистон бояд то қадри имкон созишномаҳои воридотию содиротии худро бо дигар асъорҳо, аз ҷумла евро, рубл ва юан ба роҳ монанд. Вай меафзояд, ки ин амал имконияти диверсификатсияи хавфҳоро барои корхонаҳо фароҳам меорад:

"Дедолларикунонӣ вобастагии иқтисодиётро аз доллари ИМА паст намуда, барои мӯътадил гаштани қурби пули миллӣ нисбат ба асъорҳои хориҷӣ имконият фароҳам меорад. Бисёре аз корхонаҳои ватанӣ бинобар номӯътаъдил будани қурби асъори дигари хориҷӣ, намехоҳанд шартномаҳоро бо онҳо банданд. Аммо таҷриба нишон медиҳад, ки солҳои охир қурби асъори дигар ба мисли евро ва рубл нисбатан мӯътадил буда, дар бонкҳои Тоҷикистон нисбат ба доллари ИМА осонтар ва бо қурби пастар дастрас шуда метавонанд".

Ба андешаи Нуриддин Лафизов ташкилотҳои қарзии Тоҷикистонро низ зарур аст, ки кушодани суратҳисобҳои муросилотиро дар дигар давлатҳои хориҷӣ ба роҳ монанд. Ин имконият медиҳад, ки онҳо ба бонкҳои як давлат вобаста набуда, дар ҳисобаробаркуниҳои худ пурра мустақил бошанд.

Инчунин, бинобар ба миён омадани хавфи маҳдуд кардани бонкҳои Русия аз истифодаи низоми электронии Свифт, ташкилотҳои қарзии ҷумҳурӣ бояд роҳҳои алтернативии ба он пайвастшавиро пайдо кунанд. Номбурда чунин ақида дорад, ки яке аз низомҳои алтернативӣ барои пайваст шудан бо бонкҳои Русия, ин низоми интиқоли паёмакҳои молиявии Бонки марказии Русия мебошад. Низоми мазкур соли 2014 ташкил шудааст ва ба ташкилотҳои қарзӣ имкон медиҳад, ки ба пуррагӣ аз низоми Свифт мустақил бошанд.

Абдулқайси Саидҷаббор, корманди шуъбаи назорати асъори Бонки миллии Тоҷикистон бар ин назар аст, ки ҷалби фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ ба раванди дедолларикунонӣ ва аз ҷониби онҳо нисбатан кам кардани фоизҳои пасандоз бо асъори хориҷӣ метавонад манфиатовар бошад. Номбурда чунин андеша дорад, ки агар ташкилотҳои қарзӣ фоизҳои пасандозҳо бо пули миллиро баланд ва фоизҳо бо асъори хориҷиро паст намоянд, мардум бештар бо пули миллӣ пасандоз мегузоранд, ки ин дар навбати худ ба зиёдтар шудани талабот ба пули миллӣ ва кам шудани талабот ба асъори хориҷӣ оварда мерасонад.

Дар баробари ин, баланд кардани фоизи қарз бо асъори хориҷӣ ва паст намудани фоизи қарз бо пули миллӣ низ метавонад талабот ба қарзҳо бо пули миллиро зиёд ва нуфузи доллари ИМА-ро дар иқтисодиёт коҳиш диҳад.

Умар Воҳидов, устоди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон бар он аст, ки афзоиши ҳаҷми истеҳсолоти дохилӣ ва таъмини талаботи дохилӣ, ки талабот ба асъори хориҷиро коҳиш медиҳад, метавонад ба раванди дедолларикунонӣ таъсири мусбат расонад.

Коршиносон ҳамчунин маҳдуд намудани истифодаи асъори хориҷӣ дар ҳисоббаробаркуниҳои дохилиро низ аз роҳҳои дедолларикунонии иқтисодиёт медонанд.

Солҳои охир Бонки миллии Тоҷикистон ҳам як қатор тадбирҳоро барои дедолларикунонии иқтисодиёт амалӣ кардааст, ки бастани шартномаи свопӣ бо Бонки марказии Чин ба маблағи 3 млрд. юан, ташкили вохӯриҳои дуҷониба барои ташкилотҳои қарзии ватанӣ бо бонкҳои хориҷӣ ва густариши ҳамкориҳо бо бонкҳои марказии давлатҳои хориҷӣ ҷиҳати коҳиш додани вобастагии иқтисодиёти Тоҷикистон аз доллари ИМА, аз ҷумлаи онҳо мебошанд.

Ниҳоят, бо итминони комил метавон гуфт, ки истифодаи роҳҳои дурусту судманди дедолларикунонии иқтисодиёт ва омӯзиши амиқи таҷрибаи кишварҳои пешрафтаи хориҷӣ дар ин самт метавонад ҷиҳати кам кардани вобастагии иқтисодиёт аз омилҳои берунӣ ва рушди иқтисодиёти миллӣ мусоидат намояд.

**Аслам Мӯминов,**
**шореҳи "БТҶ"**

# Ташаккули сатҳи таваррум дар низоми омори Ҷумҳурии Тоҷикистон

Баҳисобгирии сатҳи таваррум дар низоми миллии омори Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи методологияи омори байналхалқӣ, пеш аз ҳама, таҷрибаи пешрафтаи омории Иттиҳоди давлатҳои мустақил бо назардошти хусусиятҳои миллӣ ва вазъи кунунии рушди иҷтимоию иқтисодии мамлакат амалӣ мегардад.



**А. Наҷибуллоев,** сардори Шуъбаи омори нархҳо ва тарифҳои Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.

## ▲ ТАВАРРУМ ВА ИНДЕКСИ НАРХҲОИ ИСТЕЪМОЛӢ

Ташаккулёбии нишондиҳандаи тавсифкунандаи сатҳи таваррум дар сатҳи ҷумҳурӣ асосан тавассути ҳисоби индекси нархҳои истеъмолӣ (ИНИ), ки усули маъмултарини муайянкунандаи сатҳи нишондиҳандаи мазкур шинохта шудааст, ба даст оварда мешавад. Ҳисоби таваррум дар заминаи бақайдгирии нарху тарифаҳои номгӯи муайяни молу маҳсулотҳо (аз моҳи январи соли 2015 аз рӯи 546 номгуйи мол (хизматрасонӣ)-намоянда, ки тибқи Таснифи алоҳидаи истеъмолӣ аз рӯи ҳадафҳо муайян карда шудаанд, ба амал баровarda мешавад. Маҷмӯи молу хизматҳо аз се гурӯҳ: маҳсулотҳои озуқаворӣ, молҳои ғайриозуқаворӣ ва хизматрасонии пулакӣ ба аҳолӣ иборатанд.

Тибқи Таснифоти истеъмолоти инфиродӣ аз рӯи ҳадафҳо дар маҷмӯъ бақайдгирии нархи зиёда аз 1250 молу маҳсулот ба роҳ монда шудааст, ки аз онҳо 546 мол (хизматрасонӣ)-намоянда дар раванди ҳисоби индекси нархҳои истеъмолӣ – сатҳи таваррум дар бахши истеъмолӣ иштирок менамоянд. Аз ҷумлаи инҳо дар сохтори индекси нархҳои истеъмолии мамлакат маҷмӯи мол (намоянда)-ҳои маҳсулотҳои озуқаворӣ – 112 номгӯй, молҳои ғайриозуқаворӣ – 335 номгӯй ва хизматрасонии пулакӣ ба аҳолӣ - 99 номгӯйро ташкил медиҳанд.

Ҳисобу китоби индекси нархҳои истеъмолӣ аз ду манбаъ гирифта шудаанд:

- маълумотҳо дар бораи тағйироти нархҳое, ки дар асоси онҳо бақайдгирии молу хизматҳои истеъмолӣ барои ҳар кадом давраи ҳисобот ба назар гирифта шуданд (нархи маҳсулот дар бозор, мағоза, нуқтаҳои фурӯши чакан, нархи хизматрасонии пулакӣ дар бозори истеъмолӣ);

- маълумотҳо дар бораи сохтори хароҷоти амалии истеъмолии аҳолӣ аз руи натиҷаҳои ҷамъбасти солонаи тадқиқоти хоҷагии хонавода (барои муайян намудани вазни хоси хароҷоти ҳар як намуди мол ва хизматрасонӣ).

Дар асоси иттилооти дар бораи нархҳо ҷамъгардида, нархҳои миёнаи истеъмолӣ барои намудҳои ҷудогонаи молу хизматҳо ҳисобу китоб карда мешаванд. Дар сатҳи шаҳр ё ноҳия нархҳои миёнаи молу хизматҳо-намояндаҳо дар асоси маълумотҳои бақайдгирии нарх аз рӯи формулаи арифметикаи оддии миёна, дар вилоятҳо ва сатҳи ҷумҳурӣ умуман нархи миёнаи истеъмолии молу хизматҳо-намояндаҳо ҳамчун ҳисоби миёнаи арифметикии баркашидашуда (санҷидашуда) муайян карда мешаванд. Ин амал дар вилоятҳо аз сатҳи нархи молу хизматҳо дар шаҳру ноҳияҳои ҷудогона, дар ҷумҳурӣ бошад, аз рӯи вилоятҳо муайян карда мешавад. Ҳангоми ҳисоб кардани нархҳои миёнаи намудҳои ҷудогонаи молу хизматҳо дар вилоятҳо ва умуман дар ҷумҳурӣ сифати вазни иттилоот дар бораи шумораи аҳолӣ дар шаҳру ноҳияҳои

ҷудогона ва вилоятҳо истифода бурда мешавад.

Низоми вазн барои ҳисоб кардани индекси нархҳои истеъмолӣ (ИНИ) аз инҳо иборат мебошад:

- ҳиссаи вилоятҳо (минтақаҳо) дар шумораи умумии аҳолии мамлакат;

- сохтори хароҷоти истеъмолии аҳолӣ, аз рӯи вазни хоси ҳар кадом намуди маҳсулот (хизматрасонӣ).

Хароҷоти истеъмолии хонаводаҳо қисми хароҷоти пулие мебошанд, ки барои хариди молу хизматҳои истеъмолӣ равона карда мешаванд.

Ҳисобу китоби ИНИ дар мақомоти омори мамлакат ҳар моҳ гузаронида мешавад. Ҳар моҳ индекси нарх нисбат ба моҳи гузашта, индекси нархҳо нисбат ба моҳи декабри соли гузашта, нисбат ба ҳамин моҳи соли гузашта ва ҳамчунин нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта, ҳисоб карда мешаванд. Дар нашрияҳо ва ахбори расмӣ маълумотҳо дар бораи индексҳои нархҳои истеъмолии молу хизматҳо бо як аломати даҳӣ баъди вергул ҷой дода мешаванд.

## ▲ САТҲИ ТАВАРРУМ ВА РОҲҲОИ МУАЙЯН КАРДАНИ ОН

Ҷиҳати муайян намудани сатҳи таваррум дар сатҳи вилоятҳою шаҳри Душанбе ва дар ин замина муайян намудани он дар сатҳи ҷумҳурӣ, нархи молҳои озуқа, ғайриозуқа ва арзиши хизматрасониҳои пулакӣ дар шаҳрҳои Душанбе, Хуҷанд, Истаравшан, Исфара ва Панҷакенти вилояти Суғд, Бохтар, Кӯлоб ва Шаҳритуси вилояти Хатлон, инчунин ноҳияи Ванҷ ва шаҳри Хоруғи ВМКБ ҳар моҳ ба қайд гирифта мешавад.

Дар бораи молҳои озуқаворӣ ва ғайриозуқаворӣ, маълумот оид ба нархҳои миёнаи чаканаи молу маҳсулот аз бозорҳои марказӣ ва мағозаҳои интихобгардидаи шаҳру ноҳияҳои алоҳидаи мамлакат, аз ҷумла шаҳрҳои Душанбе, Хуҷанд, Бохтар, Кӯлоб, Хоруғ, Истаравшан, Исфара, Панҷакент ва ноҳияҳои Шаҳритус ва Ванҷ ҷамъоварӣ мегарданд. Арзиши хизматрасониҳои пулакӣ аз муассисаҳои соҳаи маориф, тандурустӣ, фарҳанг, таъмини барқ, об, газ ва гармӣ, хоҷагии манзилию коммуналӣ, нақлиёт (нуқтаҳои чиптафурӯшӣ), хизматрасонии маишӣ, меҳмонхона ва тарабхонаҳо, муассисаҳои бонкӣ, нотариалӣ ва сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ, иттифоқҳои касаба, корхонаҳои соҳаи нақлиёту алоқа ва дигар субъектҳои хизматгузор ба даст оварда мешавад.

Тавре болотар қайд карда будем, дар сатҳи ноҳияҳо аз бозорҳо, мағозаҳо, марказҳои савдо ва субъектҳои хизматрасон арзиши миёнаи арифметикӣ гирифта мешавад. Тибқи методологияи амалкунанда ва муқаррароти тавсияҳои байналмилалӣ нархҳои миёнаи ҳам молу маҳсулоти ватанӣ ва ҳам молу маҳсулоти воридотӣ ба инобат гирифта мешаванд. Дар сатҳи вилоятҳо, шаҳри Душанбе ва дар сатҳи ҷумҳурӣ нархи миёнаи баркашидашуда муайян карда мешавад.

Ҳангоми баҳисобгирии сатҳи таваррум бошад, аҳолии ҷумҳурӣ ба чор ҳиссаи асосӣ: вилоятҳои Хатлон, Суғд, ВМКБ ва шаҳри Душанбею ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ тақсим мешавад. Баъд аз ин сатҳи миёнаи таваррум бо назардошти фисади кифояи аҳолии ҷумҳурӣ муайян карда мешавад, ки ба талаботи стандартҳои байналмилалӣ ҷавобгӯ мебошад. Ҳиссаи аҳолии минтақаҳо дар сохтори ҳисоби ИНИ ҷиҳати баровардани нишондиҳандаи нархи миёнаи арифметикии баркашидашуда дар сатҳи ҷумҳурӣ накш дорад. Ҳиссаи вилояти Хатлон дар ин сохтор 34,8 фоиз, шаҳри Душанбе 32,5 фоиз, вилояти Суғд – 29,2 фоиз ва ВМКБ – 3,5 фоизро ташкил медиҳад.

Илова бар ин, бо мақсади гузаронидани мониторинги тағйироти нархи молҳои озуқаворӣ, сӯзишворӣ ва қурби асъор ҳафтае ду маротиба аз шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ: Душанбе, Хоруғ, Хуҷанд, Конибодом, Панҷакент, Исфара, Истаравшан, Б.Ғафуров, Бохтар, Кӯлоб, Ҳамадонӣ, Шаҳритус, Панҷ, Данғара, Ҷ.Балхӣ, Восеъ, Ёвон, Ваҳдат, Ҳисор, Турсунзода ва Рашт маълумот ҷамъоварӣ гардида, ба доираи муайяни истифодабарандагон, бахусус Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод ва инчунин бо се забон дар сомонаи Агентӣ ҷойгир карда мешавад. Қайд

кардан бамаврид аст, ки маълумоти мазкур низ то андозае дар раванди ҳисоби индекси нархҳои истеъмолӣ ба назар гирифта мешавад. Ба ғайр аз ин, дар миқёси шаҳри Душанбе ҳамарӯза аз ҷониби мутахассисони мақомоти омори пойтахт бақайдгирии нархи маҳсулотҳои асосии озуқаворӣ (тибқи рӯйхати муқаррааргардида) дар бозорҳои истеъмолии ҳудуди шаҳр, аз ҷумла бозорҳои коммуналӣ (КВД «Бозори Саховат», КВД «Бозори Деҳқон») ва бозорҳои шахсӣ (ҶДММ «Маркази савдои Истиқлол», ҶДММ ЛТД «Сафариён», ҶДММ «Бале ҷавон», ҶДММ «Варзоб», ҶДММ «Зарафшони Сино», Маркази савдои "Ховарон" ва ҶСК "Бозори Фаровон") бақайдгирии нархҳои миёнаи маҳсулотҳои асосӣ анҷом дода шуда, барои истифода ба доираи истифодабарандагони дахлдор дастрас карда мешавад.

Дар сохтори индекси нархҳои истеъмолии мамлакат дар соли 2018 ҳисса (вазн)-и маҳсулоти озуқаворӣ якҷоя бо нӯшокиҳои спиртдор - 55,5 фоиз, ҳиссаи маҳсулоти ғайриозуқаворӣ – 29,3 фоиз ва хизматрасонии пулакӣ ба аҳолӣ – 15,2 фоизро ташкил намуданд.

Дар моҳҳои ноябр ва декабри соли 2018 аз маҳсулотҳои асосии озуқаворӣ ҳиссаи асосӣ ба орди навъи якум (11,5 фоиз), гӯшти гов (5,8 фоиз), биринҷ (3,4 фоиз), равғани пахта (3,7 фоиз), шакар (2,4 фоиз), равғани офтобпарасти истеҳсоли хориҷӣ (1,5 фоиз), сабзӣ (1,9 фоиз), тухм

**Диаграммаи 1. Сатҳи таваррум аз рӯи моҳҳои соли 2018 дар сатҳи ҷумҳурӣ**




(1,5 фоиз), картошка (1,0 фоиз), гӯшти гӯсфанд ва макарон (0,8 фоизӣ) ва бехпиёз (0,5 фоиз) рост меояд.

Дар ин давраи таҳлил аз молҳои ғайриозуқаворӣ ҳиссаи либосҳо–5,3 фоиз, пойафзолҳо – 3,2 фоиз, маводҳои доруворӣ 3,1 фоиз, маводҳои шустушӯӣ – 1,9 фоиз, бензин – 1,2 фоиз, гази моеъ – 0,7 фоизро ташкил доданд. Дар қисмати хизматрасониҳои пулакӣ ба аҳолӣ бошад, ҳиссаи арзиши пардохти қувваи барқ – 2,6 фоиз, хизматрасонии нақлиёт – 4,9 фоиз (аз ҷумла хизматрасонии нақлиёти ҳавоӣ – 1,3 фоиз) ва хизматрасониҳои маишӣ – 1,9 фоизро ташкил намуданд. Маҳз тағйирёбии нархи молу маҳсулотҳои зикршуда ба тағйироти индекси нархҳои истеъмолӣ ва сатҳи таваррум нақш доштанд.

Бояд қайд намуд, ки дар давоми моҳҳои соли ҳисоботӣ дар сохтори ИНИ ҳисса (вазн)-и молу хизматрасониҳо вобаста ба дигар шудани нархи онҳо тағйир меёбад ва чун қоида дар сурати баланд ё паст шудани нархи ин ё он намуди молу маҳсулот мувофиқан ҳиссаи онҳо афзоиш ё коҳиш меёбад. Ҳамзамон дар ташаккули нишондиҳандаи сатҳи таваррум он мол(хизматрасони)-намояндае, ки ҳиссаи нисбатан баландро дар сохтори индекси нархҳои истеъмолӣ доро мебошад таъсири амиқтар мегузорад. Тавре таҷриба нишон медиҳад, вобаста ба баланд шудани нархи он маҳсулотҳое, ки ҳиссаи калон доранд, нишондиҳандаи сатҳи таваррум низ баланд мегардад ва дар сурати паст шудани онҳо нишондиҳандаи мазкур нисбатан устувор боқӣ мемонад.

Аз аввали соли 2018 индекси нархҳои истеъмолӣ ба маҳсулотҳои озуқаворӣ 105,4 фоизро ташкил намуд, ки ба қимат шудани он маҳсулотҳои зерини ҳиссашон бештарбуда, сабаб шуданд: орди навъи 1-ум – 9,9 фоиз, биринҷ – 19,5 фоиз, гӯшти гов – 8,9 фоиз, гӯшти гӯсфанд – 8,0 фоиз, тухм – 3,9

фоиз, шир – 1,3 фоиз, равғани офтобпараст – 1,8 фоиз, сабзӣ – 51,8 фоиз, карам – 87,4 фоиз ва шакар – 2,7 фоиз. Дар баробари ин, нархи меваҳо, аз қабили себ – 3,3 фоиз, нок – 9,3 фоиз, лимӯ – 23,3 фоиз, баъзе сабзавотҳо, аз ҷумла бехпиёз – 56,7 фоиз, сирпиёз – 46,4 фоиз, каду – 20,8 фоиз, қаламфури булғорӣ – 1,4 фоиз, инчунин ярмаи марҷумак – 37,7 фоиз, нахӯд – 20,0 фоиз, лӯбиё – 6,6 фоиз арзон шудааст. Инчунин қайд намудан бамаврид аст, ки дар ин давра нархи сабзавот ва картошка дар маҷмӯъ дар мамлакат ба андозаи – 10,7 фоиз арзон шудааст.

Дар соли гузашта нархи молҳои ғайриозуқаворӣ дар маҷмӯъ 6,4 фоиз афзуд. Дар ин давра аз маҳсулотҳои асосии ғайриозуқа нархи бензин – 18,4 фоиз, маводҳои доруворӣ – 10,4 фоиз, гази моеъ – 6,6 фоиз, маводҳои шустушӯӣ – 6,3 фоиз ва либосҳо – 4,0 фоиз қимат шуда, ба ташаккули индекси маҷмӯии нархҳои истеъмолии молҳои ғайриозуқаворoccii мамлакат таъсир расониданд.

Дар давраи ҳисоботӣ арзиши хизматрасониҳои пулакӣ ба аҳолӣ дар маҷмӯъ – 4,9 фоиз афзуд. Аз ҷумла, арзиши пардохти қувваи барқ, ки ҳиссаи он дар сохтори индекси нархҳои истеъмолии мамлакат 2,6 фоизро ташкил медиҳад - 14,9 фоиз, арзиши хизматрасонии нақлиёти мусофиркашонӣ, ки ҳиссаи он дар сохтори ИНИ 4,9 фоиз баробар аст - ба андозаи 2,9 фоиз, аз ҷумла хизматрасонии нақлиёти ҳавоӣ (ҳиссааш 1,3 фоиз) - ба андозаи 6,4 фоиз, хизматрасонии нақлиёти автомобилӣ - 3,3 фоиз афзоиш ёфтааст.

**Диаграммаи 2. Сатҳи таваррум дар соли 2018 дар давлатҳои алоҳидаи ИДМ**




Ҳамин тариқ, дар соли 2018 сатҳи таваррум дар ҷумҳурӣ ба 5,4 фоиз баробар шуд, ки аз ҳисоби болоравии арзиши хизматрасонии пулакӣ ба аҳолӣ – 4,9 фоиз, молҳои ғайриозуқа 6,4 фоиз ва нархи молҳои озуқа 5,0 фоиз ташаккул ёфтааст. Қобили қайд аст, ки сатҳи таварруми бадастомада дар соли 2018 нисбат ба соли 2017 ба андозаи 1,3 банди фоизи камтар мебошад. Дар соли 2017 сатҳи таваррум дар бахши истеъмолӣ 6,7 фоизро ташкил дода буд, ки ба ташаккули он афзоиши нархи маҳсулотҳои озуқаворӣ ба андозаи 7,5 фоиз, арзиши хизматрасониҳои пулакӣ ба аҳолӣ 7,7 фоиз ва нархи молҳои ғайриозуқаворӣ 4,4 фоиз таъсир расонида буданд.

Тавре дар бахши аввали мақола қайд гардид, нишондиҳандаи сатҳи таваррум дар низоми омори Ҷумҳурии Тоҷикистон чун дар дигар давлатҳои ИДМ ва аксар давлатҳои Аврупо тибқи методологияи мавҷуда бо даврияти нисбат ба моҳи гузашта, нисбат ба декабри соли гузашта (яъне, аз аввали давраи соли ҳисоботӣ), нисбат ба моҳи дахлдори соли гузашта (дар амалия ин нишондиҳандаро инчунин таварруми андозагирии солона низ мегӯянд) ва нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта (бо ҷамъи афзоянда, масалан январ-декабри соли 2018 нисбат ба январ-декабри соли 2017), ҳисоб карда шуда, барои истифодабарӣ пешниҳод карда мешавад.

## ▲ АЛОҚАМАНДИИ ТАВАРРУМ ВА ММД

Маъмулан барои таҳлилҳои оморӣ ва истифодабарӣ дар ҳисобу китоби оморӣ, аз ҷумла барои муайян кардани суръати рушди Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ (ММД) нишондиҳандаи индекси нархҳои истеъмолӣ - нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта истифода ме-

**Диаграммаи 3. Индекси нархҳои истеъмолӣ дар моҳҳои январ-декабри соли 2018 нисбат ба январ-декабри соли 2017 дар як қатор давлатҳои ИДМ**




*) январ-ноябри с.2018 нисбати январ-ноябри с.2017

гардад. Бояд қайд намуд, ки ин нишондиҳанда дар моҳҳои январ-декабри соли 2018 нисбат ба моҳҳои январ-декабри соли 2017 - 3,8 фоизро ташкил намудааст, ки дар муқоиса ба нишондиҳандаи январ-декабри соли 2017 назар ба январ-декабри соли 2016 ба таври назаррас кам мебошад. Аниқтараш нишондиҳандаи сатҳи таваррум дар январ-декабри соли 2017 нисбат ба январ-декабри соли 2016 андозаи 7,3 фоизро ташкил дода буд.

Яке аз омилҳои асосие, ки ба паст шудани сатҳи таваррум дар моҳҳои январ-декабри соли 2018 назар ба январ-декабри соли 2017 дар муқоиса нисбат ба ҳамин давраи муқоисавии соли 2017 нисбати соли 2016 ба таври назаррас таъсир намудааст, ин пеш аз ҳама, зиёд шудани истеҳсоли маҳсулоти озуқаворӣ дар ҷумҳурӣ ва арзон гаштани нархи як қатор маҳсулоти кишоварзӣ дар бозори истеъмолии мамлакат ба ҳисоб меравад. Таҳлилҳо нишон доданд, ки агар дар давраи моҳҳои январ-декабри соли 2017 нисбат ба ҳамин давраи соли 2016 дар маҷмӯъ индекси нархҳои маҳсулоти озуқаворӣ дар мамлакат 9,1 фоизро ташкил дода бошад, ин нишондиҳанда дар давраи моҳҳои январ-декабри соли 2018 нисбат ба ҳамин давраи соли 2017 ҳамагӣ 2,5 фоизро ташкил дод. Инчунин, барои маълумот қайд кардан зарур аст, ки дар давраи моҳҳои январ-декабри соли 2018 нисбат ба ҳамин давраи соли 2017 индекси нархҳои истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ ҳамагӣ 85,0 фоизро ташкил додааст, ки дар қиёс бо давраи мазкури соли 2017 нисбат ба соли 2016 хеле коҳиш ёфтааст.

Ҳамзамон метавон иброз намуд, ки нишондиҳандаи сатҳи таваррум - нисбат ба моҳи дахлдори соли гузашта (дар амалия ин нишондиҳандаро инчунин таварруми андозагирии солона низ мегӯянд), яъне моҳи декабри соли 2018 нисбат ба ҳамин моҳи соли гузашта ҳамагӣ - 5,4 фоизро ташкил додааст, ки ин нишондиҳанда нисбат ба нишондиҳандаи мувофиқи соли 2017 (яъне моҳи декабри соли 2017 назар ба моҳи декабри соли 2016) ба таври назаррас камтар мебошад. Нишондиҳандаи мавриди таҳлил дар соли 2017 – 6,7 фоизро ташкил дода буд.

Нишондиҳандаи сатҳи таваррум дар моҳи декабри соли 2018 нисбат ба моҳи декабри соли 2017 (яъне аз аввали сол), ки асосан барои пешбурди сиёсати молиявию пулӣ истифода мегардад, ҳамагӣ 5,4 фоизро ташкил додааст, ки нисбат ба нишондиҳандаи ҳамин давраи соли 2017 камтар мебошад ва ин баёнгари нисбатан кам афзудани нархи як қатор мол (намоянда)-ҳо дар давоми моҳҳои январ-декабри соли 2018 мебошад.

Мавриди қайд аст, ки дар давоми соли 2018 маҳз арзоншавии як қатор маҳсулотҳои озуқаворӣ (себ – 3,3 фоиз, лимӯ – 23,3 фоиз, баъзе сабзавотҳо, аз ҷумла бехпиёз – 56,7 фоиз, сирпиёз – 46,4 фоиз, ярмаи марҷумак – 37,7 фоиз, нахӯд – 22,0 фоиз, лӯбиё – 6,6 фоиз, нархи сабзавотҳо ва картошка дар маҷмӯъ - 10,7 фоиз) боис шуданд, ки сатҳи таваррум нисбат ба соли гузашта пасттар гардид.

Дар моҳҳои январ - декабри соли 2018 нисбат ба январ-декабри соли 2017 нархи молҳои озуқа – 2,5 фоиз, молҳои

ғайриозуқа – 5,2 фоиз ва арзиши хизматрасонии пулакӣ – 5,9 фоиз афзудааст. Барои маълумот - дар моҳҳои январ-декабри соли 2017 нисбати ҳамин давраи соли 2016 бошад, нархи молҳои озуқа – 9,1 фоиз, молҳои ғайриозуқа – 5,2 фоиз ва арзиши хизматрасонии пулакӣ – 6,0 фоиз қимат шуда буданд.

Яке аз омилҳои асосие, ки ба паст шудани сатҳи таваррум дар давраи моҳҳои январ-декабри соли 2018 нисбат ба январ-декабри соли 2017 ба таври назаррас таъсир расонид, арзон шудани нархи як қатор маҳсулоти кишоварзӣ дар бозори истеъмолии мамлакат ба ҳисоб меравад.

Маҳсулоте, ки дар моҳҳои январ-декабри соли 2018 нисбат ба моҳҳои январ -декабри соли 2017 арзон шудаанд, инҳоянд: сабзавот ва картошка дар маҷмуъ – 7,4 фоиз (аз ҷумла пиёз – 45,6 фоиз, сабзӣ – 13,1 фоиз, картошка – 27,6 фоиз), нахуд – 5,4 фоиз, шакар – 11,3 фоиз.

Молҳое, ки дар моҳҳои январ-декабри соли 2018 нисбат ба ҳамин давраи соли 2017 қимат шудаанд: гӯшти гов – 7,4 фоиз, гӯшти гӯсфанд – 8,7 фоиз, шир – 1,6 фоиз, тухм – 2,6 фоиз ва ғайраҳо.

Аз молҳои ғайриозуқа бошад, маводи доруворӣ – 4,7 фоиз, бензин - 17,4 фоиз, гази моеъ 21,8 фоиз қимат шудаанд, ки асосан молҳои воридотӣ мебошанд.

Болоравии арзиши хизматрасонии пулакӣ асосан аз ҳисоби қимат шудани арзиши хизматрасонии коммуналӣ – 15,2 фоиз, аз ҷумла пардохти қувваи барқ – 14,8 фоиз ба амал омадааст.

Зимнан, дар моҳҳои январ-декабри соли 2018 нисбат ба моҳҳои январ-декабри соли 2017 хизматрасонии нақлиёти ҳавоӣ – 6,2 фоиз ва нақлиёти роҳи оҳан – 14,9 фоиз арзон шудааст.

Ба ҳамин тартиб, дар хотимаи мақола метавон хулоса намуд, ки дар марҳилаи кунунии рушди иҷтимоию иқтисодии мамлакат, инчунин бо назардошти ҳиссаи нисбатан калон доштани маҳсулотҳои озуқаворӣ дар сохтори ИНИ (ҳудуди 55-58%) маҳз устувории нархҳои маҳсулоти асосии озуқаворӣ дар бозори истеъмолии ҷумҳурӣ метавонад ба ташаккулёбии нишондиҳандаи нисбатан пасти сатҳи таваррум таъсири мусбӣ расонад. Мутобиқи мушоҳида ва таҳлилҳои анҷомдода, ҳамзамон бо назардошти мониторинги ҳафтаинаи нархи молу маҳсулот ва мушоҳидашавии нисбатан устувории равандҳои нархӣ ва фаровонии бозорҳои истеъмолӣ бо маҳсулоти кишоварзии ватанӣ, инчунин албатта, дар сурати пайдо нагардидани дигар эҳтимолиятҳои таъсиргузорандаи ҷиддии бозоргонӣ ва рақобатию инҳисорӣ ба вазъи рушди бозорҳои дохилӣ, омилҳои пешбининашавандаи вазъи бозорҳои молию ашёии шарикони савдои хориҷӣ ва равандҳои асъорӣ(ба хусус қурби мубодилаи доллари ИМА нисбат ба пули миллӣ), итминони комили нигоҳдории сатҳи таваррум дар мамлакат дар доираи дурнамои пешбинишуда мавҷуд мебошад.



# АЛЕКСАНДР ЕРЕМИН: “Мо ҷонибдори он ҳастем, ки фоизҳоро бозор ба танзим дарорад...”

Моҳи ноябри соли гузашта Еремин Александр Юревич ба вазифаи Директори кулли Ташкилоти амонатии қарзии хурди “ИМОН ИНТЕРНЕШНЛ” таъйин гардид. Дар робита ба ин, маҷаллаи “Бонкдорӣ Тараққиёт Ҷаҳонишавӣ” тасмим гирифт дар бораи вазъи молиявии ташкилоти номбурда, оид ба паҳлуҳои фаъолияти босамар ва дастовардҳои он, роҳҳои ҳали проблемаҳои мавҷуда, нақшаҳои оянда дар шароити бӯҳрони иқтисодӣ ва молиявӣ мусоҳибаи ихтисосӣ бо роҳбари тозатаъйини он омода ва ба нашр расонад. Дархости моро оид ба сӯҳбати ихтисосӣ Александр Юревич бо камоли майл пазируфт ва инак, мусоҳибаи омодашуда манзури хонандагони гиромӣ гардонида мешавад.

**— Дар ибтидо лутфан бигӯед, ки соли 2018 барои ҶСП ТАҚХ «ИМОН ИНТЕРНЕШНЛ» чӣ гуна сол буд? Оё ташкилоти Шумо дар ин сол нақшаҳои дар назди худ гузоштаро ба таври комил амалӣ кард? Ташкилот дар ин давра чӣ дастовардҳо дошт?**

— Новобаста аз тамоми душвориҳое, ки ташкилот дар соли 2018 паси сар кард, дар маҷмӯъ, соли сипаригашта бобарор ҳисобида мешавад. Мо ин солро бо даромаднокии 16 млн. сомонӣ ҷамъбаст намудем, ки он аз нақша 28 % зиёд буда, дар давоми 7 соли охир ин дуввумин натиҷаи назарраси даромади софи ташкилоти мо ба шумор меравад. Ҳамчунин рушди сандуқи амонатӣ низ 32% аз нақшаи пешбинигашта барзиёд иҷро шуд, танҳо нақша оид ба сандуқи қарзӣ 3% камтар аз нақшаи умумии пешбинигардида иҷро гардид. Ҳамзамон, ба андозаи назаррас самаранокии

ташкилот афзуда, мутобиқати хароҷоту даромад (Cost / Income ratio 77%) ва коэффитсенти бозгашти сармоя (RoE 9,8%) беҳтар гардиданд.

Дар ин радиф бояд гуфт, ки ҳадафҳои иҷронашуда низ ҷой доранд. Дар ин давра мо нақшаи оид ба ҳаҷми интиқоли пулиро иҷро карда натавонистем. Албатта, барои ин сабабҳои объективӣ мавҷуд буданд. Бар замми ин, новобаста аз он, ки сифати сандуқи қарзии ташкилоти мо дар бозор яке аз беҳтаринҳо ба ҳисоб меравад (PAR 30+ 2,7%), мо аз сифати сандуқи қарзӣ он қадар қаноатманд нестем.

Вале, дар умум, натиҷаҳои солро барои ташкилот мусбӣ арзёбӣ кардан мумкин аст.

**— Тавре маълум гардид, «ИМОН ИНТЕРНЕШНЛ» дар соли гузашта нишондиҳандаҳои мусбии иқтисодӣ дошт. Вақте ба Шумо вазифаи роҳбарии ин ташкилотро пешниҳод карданд, Шумо бо чӣ эҳсос онро қабул кардед?**

— Рости гап, ин пешниҳод барои ман бисёр ҷолиб буд.

Зеро, пешниҳоди роҳбарӣ ба ташкилоте, ки хеле калон аст ва дорои иқтидори хуб барои рушд мебошад, - ин ҳамеша шавқовар аст.

Дар айни замон бозори Тоҷикистон тағйироти назаррасро аз сар мегузаронад ва ҳамаи ин равандҳо хеле зуд ба амал меоянд. Бароям муяссар гардида буд, ки то ин дам, ҳануз соли 2017 дар бахши молиявии кишвар кор кунам, бинобар ин, дар бораи бахши молӣ ва бозори кишвар тасаввуроти кофӣ доштам.

> Мо ин солро бо даромаднокии 16 млн. сомонӣ ҷамъбаст намудем, ки он аз нақша 28 % зиёд буда, дар давоми 7 соли охир ин дуввумин натиҷаи назарраси даромади софи ташкилоти мо ба шумор меравад.

Аз ин лиҳоз, мӯҳлати қабули қарор оид ба пешниҳоди ба ман манзуршуда, душвор ва тӯлонӣ набуд, зеро, бо шарофати мавқеъ ва диди ягона нисбат ба рушди Ташкилот, фарҳанги корпоративӣ, усул ва роҳу равиши корбарӣ, ҳарду ҷониб хеле зуд ба мувофиқа расидем. Бояд гӯям, ки бароям ин аввалин пешниҳоди кор дар бозори Тоҷикистон набуд ва ин дафъа он амалӣ гардид.

**— Дар робита ба саволи боло, мегуфтед, ки баъди ба вазифаи роҳбари ташкилоти «ИМОН ИНТЕРНЕШНЛ» таъйин шудан, нахуст дар назди худ чӣ мақсад гузоштед?**

— Шояд барои ҳама гуна роҳбар, аз ҷумла, барои ман низ ҳадафи глобалӣ, пеш аз ҳама, ин боз ҳам беҳтар намудани фаъолияти ташкилот ба ҳисоб меравад.

Ман дар доираи фаъолияти кориам дар назди худ якчанд ҳадаф гузоштаам. Аз ҷумла, зиёд ва васеъ кардани ҳаҷми доираи фаъолияти ташкилот, баландтар бардоштани самаранокӣ ва ҷолибияти ташкилот барои сармоягузорон. Маҳз ҳамин маҷмӯаи ҳадафҳои глобалӣ пас аз аудити кӯтоҳи ташкилот ба ман имкон дод, ки доираи вазифаҳои мушаххасро муайян созам ва онҳоро бояд пай дар пай ҳал намоям.

Рӯихати вазифаҳо калон буда, он қариб ҳамаи самтҳои фаъолияти ташкилотро дар бар мегирад. Номбар кардани ҳамаи он, ба фикрам зарур нест. Ин ҷо фақат якчанд гурӯҳи вазифаҳои аввалиндараҷаро номбар мекунам, ки мехоҳем ҳаллу фасл кунем. Ҷорӣ кардани низоми босамари хавф-менеҷмент, ки имкон медиҳад иҷрои ҳамаи меъёрҳои пруденсиалӣ ва талаботҳои Бонки миллӣ, ҳамчунин қонунгузории ҶТ таъмин карда шавад; автоматикунонии назарраси ҳамаи равандҳо; васеъ кардани хизматрасонӣ барои ҳама сегментҳои мизоҷон, беҳтар намудани сифати хизматрасонӣ, аз ҷумлаи онҳо мебошад.

**— Тавре Шумо дар ҷараён ҳастед, дар Паёми навбатии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Парламенти мамлакат ба низоми бонкии кишвар супоришҳои мушаххас, махсусан ба дастгирии занону духтарон ва ҷалби харҷи бештари онҳо ба кор дар низоми бонкӣ дода шудаанд. Оё дар сиёсати кории ташкилоти Шумо**

**соли равон оид ба ҷалби бонувони соҳибистеъдод ба кор ва дастгирии хонумони соҳибкор тағйироте ба амал хоҳад омад?**
— Бояд тазаккур дод, ки пешниҳоди Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон шоистаи дастгирии ҳамаҷониба мебошад. Ба андешаи ман, ин таҷрибаи хеле хуб аст, вақте дар коргоҳи меҳнатӣ теъдоди занҳо на камтар аз 40%-ро ташкил медиҳад. Ин ҳолат ҳам ба муҳити психологӣ ва ҳам ба қобилияти кории даста таъсири мусбӣ мерасонад.

Ҳамчунин бояд қайд намоем, ки мо ҳамаҷониба муҳтарам ҷаноби Президентро дастгирӣ мекунем ва минбаъд низ занҳоро ба ҳамаи соҳаҳои фаъолияти ташкилотамон фаъолона ҷалб хоҳем кард. Имрӯзҳо фоизи занҳо-кормандони Ташкилот аллакай ба 37,8% баробар шудааст. Ҳатто дар байни ҳайати роҳбарии ташкилот 27,9 % -ро занҳо ташкил медиҳанд.

**— Оё Шумо то ин замон дар бораи вазъи низоми бонкии Тоҷикистон маълумот доштед?**
— Бале, албатта. Ман соли 2017 дар лоиҳаи азнавсозии бахши бонкии Тоҷикистон кор кардаам ва новобаста аз он, ки лоиҳа он қадар дарозмуддат набуд (ҳамагӣ ним сол), он ниҳоят сермаҳсул ҷамъбаст шуд. Мо бо Бонки миллӣ, Вазорати молияи кишвар, дигар мақомоти давлатӣ робитаи зич доштем. Мо Due Diligence (аудит)-и ду бонки калонтарини кишварро гузаронида, бо намояндагони бонкҳои зиёд ва ташкилотҳои қарзии хурд вохӯрдем. Аз ин лиҳоз, оид ба ҳолати соҳаи бонкии Тоҷикистон тасаввуроти хуб дорам.

**— Бо гузашти чанд муддат гуфта метавонед, ки ташкилоти «ИМОН ИНТЕРНЕШНЛ» як қатор имкониятҳои рушде дорад, ки дигар ташкилотҳои қарзӣ надоранд?**
— Оре. Вале бояд гӯям, ки ҷавоб ба ин савол то андозае махфӣ мебошад... Новобаста аз ин, ман гуфтанӣ ҳастам, ки чунин имкониятҳо ҷой доранд ва мо на ҳамавақт аз ҷиҳати техникӣ

> Дар ин радиф бояд гуфт, ки ҳадафҳои иҷронашуда низ ҷой доранд. Дар ин давра мо нақшаи оид ба ҳаҷми интиқоли пулиро иҷро карда натавонистем. Албатта, барои ин сабабҳои объективӣ мавҷуд буданд.

омода ҳастем, то ки аз онҳо истифода барем. Бинобар ин, болои ин масъала мо кор хоҳем кард.

Аммо бояд содиқона гӯям, ки имкониятҳои асосии тиҷорат, бешубҳа аз ҷониби бозор муайян карда мешавад, бинобар ин ҳамаи ташкилотҳои молиявӣ дар ин ҷо баробар ҳастанд, ҳар кадоме, ки донотар, чолоктар ва касбияти баланд дошта бошад, дар охир ҳамон натиҷаи хубро соҳиб мешавад.

**— Барои ҷорӣ намудани таҷрибаи пешқадами низоми бонкии хориҷӣ дар ташкилоти «ИМОН ИНТЕРНЕШНЛ» кадом корҳоро анҷом доданӣ ҳастед?**
— Нақшаҳо хеле зиёданд. Ман фикр мекунам ҳалли аксари онҳо дар “сатҳи боло” қарор доранд ва барои аксари ташкилотҳои молиявии Тоҷикистон муҳим ҳастанд. Барои мисол, ҷорӣ кардани роҳҳои қабули қарорҳои бомаслиҳатӣ ё дастаҷамъиро мегирем. Ин амал дар аксар ҳолатҳо танҳо дар рӯи қоғаз вуҷуд дорад. Мусаллам аст, ки қабули қарорҳои ба таври дастаҷамъӣ қабулшуда: а) бештар холисона, б) бештар ботартиб, в) самаранoктар мебошанд. Бар замми ин, шумо барои рушди босуръати кормандони худ ва дараҷаи касбияти онҳо имкониятҳои бештар фароҳам месозед. Дигар ягон воситаи қабули қарорҳо чунин натиҷаи хуб нахоҳад дод. Албатта, дар фаъолияти ташкилот бояд таҷрибаи бонкҳои хориҷӣ оид ба ворид кардани роҳҳо, усулҳо ва беҳтарин таҷрибаҳо дар бораи ташкили низоми маҷмӯи қабули қарорҳои дастаҷамъӣ истифода бурда шаванд. Ё барои мисол, таҷрибаи бонкҳои хориҷӣ дар соҳаи автоматикунонии фаъолиятро интихоб мекунем. Ба ҳама маълум аст, ки маҳз дар ҳамин бахш “калид”-и коҳиш додани

хароҷот бе паст кардани сифати кор ё хизматрасонӣ мавҷуд аст. Танҳо автоматикунонии босифату воқеии фаъолият метавонад самаранокии ташкилотро ба маротиб афзун намояд. Бонкҳои хориҷӣ бо ин роҳ масофаи тӯлониро тай кардаанд, пастиву баландиҳоро паси сар намуда, таҷрибаи ғанӣ ба даст овардаанд. Таҷрибаи бою ғании онҳо барои зудтар ва бо натиҷаи хуб паси сар намудани роҳ ниҳоят муфид мебошад. Истифода накардани ин таҷриба кори дуруст ва оқилона нахоҳад буд.

Аз ҳама усули дуруст ва қароре, ки бояд аз таҷрибаи дигарон қабул шавад, хеле оддӣ аст – низом ва қоидаҳои мавҷударо мутобиқи беҳтарин таҷрибаҳо бозсозӣ кардан зарур аст. Агар ба ягон чиз шубҳа дошта бошед, метавонед дар ибтидо корро аз "лоиҳаи санҷишӣ" оғоз намоед.

**— Дар робита ба ин, дурнамои фаъолияти ташкилоти «ИМОН ИНТЕРНЕШНЛ»-ро чӣ гуна баҳогузорӣ менамоед? Оё ба мизоҷонатон метавонед гӯед, ки онҳоро чӣ гуна тағйирот ё ислоҳот дар фаъолияти ташкилот интизор аст?**

— Стратегияи рушди “ИМОН” барои солҳои наздик ниҳоят фаҳмо ва прагматикӣ аст, - мо бояд фаъолияти худро васеъ намуда, самаранокии ташкилотро бардорем ва барои таъмини шаффофияти пурраи фаъолият, бо идоракунии пурраи хавфҳо ва бидуни вайрон кардани меъёрҳо низоми мутобиқшавии хавф-менеҷмент ва назоратро ташкил намоем. Ҳадафҳо фаҳмо ва равшан ҳастанд. Стратегияи мазкурро оқилона ва воқеӣ баҳогузорӣ мекунам. Агар сухан дар бораи таъсири стратегияи мо дар бахши муносибат бо мизоҷон равад, мизоҷони азизи мо бояд хотирҷамъ бошанд, зеро ягон тағйироти манфӣ дар муносибати мо ба назар нахоҳад расид. Хеле кӯшиш мекунем, то ки мизоҷонамон ҳарчӣ зудтар, қулай ва сифатноктар шудани фаъолияти моро эҳсос кунанд.

**— Хоҳишмандам бигӯед, ки феълан нишондиҳандаҳои асосии бонк аз ҷумла, ҳаҷми сандуқи қарзии ташкилот шуморо қаноатманд мекунад?**

— Ман наметавонам гӯям, ки натиҷаи фаъолияти ташкилот дар маҷмӯъ бад аст, аз рӯи як қатор нишондиҳандаҳо мо яке аз беҳтаринҳо ҳастем (дар бахши ҳаҷм ва сифати сандуқи қарзӣ, ҳаҷми қарзҳои додашуда, шумораи мизоҷон ва ғ.). Аммо ман фикр намекунам, ки бо ҳамаи ин натиҷаҳо қаноатманд бошем, зеро барои боз ҳам беҳтар кардани онҳо имкониятҳо мавҷуданд. Бинобар ин, бо қатъият қарор додем, ки нишондиҳандаҳоро боз ҳам беҳтар намоям.

Дар мавриди сандуқи қарзӣ бояд гӯям, ки ҳоло он беш аз 800 млн. сомонӣ аст ва дар он беш аз 70% мизоҷони доимӣ ҳастанд. Бешубҳа, ин нишондод аз нуқтаи назари сифат ва эътимоднокӣ хуб аст, вале бозор зуд тағйир меёбад ва дар ин радиф, дигар сегментҳои нав босуръат афзоиш хоҳанд ёфт. Аз ин лиҳоз, агар онҳоро ба назар нагирем, иштибоҳ хоҳад буд. Бинобар ин, мо ният дорем сандуқро аз ҳисоби сегментҳои нави мизоҷӣ - ҳам дар самти қарзҳои истеъмолӣ ва ҳам дар самти пешниҳоди маблағгузории тиҷорати хурду миёна (SME) васеъ кунем. Мо ин сегментҳои навро ҳамчун васила ё роҳи афзудани сандуқи қарзӣ эҳсос мекунем.

**— Оё имкон дорад, меъёри фоизии қарзҳо дар ташкилоти Шумо коҳиш ёбад? Умуман чунин раванд ба мушоҳида мерасад?**

— Албатта, ҷой дорад. Тамоюли 4-5 моҳи охир нишон медиҳад, ки мо бо ҳисоби миёна фоизи маҳсулоти қарзии худро ба беш аз 1% паст кардем, ин барои чунин муддати кӯтоҳ зиёд аст. Ва яқин аст, ки ин барои қарзгирандагон писанд мебошад. Аммо тарафи дигари масъала низ ҳаст. Дар ин мавриди ногузир паст шудани фоизи амонатҳо… Ва ин, албатта, ба амонатгузорон чандон писанд нест.

Мо ҷонибдорӣ он ҳастем, ки фоизҳоро бозор ба танзим дарорад, зеро ба таври сунъӣ паст кардани фоиз ба коҳиш додани даромаднокии фаъолияти ташкилотҳои молиявӣ оварда мерасонад ва дар натиҷа хароҷот низ барои рушди ташкилот коҳиш меёбад. (ТИ, инфрасохтор, омӯзиши кормандон, ҷорӣ кардани иноватсияҳо ва ғ.)

Илова бар ин, ба ҳамагон маълум аст, ки меъёри фоиз барои гурӯҳҳои гуногуни мизоҷон аз рӯи хавф як хел нест (агар мо дар бораи маҳсулоти мӯҳлати

якхеладошта суҳбат кунем). Масалан, Ташкилоти молиявии № 1 мизоҷони бо таърихи қарз ва нишондиҳандаи хуби молиявӣ, ки Cost of risk –и онҳо 1%-ро ташкил медиҳад, фоизи қарзҳоро барои чунин мизоҷон 22% пешкаш мекунад, ки арзиши захираҳо 12%-ро ташкил медиҳад ва ӯ 9% сатҳи даромаднокиро доро мегардад. Ва Ташкилоти молиявии № 2 дигар гурӯҳи мизоҷонро маблағгузорӣ мекунад, бе таърихи қарзӣ, ки дар он даромади қарзгирандагонро тасдиқ кардан ғайриимкон аст ва агар cost of risk-и он 10% бошад, барои чунин мизоҷон фоизи қарзҳоро 31% пешниҳод мекунад, ки дорои ҳамин гуна арзиши захира 12% ташкил медиҳад ва ин ҳам 9% сатҳи даромаднокиро доро мегардад. Ҳамзамон, ҳаҷми умумии сандуқи қарзи бахши молиявӣ (барои ҳар ду ташкилот) ҷамъи сандуқҳои ҳарду ташкилотро ташкил медиҳад. Агар ба таври маъмурӣ Ташкилоти № 2-ро барои додани қарзҳо ба меъёри на зиёдтар аз 22% маҷбур кунем, ӯ бо ин гурӯҳи мизоҷони стандартии худ наметавонад ин амалро анҷом диҳад, зеро сатҳи даромаднокиаш 0% (22% - 12% - 10%) мешавад ва роҳи дигаре ба ҷуз гузаштан ба гурӯҳ ё бахши мизоҷоне, ки дар он ҷо Ташкилоти №1 аллакай кор мекунад (кӯшиши азхуд кардани як қисме аз ин гурӯҳ), нахоҳад дошт. Дар ниҳояти кор ва дар маҷмӯъ, сандуқи қарзи бахши молиявӣ (барои ҳар ду ташкилот) то ба андозаи сандуқи Ташкилоти №1 хурд мегардад (аз сабаби оне, ки гурӯҳи мизоҷоне, ки аз аввал бо Ташкилоти 2 кор мекард, аз қисмати хизматрасониҳо ҳамчун зарароввар хориҷ карда мешавад). Ин намунаи соддаест, ки ин мушкилотро нишон медиҳад.

Бозор – олати универсалию босамартарини идора кардани шартҳо аст, ки таърих онро исбот кардааст.

Бинобар ин зарур аст, ки ниҳоят эҳтиёткоронаю санҷида олатҳои идоракунии даромаднокиро интихоб намуда, бодиққат самараи дарозмуддатиро аз кам кардани даромаднокӣ аз амалиётҳо баҳогузорӣ кунем.

**— «ИМОН ИНТЕРНЕШНЛ» чӣ самтҳоро пайгирӣ мекунад? Самтҳои стратегии ташкилот чиҳо хоҳанд буд?**

— Самтҳои стратегияи ташкилоти мо аз инҳо иборат хоҳанд буд:

а) Васеъ кардани доираи фаъолият - тиҷорат (ҳам дар мавриди пешниҳоди қарзҳо ва ҳам доир ба амалиётҳои комиссионӣ ва ҳангоми ҷалби амонатҳо);

б) Пурзӯр кардани назорат аз болои хавфҳо (сохтани низоми пешгирии хавфҳо дар асоси таҳлили амиқи маълумоти ҳаҷман калон дар ҳама самтҳои фаъолияти бонкӣ);

в) Баланд бардоштани самаранокӣ (ба даст овардани даромаднокии максималӣ барои ҳар як сомонии харҷшуда);

г) Автоматикунонии ҳамаи равандҳо (иваз кардани амалиётҳои дастӣ ва қарорҳо ба амалиётҳои худкор (автоматӣ), ки иштироки начандон фаъоли кормандонро талаб мекунад, бидуни аз даст додани сифати натиҷаҳо.);

е) Баланд бардоштани сифати хизматрасонӣ (ба даст овардани сифати хизматрасонии беҳтарин дар бозор - ҳам аз рӯи шартҳои маҳсулот ва ҳам аз рӯи амалиётҳои хизматрасонӣ.);

ё) Боз ҳам беҳтар намудани сифати сиёсати дохилӣ, қонунҳо ва регламентҳо (коркарди ҷузъиёти амалиётҳо ва ҳамоҳангии пурра байни онҳо).

**— Соли равон ташкилоти «ИМОН ИНТЕРНЕШНЛ» барои ҷалби ҳарчи бештари мизоҷон чӣ корҳоро роҳандозӣ карданӣ ҳаст?**

— Қабл аз ҳама, мо кӯшиш менамоем, ки корҳои зеринро анҷом диҳем:

- васеъ кардани хатти маҳсулот - ҳам барои мизоҷони доимӣ ва ҳам барои гурӯҳҳои махсуси мизоҷон, ки ба рушди деҳот, сайёҳӣ, дастгирии ҷавонон, соҳибкории занон нигаронида шудаанд;
- барои дастгирии ҷадвали маҳсулот ва таъмини ҳарчӣ бештари ҷолибияти он, барномаи калони иқдомҳоро роҳандозӣ хоҳем кард;
- нақша дорем якчанд қарорҳоро дар соҳаи технологияи молиявӣ ҷорӣ кунем, то ки гурӯҳҳои нави мизоҷӣ Retail –ро ҷалб кунад, аксаран барои дар амал татбиқ кардани

амалиётҳои ғайринақдӣ;

- муносиб кардани раванди хизматрасонии мизоҷон, коҳиш додани вақти хизматрасонӣ, ба танзим даровардани гардиши ҳуҷҷатҳо, паст кардани хароҷоти мизоҷон;
- ташкил ва гузаронидани тренингҳо оид ба усулҳои босамари фурӯш ва сифати хизматрасонӣ барои кормандони ташкилот, ки ба мизоҷон хизматрасонӣ мекунанд.

Қобили қайд аст, ки соли 2019 барои ташкилоти «ИМОН ИНТЕРНЕШНЛ» соли ҷашнист, зеро дар моҳи июн ба таъсисёбии ташкилоти мо 20 сол пур мешавад. Аз ин лиҳоз, дар соли ҷорӣ дар ҳар як воҳиди сохторӣ бо иштироки фаъолонаи мизоҷон, ҷорабиниҳои идона баргузор менамояд. Масъулини ташкилот кӯшиш хоҳанд кард, то ки ин чорабиниҳо на танҳо ҳамчун реклама, балки ҳамчун воситаи ба роҳ мондани робитаи зич бо мизоҷон ва имкони пайдо кардани ҷавобҳои саҳеҳ оид ба сифати хизматрасониҳо хизмат намоянд, зеро эрод ва пешниҳодҳои мизоҷон барои мо маълумоти муҳим ва арзишманд маҳсуб меёбанд ва ҳангоми таҳлил ва коркард мавриди истифода қарор хоҳанд гирифт.

**— Умуман, барои боз ҳам самараноктар гардидани фаъолияти ташкилоти «ИМОН ИНТЕРНЕШНЛ» чӣ корҳоро анҷом хоҳед дод?**

Мо ҷонибдорӣ он ҳастем, ки фоизҳоро бозор ба танзим дарорад, зеро ба таври сунъӣ паст кардани фоиз ба коҳиш додани даромаднокии фаъолияти ташкилотҳои молиявӣ оварда мерасонад ва дар натиҷа хароҷот низ барои рушди ташкилот коҳиш меёбад.

— Дар соли 2019 роҳбарият ва кормандони ташкилот ҷиҳати ба даст овардани натиҷаҳои боз ҳам назаррасу судманд, тибқи нақшаи тасдиқгардида, корҳои зеринро анҷом додани ҳастанд:

- татбиқи нақшаи чорабиниҳо оид ба ислоҳи эродҳои Бонки миллӣ ва баромадан аз минтақае, ки маҳдудиятҳо дорад;
- анҷом додани модели нави тиҷоратӣ, ки ворид кардани он миёнаи соли 2018 оғоз гардидааст;
- пурзӯр кардани марказикунонии низоми хавфи менеҷментҳо;
- мутаносибгардонии сохтори ташкилии Ташкилот барои самаранокии кори зершӯъбаҳо ва кормандон;
- мураттаб кардани базаи ҳуҷҷатҳо ва амалиётҳо;
- мутобиқгардонии низоми ҳавасмандкунии кормандон барои соҳиб шудан ба натиҷаҳои баланд ва иҷрои босифати вазифаҳо;
- дар асоси ТИ қарорҳои нави технологияҳои иттилоотӣ сифатан беҳтар намудани автоматикунонӣ.

**— Тавсияи Шумо ба бархе аз ташкилотҳои қарзӣ барои баромадан аз вартаи бӯҳронӣ ва идомаи фаъолияти босамар?**

— Яке аз иштибоҳҳои калони ташкилотҳои қарзӣ, ки ҳоло дар ҳолати бӯҳронӣ қарор доранд, ин баҳогузории нодурусти ҳолати ҷории онҳо мебошад. Менеҷерон ва саҳҳомон дар аксар ҳол наметавонанд иқрор шаванд, ки то кадом андоза вазъият мураккаб аст ва бояд аз кадом нуқтаи ниҳоӣ оғоз кунанд. Агар вазъи ғайри қаноатбахш ба таври воқеӣ ва ҳамаҷониба баҳогузорӣ карда нашавад, дар ин сурат ҳама гуна стратегия ва нақшаҳо оид ба баромадан аз вазъи бӯҳронӣ натиҷаҳои дилхоҳ дода наметавонанд. Агар заррае шубҳа дар баҳогузории вазъи менеҷмент ҷой дошта бошад, бояд коршиносони мустақилро даъват кард (аудиторҳо), то ки Due Diligence-и воқеӣ гузаронида шавад. Ҳар қадар барвақт баҳодиҳӣ гузаронида шавад, ҳамон қадар барои ташкилот беҳтар хоҳад буд.

Ҳангоми таҳияи нақшаи ҷорабиниҳо оид ба баромадан аз ҳолати бӯҳронӣ барои пӯшонидани хароҷоти эҳтимолии

иловагӣ бояд захирае барои мураккаб шудани эҳтимолии вазъият пешбинӣ карда шавад.

Нақшаи чорабиниҳо оид ба баромадан аз бӯҳрон бояд маҷмӯи корҳоро оид ба баргардонидани сандуқи қарзии мӯҳлаташ гузашта, барқароркунии арзиши дороиҳо, гирифтани пеши роҳи хориҷ шудани дороиҳои пардохтпазир ва паст кардани хароҷоти ташкилотро дар бар гирад.

**— Оё роҳбарияти ташкилот чунин як нақшае дорад, ки дар оянда қароргоҳи маркази «ИМОН ИНТЕРНЕШНЛ»-ро аз Хуҷанд ба Душанбе интиқол бидиҳад?**

— Дар дурнамои соли 2019 чунин иқдом ба нақша гирифта нашудааст. Дар бораи нақшаҳои оянда алҳол чизе гуфта наметавонам. Ҷанбаҳои ҳам мусбат ва ҳам манфии ба пойтахт кӯчонидани Саридора вуҷуд дорад. Ҳамзамон, бояд гуфт, ки дар Ташкилоти мо, чунин қарорҳо дар доираи салоҳияти Шӯрои нозирон қарор дорад.

Аммо, тавре воқеият тақозо менамояд, дар ҳар сурат, мо бояд дастгоҳи идоракунии худро дар қисмати ҷанубии соҳибкорӣ пурзӯртар намоем, аз ин рӯ, аллакай дар соли 2019, мо дастаи менеҷерони ташкилотро дар Душанбе тақвият хоҳем дод.

**— Ва ниҳоят, ташкилоти қарзии «ИМОН ИНТЕРНЕШНЛ» дар соли 2019 чӣ нақшаҳо дорад ва онҳо асосан чиҳоро дар бар мегиранд?**

— Барои боз ҳам беҳтар кардани нишондиҳандаҳои ташкилотамон дар соли равон мо дар назди худ нақшаҳои зерин гузоштаем:

- нигоҳ доштани мавқеи пешсафӣ дар бозори қарздиҳӣ дар бахшҳои Retail ва SME;
- афзун намудани сандуқи қарзӣ ба андозаи 18%;
- нигоҳ доштани сифати сандуқи қарзӣ PAR 30+ дар сатҳи то 4%;
- афзоиши сандуқи амонатӣ ба андозаи 15% ;
- зиёд кардани ҳаҷми амалиётҳои интиқоли маблағҳо;
- паст кардани cost to income ratio то 74%;
- баланд бардоштани RoE то 14,6%;
- баланд бардоштани сатҳи самаранокӣ ва маҳсулнокии кормандон;
- такмили низоми идоракунии хавфҳо, назорати дохилӣ ва комплаенс;
- такмили низомҳои технологияҳои иттилоотӣ ва аксари барномаҳои он.

**— Барои сӯҳбати ҷолиб ва судманд сипосгузорем.**

— Ташаккур, саломат бошед.

**Мусоҳибаро анҷом доданд:**
**Абдуғаффор Қурбонов,**
**Аслам Мӯминов,**
**"БТҶ".**

# АЛЕКСАНДР ЕРЕМИН: “Мы сторонники того, чтобы ставки регулировал рынок...”

В ноябре 2018 г. Еремин Александр Юрьевич был назначен Генеральным директором ЗАО МДО “Имон Интернешнл”. В связи с этим событием, журнал “Бонкдорӣ Тараққиёт Ҷаҳонишавӣ”решил подготовить и опубликовать тематическое интервью о финансовом положении МДО в условиях экономического и финансового кризиса с новым руководителем вышеназванной организации. Александр Юрьевич с удовольствием принял наше предложение и любезно согласился ответить на вопросы корреспондентов журнала “БТҶ”.

**– Каким был для Вас 2018 год? Организация за этот год достигла свои намечанные цели? Какие достижения имела Организация?**

– Несмотря на все сложности, которые Организация пережила в 2018 году, год был успешным. Мы завершили год с прибылью 16 млн. TJS, что на 28% выше плана и показали второй по величине чистой прибыли результат Организации за последние 7 лет. Перевыполнили план по развитию депозитного портфеля на 32%, и почти выполнили план по кредитному портфелю (не хватило 3% до выполнения). Ощутимо повысили эффективность Организации, улучшили соотношение расходов и доходов (Cost / Income ratio 77%), а также коэффициент возврата инвестиций (RoE 9,8%).

**Я бы сказал, что это очень хорошая практика, когда количество женщин в коллективе составляет не менее 40%. Это исключительно положительно сказывается как на психологическом климате, так и на работоспособности команды.**

Есть и недостигнутые цели. Так, мы не выполнили план по объёму денежных переводов, хотя для этого были достаточно объективные причины. Кроме этого, мы не очень довольны качеством кредитного портфеля, несмотря на то, что качество портфеля нашей Организации на рынке является одним из самых лучших (PAR 30+ 2,7%).

Но в целом, результаты года были положительными для нас.

**– Как стало известно, «ИМОН ИНТЕРНЕШНЛ» за прошедший год достиг положительных экономических результатов. Когда Вам предложили руководство Организацией, какие у Вас были ощущения?**

– Это было интересно! Живая, достаточно большая организация, с хорошим потенциалом для развития – это всегда интересно.

Рынок Таджикистана претерпевает существенные изменения, и все процессы происходят очень динамично. Мне довелось уже работать в финансовом секторе страны в 2017 году и, поэтому я имел представление о финансовом секторе и рынке республики.

Процесс принятия решения не был очень сложным и долгим – мы договорились достаточно быстро, благодаря одинаковым взглядам на пути развития Организации, корпоративную культуру, методы и подходы к работе.

**Есть и недостигнутые цели. Так, мы не выполнили план по объёму денежных переводов, хотя для этого были достаточно объективные причины. Кроме этого, мы не очень довольны качеством кредитного портфеля, несмотря на то, что качество портфеля нашей Организации на рынке является одним из самых лучших (PAR 30+ 2,7%).**

Это было не первое мое предложение поработать на рынке Таджикистана, и в данном случае оно реализовалось.

**— В связи с вышеизложенным вопросом, скажите пожалуйста, после того, как Вас назначили на этот пост, какие цели и задачи поставили перед собой?**
— Наверное, как и для любого другого руководителя, для меня глобальной целью является существенное улучшение деятельности Организации.

Я поставил перед собой следующие цели: увеличить объёмы бизнеса, существенно повысить эффективность и привлекательность Организации для инвесторов.

Именно этот набор глобальных целей, после короткого аудита Организации, позволил мне определить круг конкретных задач, которые нужно решать, и последовательность их решения.

Список задач огромный и охватывает практически все области деятельности Организации. Можно долго перечислять. Назову лишь некоторые первоочередные группы задач, которые хотелось бы решить: внедрение эффективной системы риск-менеджмента, позволяющей обеспечивать выполнение всех пруденциальных норм и требований Национального банка, а так же законодательства республики; существенная автоматизация всех процессов; расширение обслуживаемых клиентских сегментов; улучшение качества сервиса.

**— Вы в курсе того, что Президент Республики Таджикистан, уважаемый Э. Рахмон в своём Послании перед банковской системой поставил конкретные задачи привлекать к работе девушек и женщин. Как по-вашему, включите ли Вы в свою рабочую политику за нынешний год привлекать к работе в банковской сфере как можно больше образованных, профессиональных девушек и женщин?**
— Я бы сказал, что это очень хорошая практика, когда количество женщин в коллективе составляет не менее 40%. Это исключительно положительно сказывается как на психологическом климате, так и на работоспособности команды. Имея разные особенности в образе мышления, и подходах к решению задач, симбиоз мужчин и женщин позволяет и более всесторонне смотреть на проблемы и более комплексно их решать.

Я должен сказать, что мы полностью поддерживаем уважаемого господина Президента, и будем далее активно привлекать женщин во все сферы деятельности нашей Организации.

На сегодняшний день процент женщин – сотрудников Организации уже составляет 37,8%. Даже среди менеджерского состава Организации мы имеем 27,9 % женщин.

**— До этого момента Вы имели ли представление о состоянии банковской сферы Таджикистана?**
— Да конечно, я работал в проекте по реструктуризации банковского сектора Таджикистана в 2017 году. И, несмотря на то, что проект был не очень долгосрочным (всего полгода), он был очень интенсивным. У нас было очень тесное общение с Национальным банком, министерством финансов республики, прочими государственными структурами. Мы проводили Due Diligence двух крупнейших банков страны, и встретились с большинством банков и микрофинансовых организаций.

Поэтому, безусловно, я имел неплохое представление о состоянии банковской сферы Таджикистана.

**— По истечении какого времени Вы сможете называть ряд стратегических возможностей «ИМОН ИНТЕРНЕШНЛ», каких не имеют другие банковские организации?**
— Это настолько секретный вопрос… Я бы сказал, что такие возможности есть, мы не всегда готовы технически, чтобы ими воспользоваться, и будем работать над этим.

Но должен честно сказать, что основные бизнес возможности, безусловно, определяются рынком, поэтому здесь все финансовые организации равны, кто будет умнее, быстрее и профессиональнее, тот и достигнет лучшего результата в итоге.

**— Для внедрения передовых опытов иностранных банковских систем какую работу хотите произвести в «ИМОН ИНТЕРНЕШНЛ»?**
— Их очень много. Я думаю, что большинство этих решений лежат "на поверхности", и актуальны для большинства финансовых организаций Таджикистана.

Ну, например, внедрение коллегиальных способов принятия решений. Очень часто это определено только на бумаге. Хотя очевидно, что коллегиально принятые решения: (а) более объективные; (б) более системные; (в) более эффективные. Кроме этого, вы создаёте фантастические возможности для быстрого развития своего персонала и повышения его профессионализма. Никакой другой способ принятия решений не даёт аналогичных преимуществ. Обязательно нужно, использовать опыт иностранных банков по внедрению подходов, методов и лучших практик по созданию комплексной системы коллегиального принятия решений в организации.

Или, например, опыт иностранных банков в области автоматизации деятельности. Всем ясно, что именно в этой области лежит «ключик» к сокращению расходов без потери качества. Только существенная автоматизация деятельности позволит экстремально повысить эффективность организации. И иностранные банки прошли по этому пути длинную дистанцию, наступая "на грабли" и "набивая шишки". Их опыт, и лучшие практики крайне полезны, чтобы пройти этот путь быстрее, оптимальнее и результативнее. Не рационально не использовать этот опыт.

А самый рациональный подход и решения, которые нужно применять по внедрению опыта других очень простой – перестраиваешь существующую систему или правила в соответствии с лучшими практиками. Если в чём-то сомневаешься – делаешь сначала "пилотный проект".

**— На данный момент как Вы оцениваете будущую стратегическую деятельность «ИМОН ИНТЕРНЕШНЛ»? Сможете ли Вы сказать своим клиентам, кикие их ждут изменения и новшества в деятельности Организации?**

Стратегия развития "ИМОН" на ближайшие годы очень понятная и прагматичная – мы должны гармонично расширять бизнес, повышать эффективность Организации и создать адаптивную систему риск-менеджмента и контроллинга, для обеспечения полной прозрачности деятельности, с полным контролем за рисками, без нарушения каких либо пруденциальных норм. Понятные и очевидные цели. Оцениваю данную стратегию как абсолютно разумную и реалистичную.

Если говорить о влиянии нашей стратегии на взаимоотношения с клиентами, то нашим дорогим клиентам не о чем беспокоиться, никаких отрицательных изменений в наших отношениях не предвидится. Наоборот, мы постоянно будем улучшать качество сервиса и расширять спектр продуктов и операций. Очень постараемся, чтобы клиенты как можно раньше почувствовали, что мы стали быстрее и комфортнее для них.

**— Скажите пожалуйста, удовлетворяют ли Вас основные банковские показатели Организации, в том числе, объём кредитного портфеля?**
— Я не могу сказать, что у Организации в целом плохие показатели деятельности, по целому ряду показателей мы одни из лучших в секторе (объёмы и качество кредитного портфеля, объёмы выданных кредитов, количество

> **Наверное, как и для любого другого руководителя, для меня глобальной целью является существенное улучшение деятельности Организации. Я поставил перед собой следующие цели: увеличить объёмы бизнеса, существенно повысить эффективность и привлекательность Организации для инвесторов.**

клиентов и т.д.).

Но, я не считаю правильным быть удовлетворённым любыми показателями, тем более, что есть возможности их улучшать. Поэтому, я решительно настроен на улучшение имеющихся показателей.

Что касается кредитного портфеля, то сейчас он более 800 млн. TJS, и в нем более 70% постоянных клиентов. Безусловно, это хорошо, с точки зрения качества и надёжности, однако, рынок быстро трансформируется и активно растут новые потенциальные сегменты, было бы ошибкой не обращать на них внимания. Поэтому мы настроены на расширение портфеля за счёт новых клиентских сегментов, как в направлении потребительских кредитов, так и в направлении SME. И мы видим эти новые для нас сегменты для увеличения кредитного портфеля.

**— В организации есть–ли возможность понижение процентных ставок по кредитам? В целом такой процесс в организации наблюдается?**

— Конечно, имеется и тенденция последних четырёх – пяти месяцев показывают, что мы снизили в среднем ставки по нашим кредитным продуктам более чем на 1 %, это много за такой короткий промежуток времени. И, конечно, заёмщикам это нравится... Но есть, и обратная сторона медали в этом случае – неизбежное снижение ставки по депозитам... И это уже не очень нравится держателям депозитов.

Мы сторонники того, что бы ставки регулировал рынок, так как

**»**

**Самый рациональный подход и решения, которые нужно применять по внедрению опыта других очень простой – перестраиваешь существующую систему или правила в соответствии с лучшими практиками. Если в чём-то сомневаешься – делаешь сначала “пилотный проект”.**

искусственное снижение ставок приводит к уменьшению рентабельности бизнеса финансовых организаций и как следствие меньшим последующим расходами на развитие организаций (ИТ инфраструктуры, обучение персонала, внедрение инноваций и т.д.).

Плюс, очевидно, что не логично подразумевать одинаковые уровни процентных ставок для разных по рискованности клиентских сегментов (если мы говорим о продуктах одинаковой срочности). Ну, например, финансовая организация № 1 кредитует клиентов с безупречной кредитной историей и отличными финансовыми показателями, где cost of risk составляет 1%, предлагает процентную ставку по кредитам для таких клиентов 22%, имея стоимость ресурсов 12%, и получает при этом маржу 9%. А финансовая организация № 2 кредитует другой сегмент клиентов, без кредитной истории, где невозможно точно подтвердить доходы заёмщика, и где cost of risk составляет 10%, предлагает процентную ставку по кредитам для таких клиентов 31%, имея такую же стоимость ресурсов 12%, и получая при этом такую же маржу 9%. При этом общий объём кредитного портфеля финансового сектора (по обеим организациям) составляет сумму портфелей обеих организаций. Если административно заставить организацию № 2 выдавать кредиты под ставку не выше, чем 22%, то она не сможет этого делать со своим стандартным клиентским сегментом, так как её маржа будет 0% (22% - 12% - 10%), и ей ничего не останется, кроме как перейти в клиентский сегмент, где уже работает организация № 1 (что бы попытаться отобрать у неё часть данного сегмента). В результате, в целом кредитный портфель финансового сектора (по обеим организациям), уменьшится до величины портфеля организации № 1 (так как клиентский сегмент, с которым изначально работала организация № 2, будет выброшен из спектра обслуживания, как нерентабельный). Это упрощённый пример, показывающий проблему.

Рынок – универсальный эффективнейший инструмент регулирования условий, доказанный историей.

Поэтому необходимо очень осторожно и взвешено выбирать инструменты регулирования доходности, и внимательно оценивать долгосрочный эффект от уменьшения доходности по операциям.

**— Какие направления прислeдует ИМОН ИНТЕРНЕШНЛ? Что является стратегическими направлениями организации?**

— Расширение бизнеса (и по выдаче кредитов, и по комиссионным операциям, и по привлечению депозитов).

- Усиление контроля за рисками (создание системы предотвращающей риски на основе глубокого анализа большого объёма данных, во всех сферах банковской активности).
- Повышение эффективности (достижение максимальной отдачи на каждый TJS понесенных расходов).
- Автоматизация всех процессов (максимальная замена ручных операций и решений на автоматические процедуры, требующие минимального участия сотрудников, без потери качества результатов).
- Повышение качества сервиса (достижение лучшего качества сервиса на рынке, как по условиям продуктов, так и по процедуре обслуживания).
- Повышение качества внутренних политик, правил и регламентов (максимально детальная проработка процедур и полная согласованность между ними).

**— ИМОН ИНТЕРНЕШНЛ в этом году для привлечения клиентов какую будет проводить работу?**

— Прежде всего, мы будем стараться выполнить следующие работы:

- Расширение продуктовой линейки, как для наших постоянных стандартных клиентов, так и для специализированных клиентских сегментов, направленных на: развитие села, туризма, поддержки молодежи, женского предпринимательства и пр.;
- Для поддержания продуктовой линейки, и обеспечения ее большей привлекательности, будем запускать большую программу акций;
- Планируем запустить несколько решений из области финтехов, позволяющих привлечь новые клиентские Retail сегменты, с операциями, преимущественно в безналичной форме;
- Оптимизация процедур обслуживания клиентов, сокращение времени обслуживания, упорядочивание документооборота, минимизация расходов клиентов;
- Тренинги для персонала Организации, обслуживающего клиентов, по методикам эффективных продаж и качеству сервиса.

2019-ый год для нас особенный – юбилейный, летом нам исполнится 20 лет, поэтому в каждом нашем подразделении будут проведены праздничные мероприятия, с активным участием наших клиентов. Мы постараемся использовать данные мероприятия не только как рекламные, но и как возможность получить обратную связь от клиентов о качестве сервиса, замечаниях и предложениях, что является для нас очень ценной и важной информацией.

**— В целом для результативности деятельности ИМОН ИНТЕРНЕШНЛ какую работу хотите произвести?**

Для достижения установленных результатов в 2019 году будет проведена следующая работа:

- Завершить исполнения плана мероприятий по исправлению замечаний Национального Банка и выйти из зоны имеющихся ограничений.
- Завершить имплементацию новой бизнес модели, внедрение которой началось в середине 2018 года.
- Усилить централизацию системы риск-менеджмента.
- Оптимизировать оргструктуру Организации для эффективной функциональной загрузки подразделений и сотрудников.
- Систематизировать документальную и процедурную базы.
- Адаптировать системы мотивации персонала на достижение результата и качественное выполнение функций.
- Качественное улучшение автоматизации на базе новых ИТ решений.

**— Ваши рекомендации некоторым кредитным организациям относи-**

**тельно выхода из кризисного водоворота и продолжения эффективной деятельности?**
— Одна из огромных ошибок кредитных организаций, находящихся в кризисном положении, это неадекватная оценка своего текущего состояния. Менеджеры и акционеры часто не могут себе честно признаться насколько всё плохо, и с какой нижней точки они должны начинать. Если это не оценить объективно, то все стратегии и планы выхода из кризисной ситуации будут иллюзорными и не приведут к положительным результатам. Если есть хоть какие-то сомнения в объективности оценки ситуации менеджментом, нужно приглашать независимых экспертов (аудиторов), чтобы делать объективный Due Diligence. Чем быстрее такая оценка будет произведена, тем лучше.

При составлении плана мероприятий выхода из кризиса необходимо предусмотреть некий резерв на возможное ухудшение ситуации, для покрытия дополнительных потенциальных убытков.

План мероприятий по выходу из кризиса должен включать в себя мероприятия по: возврату просроченного кредитного портфеля, восстановлению стоимости активов, сдерживанию оттока ликвидности, сокращению расходов организации.

**– Имеет ли руководство организации план на будущее о переезде центрального офиса ИМОН ИНТЕРНЕШНЛ из Худжанда в город Душанбе?**
– В перспективе 2019 года – нет. На дальнейшее будущее планировать пока не готов. Есть много аргументов, как в пользу такого переноса Центрального офиса, так и против. В нашей Организации, такое решение является прерогативой Наблюдательного Совета.

Однако, так же очевидно, что в любом случае, нам нужно будет усиливать аппарат управления нашей южной части бизнеса, поэтому, уже в 2019 году, мы будем усиливать нашу команду менеджеров в Душанбе.

**– Какие планы у вашей организации в 2019 году и что они в себя включают?**
—Основные планы на 2019 год для нас следующие:

- Сохранение лидирующих позиций на рынке кредитования в Retail и SME сегментах.
- Рост кредитного портфеля на 18%.
- Сохранение качества кредитного портфеля PAR 30+ на уровне до 4%.
- Рост депозитного портфеля на 15%.
- Рост объёма операций по денежным переводам.
- Снижение cost to income ratio до 74%.
- Повышение RoE до 14,6%.
- Повышение уровня эффективности и продуктивности персонала.
- Совершенствование систем управления рисками, внутреннего контроля и комплаенс.
- Усовершенствование ИТ архитектуры и большинства приложений.

**– Благодарим Вас за содержательную беседу. Удачи Вам.**
– Большое спасибо.

**Интервью подготовили:**
**Абдугаффор Курбонов,**
**Аслам Муминов,**
**“БТЧ”.**

# Мушорака

*(Давомаш. Аввалаш дар шумораи Июл-сентябри 2018).*



Аммо агар ширкати “инон” бошад, имкон дорад, ки бартарии яке бар дигаре дар чизи харидашуда вуҷуд дошта бошад; пойбандии онҳо ба пули чизи харидашуда ба қадри милкияти онҳо нисбат ба ҳамон чиз аст. Фоида низ бояд ба андозаи маблағи ба уҳда гирифтаашон бошад. Агар ҳаҷми фоида аз ҳиссаашон зиёдтар ба яке ихтисос дода шавад, нодуруст аст, зеро ҳар яке ба қадри пули ба уҳда доштааш бояд фоида гирад.

### ◙ МАТЛАБИ САВВУМ: ҲУКМҲОИ ШИРКАТИ "ҚАРОРДОДӢ" (УҚУД)

Ширкати қарордодӣ (уқуд) ё дуруст (саҳеҳ) мебошад ё нодуруст (фосид).

Агар ширкат нодуруст (фосид) бошад, яъне шарте аз шароити дурустии он халалдор гардад, пас ҳеҷ фоидае аз ҳукмҳои ширкати саҳеҳ ба бор намеоварад. Дар умум, агар ширкат нодуруст (фосид) шавад, фоида ба қадри сармояашон тақсим мешавад.

»

Ҳар амале, ки анҷом додани он барои яке аз шарикон дар ширкати “инон” дуруст аст, анҷом додани он барои шарикон дар ширкати “муфовваза” низ дуруст аст ва ҳарончи барои дурустии ширкати “инон” шарт буд, барои дурустии ширкати муфовваза низ шарт аст.

**АВВАЛ: ҳукмҳои ширкати “инон”**

1) Шарти амал: шарти амал гузоштан ба ҳарду ё танҳо ба як шарик дуруст (ҷоиз) аст.

2) Тақсими фоида: фоида бар андозаи сармояи ҳар як шарик тақсим мешавад, хоҳ сармояашон баробар бошад, хоҳ нобаробар. Агар баробар бошад, пас фоида ба ду нисфи баробар тақсим мешавад; баробар аст, ки амалро ба ҳарду шарт гузоштанд ё бар яке, зеро ҳаққи гирифтани фоида ба андешаи ҳанафиҳо ё бар асоси мол аст ё бар асоси амал ё бар асоси замонате, ки бар дӯш мегирад. Пас агар баробарӣ дар мол пайдо шавад, дар фоида низ баробарӣ бояд бошад. Бартарӣ додан ба яке аз ширикон дар фоида ба фикри олимони ҳанафӣ




дуруст (ҷоиз) аст, дар сурати баробарии сармоя ба шарте, ки амал бар ҳарду ва ё бар яке, ки фоидаи зиёдатӣ бар дӯши ӯ гузошта шудааст, вогузошта шуда бошад. Ин ҷо ба сабаби зиёдатии амал дуруст (ҷоиз) аст. Ҳадиси “фоида бар асоси онҷӣ шарт кардаанд ва зарар ба андозаи молашон” асос шуда метавонад.

Агар амалро ба шарике, ки фоидаи камтар ба ӯ ихтисос додаанд, вогузоранд дуруст (ҷоиз) нест, зеро фоидаро ба дигаре бояд дар асоси амал ва ё дар асоси замонат диҳанд ва фоида бе амал ё бе замонат ва ё бе мол тахсис дода намешавад. Ҳамчунин, агар ҳамаи фоида ба як кас тахсис дода шавад, дуруст (ҷоиз) нест.

3) Нобуд шудани моли ширкат: агар моли ширкат ё моли як шарик пеш аз харид ва пеш аз омехташавӣ нобуд гардад, ширкат ботил мешавад, зеро онҷӣ болояш қарордод сурат гирифт, дар ин ширкат он мол аст ва бо нобудшавии он қарордод нодуруст (ботил) мешавад.

Ҳар моле, ки нобуд шуд, аз ҳисоби соҳибаш ҳаст, аммо баъд аз омехташавӣ, нобудшуда моли ширкат ба ҳисоб меравад. Агар яке аз шарикон ба пули худ мол харид ва моли дигар тараф баъд аз харид нобуд шуд, он чизе, ки ба тозагӣ харида шудааст, моли ду шарик ҳисоб мешавад, зеро он молро ҳангоми барпо будани ширкат харид кардаанд.

4) Амалиёти хариду фурӯш бо моли ширкат: ҳар як шарик дар ширкати “инон” бо моли ширкат ба таври нақдӣ ва насия метавонад хариду фурӯш гузаронад.

Агар дар дасташ пули нақд набошад ва моли ширкат ҳамааш молу доройӣ шуда бошад ва чизеро насия гирад, он моли насия пурра аз худаш мешавад ва шарикаш дар он ҳисса надорад. Зеро агар ҳиссае барои вай низ ҷудо шавад, он гоҳ шарики дуюм гуё аз моли ширкат қарз талаб кардааст ва шарик бидуни иҷозати шарикаш ҳаққи талаб кардани қарзро барои ширкат надорад. (дар ин намуди ширкат як нафар наметавонад бе огоҳӣ ва бе иҷозати шарикаш қарз гирад ва агар чунин кунад, пас шарики дуюм аз он мол ҳиссае гирад ва он ҳисса монанди қарз ба ҳисоб меравад. Гирифтани қарз барои ширкат бе иҷозати шарик мумкин нест).

Инчунин дар ин намуди ширкат яке аз шарикон метавонад сармояи ширкатро барои хариди молу матоъ ба дигар кас диҳад ё бо он сармоя музораба кунад ва ё касеро вакили хариду фурӯш бо он сармоя таъйин намояд. Аммо, барои гарав гузоштани моли ширкат бояд иҷозати шарикашро гирад.

Дар ин навъи ширкат шарикон уҳдадории тарафи

дигарро дар шартномаҳое, ки мебанданд ба дӯш намегиранд. Дар масъалаи сафар намудан бо моли ширкат донишмандон фикрҳои гуногун доранд. Имом Абӯҳанифа, имом Муҳаммад, имом Ҳанбал ва тибқи ривоятҳои машҳур имом Молик сафар кардан бо моли ширкатро дуруст мешуморанд. Аммо Абӯюсуф ва имом Шофиъӣ сафар кардан бо моли ширкатро бе иҷозати шарик ҷоиз намешуморанд.

Қарз додан ё ҳибаву хайр кардани моли ширкат низ барои шарикон мумкин нест.

**ДУЮМ: Ҳукмҳои ширкати муфоваза**

Ҳар амале, ки анҷом додани он барои яке аз шарикон дар ширкати "инон" дуруст аст, анҷом додани он барои шарикон дар ширкати "муфоваза" низ дуруст аст ва ҳар eoнчи барои дурустии ширкати "инон" шарт буд, барои дурустии ширкати "муфоваза" низ шарт аст.

## ◙ ҲУКМҲОИ МАХСУСИ ШИРКАТИ "МУФОВАЗА"

Дар ширкати "муфоваза" ҳаргуна уҳдадории як шарик барои шарики дигар низ уҳдадорӣ ба ҳисоб меравад, то баробарӣ байни онҳо таъмин гардад. Сабаби ин гуна шартгузорӣ дар он аст, ки ин уҳдадорӣ ба сабаби ширкат ба вуҷуд омадааст. Тибқи мазҳаби Абӯҳанифа кафолатҳои молие, ки як шарик ба дӯш мегирад, шарики дигар низ пойбанд ба он кафолат мегардад. Аммо, шогирдони Имом ба ин ақидаанд, ки кафолати як шарик ба уҳдаи дигараш намеафтад. Инчунин, як шарик метавонад ба ҷои шарики дигар қарордодҳои тиҷоратии ӯро амалӣ намояд ва ба ҷои ӯ додуситад кунад. Аммо уҳдадориҳое, ки берун аз доираи фаъолияти ширкат ҳастанд, шарикон уҳдадории ҳамдигарро ба дӯш намегиранд.

Тарафҳои ширкати "вуҷуҳ" метавонанд қарордод бар асоси "инон" банданд, яъне ҳар шарик озодона додуситад мекунад ва метавонанд бар асоси муфоваза қарордод банданд, ки дар ин сурат баробарии тарафҳоро дар ҳама ҳолатҳо тақозо менамояд.

Дар ширкати аъмол низ агар қарордод бар асоси "муфоваза" баста шавад, уҳдадории як тараф бар дӯши тарафи дигар низ гузошта мешавад ва иҷрои уҳдадорӣ аз он низ пурсида мешавад. Барои мисол тарафҳо анҷоми кори лоиҳаеро ба дӯш мегиранд ва ҳама дар анҷоми ин уҳдадорӣ масъулияти баробар доранд ва фоидаву зарар низ байнашон баробар тақсим мешавад.

Агар ин қарордод бар асоси ширкати "инон" баста шавад, он монанди ширкати "муфоваза" амал мекунад, зеро дар ин қарордод анҷоми амал аз ҳар як шарик тақозо мешавад.

Масъалаи дигаре, ки бояд зикр гардад, ин истифодаи калимаи "мушорака" ва "ширкат" аст. Дар китобҳои фиқҳӣ калимаи "мушорака" ҳамчун қарордоди махсус аслан дида намешавад. Ин истилоҳи нав аст ва ҷузъе аз ширкати "уқуд"-ро дар бар мегирад, ки дар асри нав бештар роиҷ гаштааст, яъне ширкати амвол ва гоҳо ширкати аъмол низ шомил мегардад.

Ончи дар ин мақола ба таври фишурда пешкаш гардид фарогири аҳди "шарика", яъне ширкат бо тамоми анвоъаш буд.

**Давлатбек Ҳалимов,**
**сармутахассиси Шуъбаи назорати бонкдории исломии Департаменти назорати бонкии БМТ**

## АДАБИЁТИ ИСТИФОДАШУДА:

1. "Ал-Маъойир ал- Шаръияти" 1-48, "Ҳайатул Муҳосабати вал Мурочаъати лил-Муассисотил Молиятил Исломияти". Нашри соли 2014, Манама, Баҳрайн.
2. "Фиқҳул исломи ва адиллатуҳу" доктор Ваҳба Зуҳайли, ҷузъи чорум, қисми дуюм, назарияҳои фиқҳӣ. Салам ва салами мувозӣ.
3. CIFE™ STUDY NOTES A User's Guide to Ethica's Certified Islamic Finance Executive™ Program, www.EthicaInstitute.com
4. "An INTRODUCTION to ISLAMIC FINANCE" , MUFTI MUHAMMAD TAQI USMANI. (www.muftitaqiusmani.com)
5. Семинар оид ба принсипхои бонкдории исломи, Салам ва Салами Мувозӣ , Абдыбалы тегин, Душанбе 16,20. 05. 2016.

## Ҷумҳурии Тоҷикистон:

# Фаъолияти босамар дар самти МКД/МТ ва МПСКҶ

**Мусоҳиба бо Директори Департаменти мониторинги молиявии назди Бонки миллии Тоҷикистон Файзуллозода Файзулло**

**— Тавре маълум гардид, Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар Ҷаласаи 29-уми пленарии ГАО ва Ҷаласаи 12-уми ШРМКМ ИДМ, ки 12-16 ноябри соли 2018 дар шаҳри Мински Ҷумҳурии Беларус баргузор гардиданд, ҳайати корӣ таҳти роҳбарии Ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои ҳуқуқӣ Ватанзода М.М., муаррифӣ намуданд. Лутфан бигӯед, ки ҷаласаҳо дар кадом сатҳ доир шуданд ва ҷониби Тоҷикистон чӣ гуна ҳуҷҷатҳоро манзури ҷаласа гардонид?**

— Бале, аз 12 то 16-уми ноябри соли 2018 дар ш. Минск (Ҷумҳурии Беларус) Ҷаласаи 29-уми пленарӣ ва ҷаласаҳои Гурӯҳҳои кории Гурӯҳи Авруосиё оид ба муқовимат ба қонунигардонии даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда ва маблағгузории терроризм (ГАО) баргузор гардиданд.

Дар чорабиниҳои ГАО ҳайати намояндагии давлатҳои аъзои ГАО: Беларус, Ҳиндустон, Қазоқистон, Ҷумҳурии Мардумии Чин, Қирғизистон, Федератсияи Русия, Тоҷикистон, Туркманистон, Ӯзбекистон, инчунин намояндагони давлатҳо ва ташкилотҳои мушоҳид ширкат варзиданд. Ҳайати намояндагии ҷумҳурӣ таҳти роҳбарии Ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои ҳуқуқӣ Ватанзода М.М., аз намояндагони мақомоти



**Файзуллозода Файзулло,**
*Директори Департаменти мониторинги молиявии назди Бонки миллии Тоҷикистон*

салоҳиятдори давлатӣ – Прокуратураи генералӣ, Вазорати адлия, Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия, Бонки миллии Тоҷикистон ва Департаменти мониторинги молиявии назди Бонки миллии Тоҷикистон иборат буд.

Ҷаласаи пленарӣ ҳисобот ва хулосаи иҷроияи баҳодиҳии тарафайни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи даври дуюми баҳодиҳии ГАО-ро тасдиқ намуд. Дар ҷараёни ҷаласаи пленарӣ хулосаҳои асосӣ ва чораҳои тавсияшавандаи ба низоми МКД/МТ/МПСКҶ-и Ҷумҳурии Тоҷикистон алоқаманд муҳокима гардиданд. Пас аз анҷом ёфтани тартиботи Гурӯҳи татбиқи чораҳои молиявӣ оид ба мубориза ба софкории пул (ФАТФ) оид ба таҳлили сифат ва мутобиқат, ҳисобот дар сомонаи ГАО 28 декабри соли 2018 ҷойгир карда шуд. Хотиррасон менамоем, ки ҷараёни баҳодиҳии тарафайни Ҷумҳурии Тоҷикистон моҳи сентябри соли 2017 оғоз гардида буд. Дар давраи аз 5 то 16 марти соли 2018, ҳайати коршиносон-баҳогузорони ГАО бо мақсади шиносоӣ бо фаъолияти мақомоти салоҳиятдори давлатии низоми МКД/МТ-и давлат ва намояндагони бахши хусусӣ (ташкилотҳои молиявӣ, инчунин муассисаҳо ва касбҳои муайяншудаи ғайримолиявӣ) ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ташриф оварданд. Тибқи қоидаҳои гузаронидани даври 2-юми баҳодиҳии тарафайни ГАО, Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба пешрафт дар ин самт дар Ҷаласаи 31-уми пленарӣ, ки моҳи ноябри соли 2019 баргузор мегардад, ҳисобот пешниҳод менамояд.

Дар доираи Ҷаласаи пленарӣ ҳамаи давлатҳои аъзо оид ба тағйирот ба қонунгузории миллии давлатҳои аъзои ГАО дар самти МКД/МТ/МПСКҶ ва гузаронидани баҳодиҳии хавфи ҚД/МТ маълумот манзур карданд. Дар ин ҷаласа Нақшаи Ҷумҳурии Қирғизистон ҷиҳати бартараф намудани камбудиҳои мувофиқати техникӣ ва баланд бардоштани самаранокии низоми МКД/МТ, инчунин кӯшиши Ҷумҳурии Қирғизистон оид ба ҷалби ташкилотҳои сарпараст барои иҷро намудани Нақшаи зикргардида, маъқул дониста шуд.

Дар ҷараёни Ҷаласаи 29-уми пленарӣ озмуни ҳарсола оид ба ҳамкории беҳтарини мақомоти давлатӣ дар самти ошкорнамоии МКД/МТ баргузор гардид ва дар баробари дигар давлатҳо-аъзои



ГАО, намояндагони Ҷумҳурии Тоҷикистон (Департаменти мониторинги молиявии назди Бонки миллии Тоҷикистон) дар бораи чунин ҳамкориҳо рӯнамо пешниҳод кард. Дар натиҷаи овоздиҳӣ, рӯнамои мазкур беҳтарин эътироф гардид ва Ҷумҳурии Тоҷикистон ғолиби озмуни мазкур эълон карда шуд. Лауреатҳои озмун намояндагони Федератсияи Русия ва Ҷумҳурии Халқии Чин гардиданд. Аз ҷониби Раиси ГАО хонум Сзинхуа ХАО, тибқи анъанаи муқарраршуда ба ғолиб туҳфа аз фонди аввалин Раиси ГАО – Зубков В.А. супорида шуд.

Инчунин, 14 ноябри соли 2018 дар Кумитаи иҷроияи ИДМ (ш. Минск, Ҷумҳурии Беларус) ҷаласаи 12-уми Шӯрои роҳбарони мақомоти кашшофии молиявии давлатҳои иштирокдорони Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил (ШРМКМ ИДМ) баргузор гардид. Дар он роҳбарон ва намояндагони мақомоти кашшофии молиявии Арманистон, Беларус, Қазоқистон, Қирғизистон, Русия ва Тоҷикистон иштирок намуданд. Ба сифати мушоҳид Директори мақомоти кашшофии молиявии Ҳиндустон ҳузур дошт. Мувофиқи тартибот, ҷаласаи Шӯро таҳти роҳбарии директори Департаменти мониторинги молиявии Ҷумҳурии Беларус ҷаноби Реут В.Г. баргузор шуд.

> Натиҷаи кор босамар ҷамъбаст шуд, дар давоми 3 рӯз ҳам коршиносон ва ҳам ҳайати кишвар тавонистанд як қатор масъалаҳои баҳсталабро ҳаллу фасл намоянд.

Дар рафти ҷаласа роҳбарон ва коршиносони мақомоти кашшофии молиявӣ масъалаҳои паст намудани хавфҳо дар самти муқовимат ба қонунигардонии даромадҳо ва маблағгузории терроризм дар фазои ИДМ-ро баррасӣ намуданд. Бояд гуфт, ки бо ташаббуси Шӯро, таҳрири нави Шартнома оид ба муқовимат ба қонунигардонии даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом дар доираи ИДМ омода гардидааст ва дар марҳилаҳои охирини мувофиқаи байнидавлатӣ қарор дорад.

Иштирокдорони ҷаласаи Шӯро таҳияи муносибати ягона ҷиҳати танзими низомҳои пардохти электрониро бо мақсади пешгирии истифодаи онҳо барои КД/МТ (ташаббуси Департаменти мониторинги молиявии назди Бонки миллии Тоҷикистон) ва гузаронидани тадқиқоти таҳлилӣ оид ба гардиши криптоасъорҳо баррасӣ намуданд.

**– Ҳисоботе, ки аз ҷониби Тоҷикистон дар ҷаласаи пленарии ГАО дар самти МҚД/МТ ва баҳодиҳии тарафайн пешниҳод шуд, аз ҷониби ҷаласаи пленарӣ чӣ тавр арзёбӣ гардид?**

— Ҳисоботи баҳодиҳии тарафайни аз ҷониби ҳайати коршиносон - баҳогузорони ГАО, ки бо мақсади баргузории даври 2-юми баҳодиҳии тарафайни низоми миллии МҚД/МТ/МПСҚО рӯзҳои 5-16 марти соли 2018 ба кишварамон ташриф оварданд, дар рафти Ҷаласаи 29-уми пленарӣ муҳокима гардид.

Қобили қайд аст, ки ҷиҳати ҳаллу фасли масъалаҳои баҳсталаб оид ба лоиҳаи Ҳисоботи баҳодиҳии тарафайн ҳайати ҷумҳурӣ таҳти роҳбарии Ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои ҳуқуқӣ Ватанзода М.М. барои иштирок дар вохӯрии "рӯ ба рӯ" бо коршиносон-баҳогузорони ГАО рӯзҳои 5 - 7 сентябри соли 2018 ба ш. Москва (Федератсияи Русия) сафар намуд. Натиҷаи кор босамар ҷамъбаст шуд, дар давоми 3 рӯз ҳам коршиносон ва ҳам ҳайати кишвар тавонистанд як қатор масъалаҳои баҳсталабро ҳаллу фасл намоянд. Гузашта аз ин, коршиносон ба




натиҷаҳои воқеӣ баҳои мусбат доданд.

Ҳамин тарик, Ҳисоботи баҳодиҳии тарафайни кишвар дар Ҷаласаи 29-уми пленарии ГАО муҳокима гардида, тасдиқи худро пайдо кард. Иштирокдорони ҷаласа пешрафти назарраси Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти мукаммалгардонии низоми муқовимат ба қонунигардонии даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда ва маблағгузории терроризм (МКД/МТ) баъд аз баҳодиҳии тарафайни пешинаро (соли 2008) таъкид намуданд. Мутобиқи қарори Ҷаласаи пленарӣ, пас аз анҷом ёфтани таҳлили “Сифат ва мутобиқат” 28 декабри соли 2018 Ҳисоботи баҳодиҳии тарафайни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сомонаи ГАО ҷойгир карда шуд.

**– Дар кадом самти баҳодиҳӣ мутобиқи Тавсияҳои ФАТФ Ҷумҳурии Тоҷикистон имрӯз муваффақ аст ва дар кадом самт ҳанӯз камбудиҳо ба назар мерасанд?**

— Ҳадаф аз баргузории баҳодиҳии тарафайни ҷумҳуриамон баҳогузории мутобиқати самаранокии кишвар ба стандартҳои Гурӯҳи татбиқи чораҳои молиявӣ (ФАТФ) дар самти МКД/МТ/МПСКО ба ҳисоб мерафт.

Тавре қаблан қайд гардид, Ҳисоботи пурраи баҳодиҳии тарафайни Ҷумҳурии Тоҷикистон аллакай дар сомонаи расмии ГАО ҷойгир карда шудааст. Баҳодиҳиро метавон ба 2 қисми дахлдор ҷудо кард:

**1.** Мувофиқати техникӣ (мувофиқати меъёрҳои қонунгузорӣ ба талаботи тавсияҳои ФАТФ);

**2.** Самаранокии низоми МКД/МТ/МПСКО (фаъолияти амалии мақомоти салоҳиятдори давлатӣ ва бахши хусусӣ).

Тибқи натиҷаи баҳогузории коршиносон-баҳогузорон, як қатор ҷанбаҳои мувофиқати техникӣ, махсусан дар қисмати баҳогузории хавфҳои КД/МТ, ҷиноятҳои КД/МТ, масъалаҳои мусодираи молу мулк, асосҳои ҳуқуқии фаъолияти мақомоти кашшофии молиявӣ, механизмҳои амалкунандаи санҷиши дахлдори муштарӣ ва дигарҳо мусбӣ баҳогузорӣ гардиданд. Ба ғайр аз ин, ҷанбаҳои қонунгузорӣ вобаста ба манъ кардани дороиҳои шахсони бо терроризм ва паҳнкунии силоҳи қатли ом алоқаманд, баҳогузории маҳсулоти технологияҳои нав, кор бо бахши ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ ва ғ. такмилдиҳии оянда талаб менамоянд.

Дар қисмати самаранокӣ, фаҳмиши масъалаҳои вобаста ба МТ аз ҷониби иштирокчиёни низоми МКД/МТ, ҳамкории дохилӣ ва байналмилалии мақомоти салоҳиятдори давлатӣ, мусодираи дороиҳо мусбӣ арзёбӣ гардиданд. Фаъолият дар доираи баланд бардоштани самаранокии қисмати фаҳмиши хавфҳои КД/МТ, фаъолияти амалии мақомоти назоратӣ, инчунин муқовимат ба ПСКО идома хоҳад ёфт.

**– Ҷумҳурии Тоҷикистон кадом самтҳоро дар МКД/МТ ва МПСКО афзалиятнок медонад?**

— Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамкории мутақобилаи байниидоравӣ ва ҳамоҳангсозӣ дар сатҳи хуб амалӣ гашта истодааст. Бо мақсади мубодилаи иттилоот ва ҳамкорӣ дар самти МКД/МТ/МПСКО механизмҳои зарурӣ ва заминаи ҳуқуқӣ ташкил карда шудаанд. Инчунин, Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои аломатҳо ва хислатҳое мебошад, ки ба мавҷудияти механизми самараноки ҳамкории байналмилалӣ ишора менамоянд.

Бояд қайд кард, ки дар ҷумҳурӣ аз моҳи апрели соли 2015 то сентябри соли 2017 Баҳодиҳии хавфи миллии КД/МТ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид, ки дар натиҷаи он хавфҳои асосии бо КД/МТ алоқаманд муайян гардиданд. Бо мақсади коҳиш додан ва идораи хавфҳои КД/МТ Консепсияи миллии МКД/МТ/МПСКО барои солҳои 2018-2025, инчунин, стратегияҳое, ки тибқи онҳо дар мувофиқа бо натиҷаҳои БХМ КД/МТ, самтҳои афзалиятноки фаъолияти мақоми

салоҳиятдор масъалаҳои МКД/МТ/МПСҚО-ро дар бар мегиранд, қабул гардиданд.

Вобаста ба гуфтаҳои боло, дар асоси хавфҳои ҷойдошта амалӣ намудани Консепсияи миллӣ, инчунин, ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти салоҳиятдори кишвар дар муқовимат ба ҚД/МТ ба мақсад мувофиқ мебошад.

**— Лутфан бигӯед, ки аз ҷониби Департаменти мониторинги молиявӣ барои муборизаи зуҳуроти муқовимат бо маблағҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда ва маблағгузории терроризм чӣ чораҳои иловагӣ андешида мешавад?**

— Қайд кардан бамаврид аст, ки тибқи Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон №966 аз 12 декабри соли 2017, Бонки миллии Тоҷикистон (Департаменти мониторинги молиявӣ) мақоми ваколатдор дар самти МКД/МТ/МПСҚО муайян карда шудааст. Дар ин радиф, Департамент фаъолиятро дар самти мутобиқ намудани санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба талаботи тавсияҳои ФАТФ ва дигар ташкилотҳои байналмилалӣ ба роҳ мондааст. Аз ҷумла, Лоиҳаи Консепсияи миллии муқовимат ба қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом барои солҳои 2018-2025 ва Нақшаи амалисозии он таҳия гардида, бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 05.03.2018, таҳти №1033 тасдиқ карда шуд.

Бо мақсади пешбурди фаъолияти самаранок, бо Қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон №26 аз 12 марти соли 2018, дар сохтори Департаменти мониторинги молиявӣ Шуъбаи бозрасӣ таъсис дода шуд.

Ҳамзамон, ба хотири амалӣ намудани иҷрои Консепсияи миллии МКД/МТ/МПСҚО барои солҳои 2018-2025, дар назди Департаменти мониторинги молиявӣ Маркази омӯзишӣ - методӣ ташкил карда шуд. Мақсади асосии таъсис ёфтани Маркази омӯзишӣ-методӣ ин бунёди низоми бисёрзинавии омӯзиш ва такмили ихтисоси кормандони мақомоти танзим ва назорати давлатӣ, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва бахши хусусӣ мебошад.

> Дар ҷараёни Ҷаласаи 29-уми пленарӣ озмуни ҳарсола оид ба ҳамкории беҳтарини мақомоти давлатӣ дар самти ошкорнамоии МКД/МТ баргузор гардид ва дар баробари дигар давлатҳо-аъзои ГАО, намояндагони Ҷумҳурии Тоҷикистон (Департаменти мониторинги молиявии назди Бонки миллии Тоҷикистон) дар бораи чунин ҳамкориҳо рӯнамо пешниҳод кард.

Инчунин, бо мақсади мувофиқат ба тавсияҳои ФАТФ дар ҳамбастагӣ бо мақомоти салоҳиятдори кишвар Департамент дар доираи ҳисоботи баҳодиҳии тарафайни кишвар чораҳои зарурiро андешида истодааст.

Бояд гуфт, ки аз ҷониби Департаменти мониторинги молиявии назди Бонки миллии Тоҷикистон “Нақшаи Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба рафъи камбудиҳои мутобиқати техникӣ ва баланд бардоштани самаранокии низоми муқовимат ба қонунигардонии даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом (МКД/МТ/МПСҚО)” дар доираи Ҳисоботи баҳодиҳии тарафайни кишвар таҳия гардид. Нақшаи мазкур тибқи қарори ҷаласаи навбатии Комиссияи байниидоравӣ оид ба МКД/МТ/МПСҚО 11 январи соли 2019 барои баррасӣ ба мақомоти дахлдори кишвар ирсол карда шуд.

Дар ин ҷо мехоҳам фаъолияти доимии Департаменти мониторинги молиявии назди Бонки миллии Тоҷикистон (мустақилона ва бо дастгирии ташкилотҳои соҳавии байналмилалӣ)-ро ҷиҳати баланд бардоштани иқтидори коршиносии кормандони мақомоти давлатӣ (мақомоти кашшофии молиявӣ, мақомоти назоратӣ ва ҳифзи ҳуқуқ) инчунин, бахши хусусӣ (ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ, ташкилотҳои ҳисоботдиҳанда) қайд намоям. Танҳо дар соли 2018 Департамент 16 чорабиниҳои омӯзишӣ, 21 семинар ва мизҳои мудаввар бо истифода аз алоқаи конфронсӣ баргузор намуд, аз ҷумла:

- аз 12 то 14 феврали соли 2018 дар Бонки миллии Тоҷикистон дар доираи омодагӣ ба ҳайати дарпешистодаи коршиносон оид ба даври 2-юми баҳодиҳии тарафайни ГАО курсҳои омӯзишӣ барои мақомоти салоҳиятдор ва намояндагони бахши хусусии кишвар баргузор гардид. Омӯзиши мазкур дар якҷоягӣ бо Маркази байналмилалии омӯзишӣ-методии мониторинги молиявии Федератсияи Русия ва бо ҷалби коршиносони Хадамоти федералии мониторинги молиявии Федератсияи Русия, MONEYVAL, Идораи СММ оид ба маводи мухаддир ва ҷиноят, инчунин, Ассотсиатсияи иштирокчиёни интиқолҳои пулӣ ва маблағҳои электронии Федератсияи Русия барпо гардид. Коршиносони байналмилалӣ зимни

баромадҳои хеш иштирокдорони омӯзишро бо нақши ташкилотҳои ҳисоботдиҳанда дар ҷараёни баҳодиҳии тарафайни кишвар шинос намуда, шарҳи талаботҳои асосии Тавсияҳои ФАТФ-ро, ки ба фаъолияти ҳаррӯзаи онҳо дар самти МҚД/МТ/МПСҚО алоқаманд мебошанд, пешниҳод карданд;

• рӯзҳои 12 январ ва 5 июли соли 2018 вохӯрӣ барои намояндагони ташкилотҳои ҳисоботдиҳандаи Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла ташкилотҳое, ки филизоту сангҳои қиматбаҳо, маснуоти заргарӣ ва шикастапораҳои ин гуна маснуотро хариду фурӯш менамоянд, гаравхонаҳо (ломбардҳо), ташкилотҳое, ки биноҳо барои бозиҳо, тотализаторҳо ва муассисаҳои букмекерӣ доранд, ташкилотҳое, ки лотереяҳо баргузор менамоянд, иштирокчиёни касбии бозори коғазҳои қимматнок, ташкилотҳои аудиторӣ ва аудиторони инфиродӣ;

• рӯзҳои 18 январ, 15 май ва 27 ноябри соли 2018, семинар барои намояндагони ташкилотҳои қарзии кишвар;

• 7 августи соли 2018 семинар барои намояндагони Иттифоқи адвокатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, адвокатҳо ва нотариусҳои давлатӣ;

• 4 октябри соли 2018 семинари омӯзишӣ барои намояндагони Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади тақвияти ҳамкорӣ бо Хадамот;

• 16 феврали соли 2018 дар Бонки миллии Тоҷикистон вохӯрии коршиносони ширкати “Томсон Рейтерс” бо намояндагони ташкилотҳои қарзии ҷумҳурӣ. Мақсад – намоиши имкониятҳои барномаҳои ширкати “Томсон Рейтерс” дар доираи такмили фаъолияти комплаенс оид ба масъалаҳои муқовимат ба хавфҳое, ки ташкилотҳои қарзӣ метавонанд рӯ ба рӯ шаванд;

• 30 майи соли 2018 вохӯрии намояндагони Департамент бо масъулини Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон дар мавзӯи “Низоми миллии МҚД/МТ/МПСҚО”. Дар вохӯрӣ якчанд наворҳои видеоӣ доир ба масъалаҳои пешгирии терроризм, ифротгароӣ, истифодаи ғайримақсадноки низоми молиявии кишвар, ва инчунин истилоҳи “Қонунигардонии даромадҳо” пешниҳод гардид;

• 14 августи соли 2018 бо ташаббуси Департамент дар якҷоягӣ бо Вазорати адлияи ҷумҳурӣ бо иштироки намояндагони ташкилотҳои ғайритиҷоратӣ дар мавзӯи “МҚД/МТ/МПСҚО” семинар баргузор гардид;

• 21 сентябри соли 2018 дар ш. Хуҷанд ва 28 сентябри соли 2018 дар ш.Душанбе бо дархости Ассотсиатсияи ташкилотҳои маблағгузории хурди Тоҷикистон кормандони Департаменти мониторинги молиявӣ дар якҷоягӣ бо Департаменти идораи захираҳои байналмилалӣ ва сиёсати қурби асъор барои ташкилотҳои қарзӣ семинар баргузор намуданд;

• дар давраи зикршуда бо супориши роҳбарияти Бонки миллии Тоҷикистон намояндаи Департамент барои кормандони Шуъбаи минтақавии Бонки миллии Тоҷикистон дар шаҳри Хоруғ ва намояндагони ташкилотҳои қарзие, ки дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ҷойгир мебошанд, семинари омӯзишӣ дар мавзӯи МҚД/МТ/МПСҚО ташкил намуд.

**– Ба андешаи Шумо, дастоварди Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти МҚД/МТ дар соли равон чӣ хоҳад буд?**

— Мо боварии комил дорем, ки яке аз дастовардҳои кишвар дар соли 2019, мутобиқи Тартиботи гузаронидани даври дуюми баҳодиҳӣ, пешниҳоди ҳисобот оид ба пешрафт аз ҷониби Ҷумҳурии Тоҷикистон ва баррасии мусбии он дар Ҷаласаи 31-уми пленарии ГАО дар моҳи ноябри соли 2019 ба шумор хоҳад рафт.

Қайд кардан ба маврид аст, ки дастовард дар марҳилаи мазкур барои пешрафти минбаъдаи соҳаҳои мухталифи кишвар, аз қабили тақвияти нишондиҳандаҳои иқтисодӣ, молиявӣ ва ҷалби сармояи хориҷӣ такони ҷиддӣ медиҳад. Дар робита ба ин, масъалаи омодагии кишвар ба пешниҳоди ҳисобот оид ба пешрафт вазифаи ҳар як мақомоти давлатӣ ба шумор меравад, зеро барои баланд намудани рейтинги кишвар дар самти МҚД/МТ/МПСҚО мусоидат хоҳад кард.

**– Ва ниҳоят гуфта метавонед, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон минбаъд дар самти МҚД/МТ тибқи нақша кадом нақшаю тадбирҳоро дар амал татбиқ карданист?**

— Мехоҳам қайд намоям, ки фаъолияти босамари ҳамаи сохторҳои низоми МҚД/МТ/МПСҚО-и Ҷумҳурии Тоҷикистон аз бисёр омилҳо вобаста аст, аз:

• такмилдиҳии қонунгузорӣ – то ин ки заминаи устувор ва софи амалҳоро созем;

• дарк ё фаҳмиши нақши худ аз ҷониби ҳама иштирокчиёни низом, ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳо – ҳам барои намояндагони мақомоти салоҳиятдори давлатӣ ва ҳам бахши хусусӣ;

• баланд бардоштани иқтидори коршиносии кормандони мақомот – иштирокчиёни низоми МҚД/МТ/МПСҚО – бо мақсади шиносоии доимии усулҳои нави муқовимат ба фаъолияти ғайриқонунӣ;

• ҳамкории самараноки байналмилалӣ бо мақсади пешгирии ҷинояткории ғайриқонунии фаромарзӣ ва ғ.

Дар робита ба ин, танҳо ба воситаи амалҳои муштарак мо метавонем ташкил ва такмили низоми самараноки МКД/МТ/МПСҚО-и Ҷумҳурии Тоҷикистонро идома диҳем. Барои ба даст овардани ин мақсад чораҳо чӣ дар сатҳи олии давлатӣ, ки тасдиқгари он Консепсияи миллӣ дар самти МКД/МТ/МПСҚО барои солҳои 2018-2025 (ҳуҷҷати ягона дар минтақа)мебошад ва чӣ дар фаъолияти амалии ҳаррӯзаи ҳамаи мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, мақомоти танзими давлатӣ ва назоратӣ ва мақомоти кашшофии молиявӣ (мақоми салоҳиятдор дар самти МКД/МТ/МПСҚО) андешида мешаванд ва дар оянда низ идома хоҳанд ёфт.

Ба ғайр аз ин ба эътибор нагирифтани нақши бахши хусусӣ ғайриимкон аст. Зеро маҳз ташкилотҳои қарзӣ, ширкатҳои суғуртавӣ, субъектони бозори коғазҳои қиматнок, ломбардҳо ва риелторҳо дар ошкорсозии фаъолияти ғайриқонунӣ аз ҷумлаи пешоҳангон ба ҳисоб мераванд.

Мехоҳам қайд намоям, ки имсол Департаменти мониторинги молиявии назди Бонки миллии Тоҷикистон 10 - солагии фаъолияти хешро ҷашн мегирад. Ёдовар мешавем, ки Департамент тибқи Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон №724 аз 20 октябри соли 2009 ташкил ёфтааст.

Тӯли ин солҳо корҳои зиёд ҳам дар самти ба роҳ мондани фаъолияти Департаменти мониторинги молиявии назди Бонки миллии Тоҷикистон ва ҳам дар амал бунёд кардани низоми МКД/МТ/МПСҚО-и кишвар анҷом дода шуданд.

Бо мақсади коҳиш додан ва идораи хавфҳои КД/МТ Консепсияи миллии МКД/МТ/МПСҚО барои солҳои 2018-2025, инчунин, стратегияҳое, ки тибқи онҳо дар мувофиқа бо натиҷаҳои БХМ КД/МТ, самтҳои афзалиятноки фаъолияти мақоми салоҳиятдор масъалаҳои МКД/МТ/МПСҚО-ро дар бар мегиранд, қабул гардиданд.

Ҳангоми таъсиси Департаменти мазкур Ҷумҳурии Тоҷикистон зери мониторинги қатъии ГАО қарор дошт, ҳамчунин баъдан дар рӯйхати бо ном "хокистаранг"-и кишварҳои зери мониторинги ФАТФ қарор гирифт. Он замон дар кишвар Мақомоти кашшофии молиявӣ вуҷуд надошт, қонуни соҳавӣ дар самти МКД/МТ/МПСҚО қабул нашуда буд – танҳо меъёрҳои нопурраи қонунгузорӣ дар ин самт амал мекарданд.

Саъю кӯшишҳои зиёд аз ҷониби мақомоти давлатӣ дар ҳамоҳангӣ бо Департаменти мониторинги молиявӣ ва нақши бебаҳои Комиссияи доимоамалкунандаи байниидоравӣ оид ба МКД/МТ/МПСҚО, ки тибқи Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2013 таъсис дода шудааст, ҷиҳати аз ҷараёни мониторинги ҳам ФАТФ (октябри с.2014) ва ҳам ГАО (ноябри с.2014) баровардани кишвар мусоидат намуданд. Агар дар оғози фаъолият ҳама иқтидор ба ташаккули асосҳои ҳуқуқии фаъолияти низоми пурраи МКД/МТ/МПСҚО равона гардида бошад, баъдтар қадамҳои таҷрибавии амалиётӣ ва самаранок фаъолияткунанда вобаста ба танзими мақомоти кашшофии молиявӣ пурра амалӣ гардиданд.

Дар фаъолияти худ Департамент ҷиҳати таъмини шаффофият кӯшиши зиёд ба харҷ медиҳад ва хоҳишмандон барои дастрас намудани маълумоти зарурӣ оид ба натиҷаҳои фаъолияти он метавонанд ба воситаи ворид шудан ба сомонаи интернетии Бонки миллии Тоҷикистон, инчунин мутолиаи резаахбори чорабиниҳои гуногун ва ҳам ҳисоботҳои фаъолияташ ошно гарданд.

Тасдиқи фаъолияти самараноки низоми МКД/МТ/МПСҚО дар умум ва қисман ҳамкории мақомоти салоҳиятдори давлатӣ дар сатҳи миллӣ, хусусан эътирофи далели мазкур аз ҷониби ҷомеаи байналмилалӣ мебошад, ки шаҳодатгари он моҳи ноябри соли 2016 соҳиб шудани ҷойи 2-юм ва ноябри соли 2018 ҷойи 1-ум дар озмуни ҳарсолаи ГАО оид ба ҳамкории мутақобилаи мақомоти давлатӣ дар самти МКД/МТ ба ҳисоб меравад.

Албатта, низоми МКД/МТ/МПСҚО дар оянда такмилдиҳии фаъолиятро тақозо менамояд, зеро дар назди мо талабот ва таҳдидҳои нав истодаанд. Дар робита ба ин, мо боварии комил дорем, ки Департаменти мониторинги молиявии назди Бонки миллии Тоҷикистон дар ҳамкории зич бо мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, танзим ва назорати давлатӣ, инчунин, намояндагони бахши хусусӣ зимни фаъолияти муштаракамон – муқовимат ба КД/МТ/МПСҚО ва ҳимояи низоми кишвар аз истифодаи номатлуб, натиҷаҳои назаррас ба даст хоҳем овард.

**Мусоҳиб:**
**М. Ҳасанова,**
**сардори Шуъбаи матбуоти БМТ.**

# Қонуни нав фаъолияти қардиҳӣ ва қарзбаргардониро осонтар мегардонад

Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи гарави молу мулки манқул ва бақайдгирии ухдадориҳои таъминшуда»-ро қабул намуд, ки ба низоми бонкии кишвар дар иҷрои фаъолияти қарздиҳӣ кумак хоҳад расонид. Ин қонун бо мақсади беҳтар намудани фазои муносибатҳои пулию молии байни субъектҳо, дастгирӣ ва мусоидат ба фаъолияти қарздиҳӣ, рушди иқтисодӣ ва ислоҳот вобаста ба ҷорӣ намудани "ухдадориҳои таъминшуда" дар заминаи такмили меъёрҳои ҳуқуқии гарави молу мулки манқул қабул гардида, интизор меравад, ки тағйироти ҷиддие дар фаъолияти қарздиҳию қарзбаргардонӣ ба миён орад.



## ҚОНУН БАР АСОСИ ДАСТУРИ МУҲИМ

Лоиҳаи қонуни мазкур бо дастури Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва бар асоси қарори ҷаласаҳои Шӯрои машваратии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ таҳия шуда, барои баррасӣ ба парламенти кишвар пешниҳод шуда буд. Раиси Бонки миллии Тоҷикистон Ҷамшед Нурмаҳмадзода зимни муаррифии санади зикршуда дар парламент онро идомаи мантиқии равандҳои ислоҳот барои беҳтар гардидани мавқеи кишвар дар рейтинги "Пешбурди соҳибкорӣ"-и Бонки ҷаҳонӣ унвон карда, таъкид дошт, ки он аз ҷониби Гурӯҳи кории байниидоравӣ бо ҳамоҳангсозии Бонки миллии Тоҷикистон ва коршиносони байналмилалӣ таҳия гардидааст:

"- Лоиҳаи қонуни зикршуда, ҳамчунин вазифаҳоеро, ки дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 декабри соли 2017 вобаста ба такмили қонунгузории соҳаи бонкӣ ва бо мақсади солимгардонии ташкилотҳои қарзӣ дар вазъи бухрони молиявӣ дарҷ гардидаанд, амалӣ ва иҷрои Матритсаи Барномаи Бонки ҷаҳонӣ ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро оид ба маблағгузории сиёсати рушд таъмин менамояд. Бояси тазаккур аст, ки лоиҳаи қонун аз ҷониби Гурӯҳи кории байниидоравӣ, ки давоми солҳои 2015-2018 чандин ҷаласаи байниидоравӣ, даъват ва вохӯрӣ бо коршиносони байналмилалӣ ва дигар чорабиниҳои заруриро доир намуд, дар заминаи Қонуни амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи

гарави молу мулки манқул» аз 1-уми марти соли 2005 ва такмили назарраси он, дар таҳрири нав, иборат аз 6 боб ва 63 модда омода ва пешниҳод гардидааст.”

## ЗАРУРАТ БА ИСЛОҲОТ БА МИЁН ОМАДА БУД

Қайд кардан бамаврид аст, ки бо тағйир ёфтани вазъи иқтисодиёт ва муносибатҳои иқтисодии ҷомеа зарурати тағйир додани қонунгузорӣ дар самти ба гарав мондани молу мулки манқул ба миён меояд. Бо гузашти солҳо, муносибатҳои пулию қарзии байни субъектҳо мураккаб гардида, мушкилоте дар масъалаи ба гарав мондани молу мулки манқул, муқаррар ва қонеъ намудани талаботи гаравгирандагон ва ба фурӯш баровардани молу мулки манқули багаравгузошташуда пайдо шуданд.

Масалан, ҳимояи манфиатҳои сармоягузороне, ки барои рушди иқтисодиёти кишвар маблағ мегузоранд, мушкил гардида, чараёни рӯёнидани маблағҳои қарзӣ, баррасии баҳсҳо дурударозу идомадор ва серхароҷот гардиданд. Чунин ҳолат манфиатдории онҳоро барои сармоягузорӣ коҳиш дода, инчунин ба раванди ҷалби сармоягузорӣ ба иқтисодиёт халал ворид менамуд.

Ба ин далел, ба гуфтаи коршиносон, қонуни пешинаи Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи гарави молу мулки манқул” ҳуқуқу манфиатҳои субъектони алоҳидаро ҳангоми сармоягузорӣ дар сатҳи зарурӣ таъмин карда наметавонист ва зарурати тағйир додани қонунгузорӣ дар ин самт ба вуҷуд омад.

Ба андешаи онҳо, қонуни ҷадид, ин зумра мушкилиҳоро то андозае ҳал намуда, барои таҳкими муносибатҳои пулию қарзӣ ва устувор гардидани низоми бонкӣ мусоидат хоҳад кард. Зеро гарав яке аз ҷузъҳои механизми асосии маблағгузории қарзӣ ба шумор меравад.

Қонуни мазкур таъмини ҳуқуқҳои кредиторонро дар муносибатҳои алоҳида пешбинӣ мекунад ва ҳамаи уҳдадориҳои таъминшуда аз он ҷумла, гарав, лизинг, фурӯши мол бо нигоҳ доштани ҳуқуқи моликият, комиссия, ҳабси молу мулки манқул ва намудҳои дигарро новобаста аз шакл ва намуди шартномаҳо бо ҳолати ҳуқуқии баробар ва қоидаҳои ҳамоҳангшуда танзим менамояд.

## ТАҒЙИРОТ ДАР ҚОНУН: ЗАРУРАТ БА МУРОФИАҲОИ ДАЪВОГӢ НАМЕМОНАД

Қонуни нав роҳҳои нисбатан содакардашудаи ҳимояи ҳуқуқ ва рӯёниданро аз предмети таъминот тавассути навиштаҷоти иҷроияи нотариуси давлатӣ ва қарори суд пешбинӣ менамояд. Пештар барои рӯёнидани предмети таъминот оғоз намудани мурофиаи даъвогӣ ва исботкунии иловагии талаботи тасдиқшуда бар асоси шартномаи гарав зарур буд. Қонуни нав зарурати чунин мурофиаҳои даъвогиро аз байн мебарад. Зеро талаботи гаравгир нисбат ба гаравдеҳ, ки аз муносибатҳои пулию қарзии онҳо бармеояд, бо ҳуҷҷатҳои зарурӣ тасдиқ шуда, дигар ҳоҷат ба исботкунии иловагӣ намемонад.

Ба гуфтаи Гулбаҳор Назирӣ, вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонуни нав имкон медиҳад, ки расмиёти рӯёнидан аз ҳисоби предмети таъминот нисбатан сода ва дар муҳлати кӯтоҳ амалӣ ва хароҷоти зиёдатии кредитор, ки дар натиҷаи оғози мурофиаи даъвогӣ ҷой дошт, кам карда шавад. Боби 4-уми қонун дар бораи рӯёнидан аз ҳисоби молу мулки гарав маҳз ба ин масъала бахшида шудааст.

Қонуни нав ҳамчунин тартиби фурӯши молу мулки манқулро барои гаравгиранда муқаррар кардааст. Дар боби 5-уми қонуни мазкур тартиби фурӯши молу мулки манқул аз ҷониби гаравгир нишон дода шуда, тартиби қонеъгардонии талаботи гаравгирон дар боби алоҳида ба таври дақиқ муайян карда шудааст.

Бар асоси ин қонун навбати қонеъгардонии талаботи кредиторон аз ҳамон як молу мулки манқул бо санаи бақайдгирии огоҳиномаи гарави дахлдор дар Феҳрасти ягонаи давлатӣ ва дар сурати набудани чунин бақайдгирӣ бо санаи баста шудани шартномаи дахлдор муқаррар карда мешавад. Дар ҳолати мавҷуд будани талаботи якчанд кредитор нисбат ба ҳамон як молу мулки

манқул, афзалият дар навбат ба гарави бақайдгирифташуда дода мешавад.

Ҳамчунин зимни омодасозии қонуни мазкур меъёрҳои дигари қонуни пешинаи кишвар «Дар бораи гарави молу мулки манқул» аз 1-уми марти соли 2005 аз лиҳози имлой, тартиби ҳуқуқӣ, пайдарҳамии меъёрҳо, мутобиқати онҳо ба қонунҳои дигари Ҷумҳурии Тоҷикистон таҷдиди назар шуда, таҳрир ва такмил ёфтааст.

## ҚОИДАҲОИ НАВИ ГАРАВГИРӢ АМАЛӢ МЕШАВАНД

Мутобиқи моддаи 4-уми қонуни мазкур субъектҳои муносибатҳои гаравӣ муайян шудаанд, ки онҳо аз гаравдеҳон ва гаравгирон иборат мебошанд. Чунин субъектҳо давлат, шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ буда метавонанд. Гарав дар асоси қонун ё шартномаи гаравӣ мутобиқи муқаррароти Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қонуни мазкур байни гаравдеҳ ва гаравгир басташуда ба миён меояд.

Аз рӯи моддаи 8-уми қонуни зикршуда шакл ва мундариҷаи шартномаи гарави молу мулки манқул ба таври хаттӣ бо роҳи таҳияи ҳуҷҷате, ки тарафҳо имзо кардаанд, бояд баста шавад. Агар гарав ухдадориҳоро аз рӯи шартномаи ба таври нотариалӣ тасдиқшаванда тасдиқ кунад, он гоҳ ҳамаи созишномаҳои пешниҳодшуда низ дар шартномаи гарав бо таври нотариалӣ тасдиқ карда мешаванд. Риоя накардани он боиси беэътибор гардидани шартномаи гарав мегардад.

Дар моддаи 9-уми қонуни ҷадид ҳолати гарави такрорӣ низ пешбинӣ мешавад. Тибқи он молу мулки манқуле, ки ҷиҳати таъмини иҷрои як ухдадорӣ (гарави ибтидоӣ) ба гарав гузошта шудааст, метавонад барои таъмини иҷрои ухдадории дигар (гарави минбаъда) пешниҳод карда шавад.

Дар қонун масъалаи нигоҳдорӣ ва таъмини молу мулки манқули багаравгузоштешуда низ фаро гирифта шудааст. Бар асоси он гаравдиҳанда ухдадор аст, ки молу мулки манқули багаравгузоштаро коршоям нигоҳ дорад, хароҷоташро пардохт кунад. Дар ҳамин ҳол гаравгир ҳақ дорад, ҳолати молу мулки манқули ба гаравгузоштешударо санҷад.

## ФЕҲРАСТИ ЯГОНАИ ДАВЛАТӢ РАҚАМӢ ШУД

Яке аз тағйироте, ки қонуни нав пешбинӣ мекунад, ин пешбурди Феҳрасти ягонаи давлатии ухдадориҳои таъминшуда бар асоси технологияҳои муосир мебошад. Бо ин мақсад дар боби 2-юми қонун раванди пешбурд ва истифодаи феҳрасти мазкур, инчунин бақайдгирии огоҳиномаҳо пешбинӣ шудааст.

Қаблан, Феҳрасти ягонаи давлатии ухдадориҳои гаравӣ вуҷуд дошт, вале бинобар мушкил будани дастрасӣ чандон фаъол набуд, феҳрасти нав тибқи қонун дар шабакаи интернет қарор дорад ва ҳамеша дастрас мебошад.

Навгонии дигаре, ки қонуни нав фароҳам месозад, ин аст, ки доираи истифодабарандагони феҳрасти нав бо шомил намудани кредиторone, ки дар доираи ухдадориҳои таъминшуда молу мулки манқули худро барои соҳибӣ ва истифодабарии муваққатӣ ба дигар шахсон додаанд, васеъ мегардад. Бинобар ин, феҳрасти нав бо васеъ гардидани намудҳои муносибатҳо шаффофиятро таъмин намуда, низоми дахлдори афзалиятҳоро дар байни гарав, лизинг, нигоҳдории мол, ҳабси молу мулки манқул ва ба ин монанд, ташаккул медиҳад. Чунин феҳрасти ягонаи электронӣ низоми иттилоотии электронии бақайдгирии қарздоронро таъмин ва ҳуқуқи афзалиятноки кредиторони тавассути бақайдгирӣ дар феҳраст таъминшударо муқаррар менамояд.

Гулбаҳор Назирӣ вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, зимни шарҳи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи гарави молу мулки манқул ва бақайдгирии ухдадориҳои таъминшуда» гуфт, ки аз ин ба баъд бартарӣ байни кредиторон аз рӯи қоидаҳои умумӣ, «Якум дар бақайдгирӣ – якум дар бартарият» муайян карда мешавад ва дар ин замина бартарӣ ба кредиторе дода мешавад, ки таъминоти худро дар Феҳрасти ягонаи давлатии ухдадориҳои таъминотии электронӣ ба қайд гирифтааст. Бақайдгирии хабарномаҳо дар бораи гаравмониҳои молу

мулки манқул шарти асосӣ барои муқаррар намудани бартарӣ мебошад ва барои огоҳ намудани ин шахсон аз мавҷуд будани ҳуқуқҳои эҳтимолии кредиторон замина мегардад.

Ба ин тартиб, бартарии кредиторон аз рӯи навбати бақайдгирӣ дар феҳрасти электронӣ маълум карда мешавад. Бар асоси қонун, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиби бақайдгирии огоҳиномаҳои гарав ва пешбурди Феҳрасти ягонаи давлатиро муайян мекунад.

## КОРИ ТАШКИЛОТҲОИ ҚАРЗӢ ОСОН МЕШАВАД

Ба гуфтаи Гулбаҳор Назирӣ, қонуни нав ҳолатҳои бар ивази гарав додани қарзро ба таври сода инъикос карда, барои пешгирии ҳолатҳои суистифода аз ҷониби қарзгирандагон мусоидат мекунад. Қаблан қарзгиранда як молашро дар чандин ташкилот ба гарав гузошта, дар ивази он маблағ мегирифт ва рӯёнидани ин маблағҳо барои қарздиҳандагон душвор буд. Ҳоло ин мушкилот рафъ шуда, баъди мавриди амал қарор гирифтани феҳрасти ягонаи давлатӣ ҷараёни ба гаравгузорӣ шаффоф сурат мегирад. Ин навоварӣ дар навбати худ ба қарзгиранда имкон намедиҳад, ки таърихи гаравии молу мулки манқулашро пинҳон намуда, қарздиҳандагонро ба гумроҳӣ барад.

Дар гузашта фурӯши молу мулки манқули ба гарав гузошташуда танҳо баъди анҷом додани чандин расмиёти мураккаб сурат мегирифт. Барои мисол, дар ибтидо онро суд бегона мекард, ё тарафи гаравдиҳанда аз ҳуқуқи худ ба он даст мекашид ва баъдан бонк ҳуқуқи фурӯши ин амволро пайдо мекард. Ҳоло бо қабули қонуни нав ин монеъа аз миён бардошта шудааст. Минбаъд бонк аз лаҳзаи бар ивази қарз ба гарав гирифтани мол, ҳуқуқи фурӯши молу мулки манқулро пайдо менамояд. Ба ин далел, ба назари коршиносон қонуни мазкур барои ба танзим даровардани низоми қарздиҳӣ, коҳиши мӯҳлати азхудкунии молу мулки манқули ба гарав гузошташуда ва пешгирӣ аз талафоти бонкҳо мусоидат мекунад.

Ба андешаи коршиносон чунин муқарароти ҳуқуқӣ муносибатҳои пулию қарзии субъектҳоро устувор гардонида, фазои ҳуқуқӣ ва иқтисодии кишварро барои сармоягузорӣ беҳтар мегардонад. Ва ниҳоят, дастрасии аҳолӣ ва соҳибкории хурду миёна ба маблағгузории қарзӣ бештар гашта, иқтисод рушд мекунад.

Дар айни замон Гурӯҳи Бонки ҷаҳонӣ маблағгузории барномаи Феҳрасти ягонаи давлатии ӯҳдадориҳои таъминшуда ва дигар хароҷоти вобаста ба татбиқи қонуни мазкурро ба зимма гирифта, барои мавриди амал қарор гирифтани он кӯшиш карда истодааст.

## ҶОНИБҲОРО ЧӢ ПАЁМАДҲО ИНТИЗОР АСТ?

Коршиносон қабули қонуни мазкурро мутобиқ намудани қонунгузории гарави молу мулки манқул ба талаботи замон арзёбӣ мекунанд. Ба назари онҳо қабули ин қонун чунин тағйироти мусбиро дар иқтисодиёти Тоҷикистон ба вуҷуд меорад:

1. Низоми шаффоф, дақиқ ва дастраси навбати кредиторон ва афзалияти онҳо дар навбат ташкил мегардад;
2. Замони баррасии талаботи кредиторон оид ба рӯёнидан аз ҳисоби предмети таъминот, ки пештар чандин моҳ тӯл мекашид, ба таври назаррас ихтисор мегардад;
3. Феҳрасти бақайдгирии ӯҳдадориҳои таъминшуда дар асоси модели электронӣ – «лавҳаи эълонҳо» яъне, ташкили интернет-платформаи ягона, ки ба он кредиторон огоҳиномаҳоро дар бораи ӯҳдадориҳои таъминшуда бо тартиби муқаррарнамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид менамоянд, мавриди амал қарор мегирад;
4. Молу мулки манқул, аз ҷумла, молу мулки майдаи маишӣ, бинобар устувор гардидани қобилияти таъминотии он ҳар чӣ бештар ба муомилот ҷалб карда мешавад;
5. Раванди барасмиятдарорӣ, огоҳкунӣ, муайян намудани навбати кредиторон ва бартарият ҳангоми рӯёнидани гарави

молу мулки манқул шаффоф ва содда карда мешавад;

6. Дар заминаи шаффофияти таъминшаванда, имконияти ҳар гуна сӯиистифода дар муомилоти молу мулки манқул пешгирӣ ва то ҳадди имкон аз байн бурда мешавад;

7. Махзани ягонаи маълумот оид ба гардиши молу мулки манқул дар муомилот ба сифати таъминот ба вуҷуд меояд, ки барои ҳамаи иштирокчиёни муомилоти иқтисодӣ ҳамчун оинаи шаффофи дастрас хизмат мекунад;

8. Молу мулки манқул ҳамчун воситаи таъминот барои сармоягузорон, аз ҷумла, қарздеҳон, ҷолиб мегардад.

## ТАСМИМИ DOING BUSINESS ТАҒЙИР ХОҲАД ЁФТ

Қабули қонуни мазкур имкон дорад дар соли 2019 мавқеъи Тоҷикистонро дар рейтинги маъруфи Doing Business ё "Пешбурди соҳибкорӣ" -и Бонки ҷаҳонӣ якчанд зина боло барад. Мироншоҳ Раҳимов, коршиноси масоили иқтисодӣ мегӯяд, ки қонуни ҷадид монеаҳои ҷиддии сармоягузориро барҳам дода, раванди аз худ кардани молу мулки манқулро барои гаравгир осон мекунад ва замони ин корро низ хеле кӯтоҳ менамояд. Ба ин минвол, татбиқи қонуни ҷадид дар амал ба афзоиши эътибори Тоҷикистон дар арсаи байналмилалӣ мусоидат хоҳад кард.

Аз ҷониби дигар боло рафтани мавқеъи Тоҷикистон дар рейтинги Doing Business ба андозае ба ворид шудани сармоягузориҳои нав ба кишвар шароити мусоид муҳайё месозад. Зеро сармоягузорон аз рейтинги Doing Business ҳамчун манбаи муътамад барои дар оянда равона кардани сармоягузории худ истифода мебаранд.

## БА ҚОНУНҲОИ ДИГАР НИЗ ТАҒЙИРОТ ВОРИД КАРДА ШУД

Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо назардошти нав будани мафҳуми «уҳдадориҳои таъминшуда» дар қонунгузорӣ ба қонунҳои дахлдори дигар, аз қабили қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи лизинг», «Дар бораи муфлисшавӣ», «Дар бораи истеҳсолоти иҷро», Кодексҳои гражданӣ (қисмҳои 1 ва 2), Кодекси мурофиавии ҷиноятӣ, Кодекси мурофиавии гражданӣ, Кодекс дар бораи мурофиаи судии иқтисодӣ тағйиру иловаҳо ворид кард. Тағйироти ба қонунҳои мазкур воридшуда меъёрҳои гуногуни қонунгузориро ягона менамояд.

Ҳамаи ин тағйирот барои бо маълумот дар бораи молу мулки манқули таъминотӣ сари вақт таъмин гардидани кредиторон имконият медиҳад.

Ва ниҳоят, қабули қонуни мазкур барои ба танзим даровардани низоми қарздиҳӣ ва беҳтар шудани ҳолати молиявии ташкилотҳои қарзӣ мусоидат карда, масъулияти қарздоронро барои иҷрои саривақтии уҳдадориҳои пулию молиашон баланд мебардорад.

**Шарҳи**
**М.Аслам,**
**"БТҶ".**

# Пули миллӣ унсурҳои баланди ҳимоявӣ дорад

Тавре иттиллоъ дода будем, бо қарори навбатии Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон аз 1 ноябри соли 2018 бо мақсади такмил додани пулҳои коғазии арзишҳои номиналии 10, 20, 50, 200 ва 500 сомонӣ ва таъмин намудани иқтисодиёт бо нишонаҳои пулӣ, пулҳои коғазии арзишҳои номиналии дар боло овардашуда аз таърихи 1 ноябри соли равон ба муомилот бароварда шуданд.







Дар робита ба қарори боло, пулҳои коғазии арзишҳои номиналии 10, 20, 50, 200 ва 500 сомонӣ намунаи соли 2018 дар қатори пулҳои коғазӣ бо арзишҳои номиналии 10, 20, 50, 200 ва 500 сомонӣ намунаи солҳои 1999, 2010 ва 2017, ки дар муомилот қарор доранд, баробар гардиш менамоянд.

Ончуноне дар шумораҳои пешини нашрия хабар дода будем, Бонки миллии Тоҷикистон ҳамеша ҷидду ҷаҳд мекунад, ки дар муқобили тақаллубкорӣ сатҳи унсурҳои ҳимоявии пули миллиро баланд бардошта, дараҷаи ҳифозатии онро пурзӯр намояд.







Азҷумла, соли 2010 пулҳои коғазии арзишҳои 200 ва 500 сомонӣ ба муомилот бароварда шуданд, ки дар онҳо унсурҳои ҳимоявии "ранги тағйирёбанда" (адади "500"), дар рӯи "тасмача"-и голографӣ (дар пули 200 сомонӣ) "дизайни ҳимояи лазерӣ" ва "равзана"-и ҳимоявӣ (дар пули 500 сомонӣ) истифода шудаанд.

Пулҳои коғазӣ бо арзишҳои номиналии 100, 200, 500 сомонии намунаи солҳои 2017 - 2018 сад дар сад аз нахи пахта омода гардидаанд. Пулҳои коғазӣ бо арзишҳои номиналии 10, 20, 50 сомонӣ намунаи соли 2018 бошанд, дар асоси коғаз бо ҷойгир намудани маводи полимерӣ, ки имкон медиҳад вориди унсури ҳимоявии иловагӣ ба ин пулҳо таъмин гардад, омода шудаанд.






# ТАНГАИ ХОТИРАВИИ БМТ БАХШИДА БА ОҒОЗИ КОРИ НБО-и «РОҒУН»